**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

**УДК** 323.22/.28

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**Таваров Дилшодҷон Саидмуродович**

# РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР (ТАҶРИБАИ ТОҶИКИСТОН)

Ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо
ва технологияи сиёсӣ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент Сафарализода Х.Қ.

Бохтар – 2025

## М У Н Д А Р И Ҷ А


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**………………………………………. 3

**МУҚАДДИМА**………………………………………………………. 4

**Тавсифи умумии таҳқиқот**…………………………………………. 14

**БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ………………** 25

1.1. Мафҳум ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ………………… 25

1.2. Заминаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо……………………….................... 50

**БОБИ II. ОМИЛҲОИ СИЁСИИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ…………………………**....... 70

2.1. Нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ........... 70

2.2. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ….. 90

**БОБИ III. ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ДАР МАСИРИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСӢ………………** 111

3.1. Ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: меъёрҳои асосӣ ва татбиқи онҳо………… 111

3.2. Мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир……………………………………….. 131

**ХУЛОСА**…………………………………………………………… 152

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот…………** 157

**Номгӯи адабиёт**…………………………………………………… 159

**Фехристи интишороти довталаб……………………………………...** 179

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**ТИК**- Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ВАО** – Васоити ахбори омма

**ЮНЕСКО** – Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг

**NPM** – New Public Management

# М У Қ А Д Д И М А

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушду тавсеаи ҷомеаи иттилоотӣ, бахусус ташаккули инфрасохтори иттилоотии ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти ҳамарӯзаи одамонро ба куллӣ тағйир медиҳад. Дар ин раванд ҳаёти сиёсии ҷомеа дар зери таъсири дигаргуниҳои технологияю иттилоотӣ қарор гирифта, шакл ва мазмуни худро тағйир медиҳад. Тавсеаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ, дар миқёси васеъ мавриди истифода қарор гирифтани зеҳни сунъӣ ва рушди тадриҷии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ба пешбурди сиёсати давлатӣ ва роҳу усулҳои татбиқи амалии он таъсири ҷиддӣ расонида, онро ба дигаргуниҳои сифатию миқдорӣ рӯ ба рӯ менамояд. Дар ин раванд ташаккулёбии ҳукумати электронӣ ба амал омада, давлатҳо ҳадафмандона ба рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, бахусус ба беҳтар намудани унсури иттилоотии раванди идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар чунин шароит мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳокимияти иҷроия истифодаи василаҳои иттилоотӣ, иқтидори технологии шабакаи интернет, ба амал баровардани хизматрасониҳои электронӣ, тавассути истифодаи имкониятҳои нави иттилоотӣ дар шакли нав ба роҳ мондани робита бо ҷомеа бамаротиб ҷиддитар мешаванд.

Ғайр аз ин, дар замони муосир рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар ва баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатӣ аз сатҳу сифати ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии мамлакат вобаста мегардад. Давлатҳое, ки дар самти истифодаи зеҳни сунъӣ муваффақият доранд, барои таъмин кардани марҳилаҳои минбаъдаи рушди худ заминаҳои хуб фароҳам овардаанд. Дигаргуниҳои сифатие, ки тӯли ду даҳсолаи охир ба амал омадаанд, натиҷаи истифодаи васеи василаҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ мебошанд. Масалан, ба амал баровардану ташаккул додани ҳукумати электронӣ натиҷаи истифодаи василаҳои

иттилоотӣ дар соҳаи сиёсат ва идоракунии давлатӣ мебошад. Ба ҳамин монанд ба вуҷуд омадани тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ натиҷаи истифодаи василаҳои мазкур дар соҳаи иқтисодиёт мебошад. Дар умум дар сатҳи баланд қарор гирифтани ҳама гуна хизматрасониҳои электронию иттилоотӣ натиҷаи рушди зарурии инфрасохтори иттилоотии кишвар мебошад. Бинобар ин, гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, ташаккули системаи иттилоотии кишвар, ташкил намудани бойгониҳои иттилоотӣ ва серверҳои иттилоотии ширкатҳои тавлидкунандаи технологияҳои ҷадид ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат имконпазир гардонидани истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ хеле муҳим буда, рушди ояндаи ҷомеа аз онҳо вобастагии зиёд дорад.

Зарурати истифодабарии василаҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, дар заминаи онҳо ба роҳ мондани ташаккули иртиботи сиёсӣ ва аз ҳама муҳим шарту шароити ташаккулёбии ҳукумати электронӣ соли 2012 дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудаанд. Аз ҷумла, Президенти мамлакат вобаста ба ин масъала иброз намудаанд, ки: «Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва дар асоси он ташаккули ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳимми замони муосир мебошад. Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди системаи иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд» [143].

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ рӯ ба рӯ гардид. Чунин вазъ ба давлату ҳукумат имкон надоданд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар самти

ташаккули инфрасохтори иттилоотии ҷомеа корҳои зарурӣ ва иқдомҳои саривақтӣ анҷом диҳанд. Танҳо баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ва махсусан баъди сипарӣ гардидани давраи баъдиҷангӣ, яъне аз ибтидои солҳои 2000 дар мамлакат ба масъалаи рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ диққати зарурӣ дода шуд. Солҳои 2000 то 2010 дар мамлакат як қатор қонунҳо қабул карда мешаванд, ки онҳо ба масъалаҳои ҷудогонаи системаи иттилоотии мамлакат бахшида шудаанд. Инчунин аз солҳои 2000-ум то инҷониб бо мақсади рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар ва тавсеаи истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ, стратегия ва консепсияҳои соҳавӣ қабул гардидаанд. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои сиёсии дар ин самт қабулгардида имкон доданд, ки дар раванди ташаккулёбии василаҳои иттилоотию иртиботӣ марҳилаи сифатан нав ба амал оварда шавад.

Ҳамин тавр, рушди ояндаи мамлакат ва таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии кишвар аз рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар, тавсеаи истифодаи василаҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъии пайваст ба шабакаи интернет вобастагии зиёд дорад. Ҳарчанд дар мамлакат заминаҳои ҳуқуқӣ-сиёсии истифодабарии василаҳои иттилоотӣ ниҳодина гардонида шуда бошанд ҳам, як қатор масъалаҳои ҳалталаби соҳа барои рушди зарурии ҷомеаи иттилоотӣ монеа эҷод мекунанд. Аз ҷумла, нарасидани кадрҳои соҳаи технологияҳо иттилоотӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани малакаҳои касбии мутахассисони соҳаи барномасозӣ, суръати пасти шабакаи интернет, дар сатҳи зарурӣ истифода нагардидани василаҳои иттилоотӣ ва воситаҳои техникии замони муосир дар корхонаю муассисаҳо ва дар фаъолияти касбии кормандон, то ҳанӯз вуҷуд надоштани системаҳо ва порталҳои иттилоотии соҳавӣ мушкилиҳое мебошанд, ки дар ояндаи наздик бояд ҳаллу фасл гарданд. Инчунин дар

пешбурди кору фаъолият таваҷҷуҳи зарурӣ надодан ба истифодаи зеҳни сунъӣ ва автоматикунонии қисме аз амалҳо масъалаҳое мебошанд, ки дар оянда бояд ба таври маҷмуӣ ҳаллу фасл гарданд. Дар алоқамандӣ бо чунин зарурият омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ, муайян намудани хусусиятҳои хосси он, илман асоснок намудани қонуниятҳои ташаккулёбии он яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбанд. Масъалаи мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода нашудааст. Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ низ бо чунин шарҳ асоснок карда мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз солҳои 50-уми асри XX инҷониб масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илм мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Адабиёти илмии дар ин самт таҳиягардидаро шартан ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

**Ба гурӯҳи якум** асарҳои олимону донишмандонеро дохил кардан мумкин аст, ки онҳо аввалин маротиба ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ ва баррасии нишонаҳои ин навъи ҷомеа машғул гардидаанд. Ҷомеашиноси машҳури америкоӣ Д.Белл асосгузори назарияи ҷомеаи пасосаноатӣ ба шумор меравад. Ӯ пешниҳод менамояд, ки ҷомеаи пасосаноатӣ ҷомеаи иттилоотӣ номида шавад. Зеро дар ин навъи ҷомеа мубодилаи дониш ва иттилоот ба воситаи шабакаҳои иттилоотию компютерӣ амалӣ карда мешавад [30].

Назарияи навбатии ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби файласуфи америкоӣ Э.Тоффлер [62] ташаккул дода шудааст. Ӯ низ ба монанди Д.Белл таърихи рушди ҷомеаи инсониро дар шакли се мавҷи тамаддуни инсонӣ баррасӣ намудааст. Мавҷи сеюми рушди тамаддун, ба вуҷуд омадани тамаддуни пасосаноатӣ мебошад, ки он ба пайдоиши фановариҳои пешрафтаи замони муосир асос меёбад. Ба андешаи Э.Тоффлер, ба вуҷуд омадани тамаддуни нав боиси тағйир ёфтани муносибатҳои оилавӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, тағйир ёфтани тарзи

пешбурди зиндагӣ ва дар ниҳоят, боиси тағйир ёфтани шуури инсон мегардад.

Яке аз олимони дигаре, ки дар самти омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ саҳми арзанда гузоштааст, ҷомеашинос ва иқтисоддони рус В.Л.Иноземсов мебошад. Ӯ баррасиҳои Д.Белл [31] ва Э.Тоффлерро ба таври амиқу дақиқ таҳлил намуда, назарияи «таҳаввулоти раванди рушди тамаддун»-ро ташаккул додааст. Ба ақидаи В.Л.Иноземсов [37; 39], чи гунае, ки рушди инсон бе таъминоти моддии он номумкин аст, пешрафти технологӣ низ бе назардошти рушди инсон ғайриимкон аст.

Инчунин олими испаниягӣ М.Кастелс [40; 41; 42] низ дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ таҳқиқоти арзишманд анҷом додааст.

Дар Шарқ бори аввал ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ олимони машҳури Япония Й.Масуда ва Ю.Хаяши машғул гардидаанд. Й.Масуда асареро зери унвони «Ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи пасосаноатӣ» нашр намудааст.

Ҳамин тариқ, андешаҳои Д.Бел, Э.Тоффлер, В.Иноземсев, М.Кастелс, Й.Масуда ва Ю.Хаяши дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи мутамаддин заминаи хуб фароҳам оварда, консепсияҳои классикии ҷомеаи иттилоотиро ташаккул додаанд.

**Гурӯҳи дуюми** асарҳои илмиро таҳқиқоти олимоне ташкил медиҳанд, ки дар тӯли се даҳсолаи охир ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардидаанд. Ин гурӯҳи олимон бевосита ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардида, дар таҳқиқоти худ ин масъаларо ба сифати объекти таҳқиқот қарор додаанд.

Чунончӣ, дар таҳқиқоти илмии М.Ф. Фридман [66] моҳият, хусусият, нишонаҳо ва аломатҳои ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Олими немис Г.Бехман [32] шаклҳои мухталифи ҷомеаи иттилоотиро ба таври зерин муаррифӣ ва маънидод намудааст: ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун иқтисоди иттилоотӣ; ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи пасосаноатӣ; ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи донишгаро.

Муҳаққиқи рус О.Ф. Волочаева [124] раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки афзалият пайдо намудани «меҳнати фикрӣ» нисбат ба «меҳнати дастӣ» заминаи асосии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

И.С. Мелюхин [128] дар таҳқиқоти худ нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар пешбурди кору фаъолият нишон додааст. Ӯ ифроз медорад, ки соҳаи саноат, энергетика, соҳаҳои хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт бе истифодаи технологияҳои мазкур фаъолияти худро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда наметавонанд ва дар раванди рақобат мавқеи шоистаи худро аз даст медиҳанд.

А.А. Моргунов [129] бошад ба нишонаҳои муҳимтарини ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро вобаста ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ асоснок намудааст. Ӯ муътақид аст, ки дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар соҳаҳои хоҷагидорӣ, идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва дигар соҳаҳо нақши иттилоот ва омили иттилоотӣ хеле боло меравад.

Файласуфони шинохтаи рус А.И. Ракитов рушди ҷомеаи иттилоотиро бо беҳтар намудани фаъолиятҳои ҳаётии инсон ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо алоқаманд менамояд. Ба андешаи ӯ, ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеае мебошад, ки дар он ҳамаи технологияҳои иттилоотӣ – компютер, низомҳои иттилоотӣ, алоқаҳои ноқилӣ, маҳворавӣ ва навъҳои дигари алоқа, дастгоҳҳои видеоӣ, барномаҳои компютерӣ ва таҳқиқоти илмӣ барои дастраси ҳамагон гардонидани иттилоот бояд хизмат намоянд, то ки иттилоот ва маълумоти

зарурӣ дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон ба таври фаъол истифода бурда шаванд [109].

Чунин тарзи баррасии масъала дар асарҳои илмию таҳқиқотии А.А. Соколов [61], И.Н. Курносов [88], Н.В. Литвак [47], С.А. Юрикова [68], С.А. Дятлов [80], А.Н. Лаврухин [89], Ю.В. Маркина [92] ва чанде дигарон низ дида мешавад, ки онҳо аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.

**Гурӯҳи сеюмро** асарҳои олимоне ташкил медиҳанд, ки дар раванди омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ дар таҳқиқоти худ ба омилҳои сиёсии ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо муайян намудани нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ва рушди ҳукумати электронӣ низ, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муҳаққиқи рус А.А. Голубева [78] шарту шароити ташаккулёбии ҳукумати электрониро мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин раванд афзалият пайдо намудани як қатор самтҳои фаъолиятро баррасӣ намудааст. Чунончӣ, идоракунии электронӣ, ба роҳ мондани муносибати электронӣ бо шаҳрвандон ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои электронӣ, рушди ҷомеаи иттилоотӣ аз он қабил фаъолиятҳо ба шумор меравhaнд.

Ба андешаи М.Ю. Павлютенкова ва А.А. Сваруп [105], дар мазмуни маҳдуд шарҳ додани ҳукумати электронӣ ва танҳо ба соҳаи идоракунии давлатӣ алоқаманд намудани он одатан хосси ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Аммо дар мазмуни васеъ ҳукумати электронӣ масъалаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки дар амал татбиқ гардидани онҳо дар ниҳояти кор боиси рушди ҷомеаи иттилоотӣ мегардад.

Роҷеъ ба моҳияти ҳукумати электронӣ муҳаққиқи рус М.С.Вершинин андешаи ҷолиберо пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, ҳукумати электронӣ «системаи муколамаи давлат ва аҳолӣ бо истифода аз шабакаи интернет» мебошад [35]. Дар чунин маврид дар заминаи истифодабарии

василаҳои иттилоотию иртиботӣ тағйирёбии шакли идоракунии давлатӣ ва дар шакли ҷадид ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назар дошта мешавад.

Л.В. Сморгунов раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро мушоҳида намуда, як қатор хулосаҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудааст. Ӯ муътақид аст, ки дар системаи идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии низомҳои нави идоракунии давлатӣ, аз ҷумла ташаккулёбии ҳукумати электронӣ яке аз аввалин қадамҳои ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани системаи идоракунии давлатӣ ба шумор меравад [115].

Дар ин самт инчунин таҳқиқоти А.В. Волокитин [77], И.Н. Курносов [77], М.А. Положихина [107], А.В. Манойло, А.И. Петренко, Д.Б. Фролов [48] ва дигарон хеле аҳамиятнок мебошанд.

**Гурӯҳи чорумро** асарҳои олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти олимону муҳаққиқони ватанӣ масъалаҳои ҷудогонаи соҳаи иттилоот, аз қабили амнияти иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, кибертерроризм ва монанди инҳо омӯхта шудаанд.

Чунончӣ, А.Н. Муҳаммад [94; 95] дар таҳқиқоти худ бештар ба масъалаи амнияти иттилоотӣ ва киберҷиноятҳо, аз қабили кибертерроризм, киберэкстремизм, тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию экстремистӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ диққати бештар додааст.

Х.Қ. Сафарализода [111] ба масъалаҳои кибертерроризм ва киберэкстремизм таваҷҷуҳ намуда, онро ҳамчун натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ медонад. Инчунин дар таҳқиқоти ӯ, зарурати рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ нишон дода шудаанд.

Муҳаққиқи ватанӣ Р.Л. Давлатов [125] омилҳои фарҳангию маънавии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро баррасӣ намуда, рушди

технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро ҳамчун омили баҳамназдикшавии фарҳангҳо муаррифӣ кардааст.

Дар рисолаҳои илмии А.Х. Ибодов [126], П.А. Маҳмадов [127] ва Қ.И. Сафиев [130] паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, вобаста ба рушди системаи иттилоотии мамлакат ва таъмини амнияти он, самаранок истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои иттилоотӣ хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод гардидаанд.

Чунин андешаҳои ҷолиби диққатро дар асарҳои илмии С.А. Раҷабов [108] ва О.С. Обидзода [52] ва дигарон низ мушоҳида намудан мумкин аст.

**Гурӯҳи панҷумро** асарҳои он олимону муҳаққиқоне ташкил медиҳанд, ки онҳо дар корҳои илмию таҳқиқоти худ ба масъалаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ, ҳукумати электронӣ ва истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва масъалаҳои мазкурро ба таври умумӣ баҳогузорӣ намудаанд. Дар миёни онҳо мақолаҳои илмию таҳқиқотии чунин муҳаққиқон, ба монанди Т.В. Ершова [82], Ю.Е. Хохлов [82], А.С. Ниёзов, И.С. Шамсов [100] ва дигарон барои баррасии баъзе аз паҳлуҳои масъалаи мазкур аҳамиятнок мебошанд.

Аммо дар маҷмуъ ҳанӯз ҳам масъалаи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида таҳқиқ нагардидааст ва объекти таҳқиқоти илмӣ қарор наёфтааст, ки чунин вазъият муҳиммияти омӯзиши ин масъаларо боз ҳам бештар менамояд. Таҳқиқоти мазкур барои мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм, ки ба омӯзиши самтҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ машғуланд, заминаи илмию назариявӣ фароҳам меорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчубаи иҷроиши мавзуи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ» (барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025) гузаронида шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «иттилоотикунонӣ», «ҳукумати электронӣ», «амнияти иттилоотӣ», «кибертерроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот –** таҳқиқи хусусиятҳои бевоситаи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти дигаргуниҳои сиёсию технологии замони муосир нишон додани дурнамои рушди он.

Ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои таҳқиқот ва амалӣ кардани мақсади таҳқиқот иҷро гардидани **вазифаҳои** зерин пеш гузошта шудаанд:

– дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ҷомеаи иттилоотӣ ва нишон додани мазмуну моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи он;

– дар асоси омӯзиши қонуниятҳои рушди ҷомеаҳои муосир муайян намудани заминаҳои асосии инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва самтҳои гуногуни он;

– муайян намудани нақш ва мавқеи давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва асоснок намудани омилҳои сиёсии он;

– нишон додани аҳамият ва зарурияти истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар низоми идоракунии давлатӣ;

– мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додани шарту шароит ва заминаҳои асосии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар шароити муосир.

**Предмети таҳқиқот –** заминаҳои пайдоиш, монеаҳо, мушкилот, дурнамои рушд ва хусусиятҳои хосси тағйирёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар ҷаҳони муосир ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба воқеият ва талаботи давру замон табдил ёфтааст. Гузашта аз ин, рушди ҳукумати электронӣ шарти муҳимми ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Тибқи муқаррароти назарияи ҷомеаи иттилоотӣ - ҳукумати электронӣ низоми ҳамкории давлат ва шаҳрвандон тавассути интернет мебошад. Дар шароити ҳукумати пешрафтаи электронӣ хусусиятҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст: Дар сатҳи баланд истифода гардидани василаҳои иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла порталҳои интернетии давлатӣ ва системаҳои иттилоотӣ барои расонидани хидматҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо. Истифодаи васеи технологияҳои мазкур дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлатӣ. Ин имкон медиҳад, ки ҳамкории байни институтҳои давлатӣ дар заминаи технологияҳои ҷадид ба роҳ монда шавад, истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар муносибатҳои байни давлат ва шаҳрвандон, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, таъмини самаранокии фаъолияти ҳукумат ва ташаккули назорати ҷамъиятӣ рушд ёбад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур солҳои 2017-2020 дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот дигаргуниҳои технологию иттилоотии се даҳсолаи охир ҳамчун омили таъсиррасон ба ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ интихоб гардидааст. Асосан, рӯ овардани давлатҳо ва ҳукуматҳо ба технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор додани технологияҳои мазкур, бахусус ташаккули ҳукумати электронӣ маҳз се даҳсолаи охир ба амал омад. Дар ин давра инчунин масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии ҷиноятҳои иттилоотию

кибернетикӣ мубрам гардид. Давлатҳои замони муосир дар дуроҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ қарор гирифтаанд. Аз як ҷониб рушди ҷомеаи иттилоотӣ кафили рушди соҳаҳои дигар ба шумор меравад. Аммо аз ҷониби дигар бо рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа хавфу хатари таҳдидҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои киберӣ ва киберҷиноятҳо меафзоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти мазкур муаллиф ба назарияҳои классикӣ ва замони муосир такя намуда, қонуниятҳои рушди ҷомеаи иттилоотиро бо назардошти онҳо муайян намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои «пасосаноатӣ», «ҷомеаи донишгаро», «мавҷи сеюм», «иртиботи оммавӣ», «иқтисоди иттилоотӣ», «ҳукумати электронӣ» ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот методҳои муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, вазифавӣ, сохторӣ, навъбандӣ, таҳлил ва таҷзия ба таври васеъ истифода гардидаанд. Таҳлил ва таҷзия имкон доданд, ки таърифҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои бевоситаи онҳо нишон дода шаванд. Истифодаи методи муқоисавӣ барои омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар ин давлатҳо шароити хуби методологӣ фароҳам овард. Навъбандӣ барои муайян намудани навъҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва қонуниятҳои рушди онҳо хеле мувофиқ ба шумор меравад. Таҳлили системавӣ ва методи вазифавӣ барои омӯзиши унсурҳои таркибии ҷомеаи иттилоотӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ба воситаи он таркиби ҷомеаи иттилоотӣ ва тағйирёбии мундариҷаи системаи иттилоотии мамлакат муайян карда шуд. Инчунин, дар раванди таҳқиқот методи диалектикӣ низ истифода гардидааст. Бо ёрии ин метод ҷомеаи иттилоотӣ дар қолаби рушди таърихӣ баррасӣ гардида, занҷираи «ҷомеаи аграрӣ - ҷомеаи саноатӣ - ҷомеаи пасосаноатӣ» ҳамчун қонунияти диалектикӣ дониста шуда, ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди инсоният муаррифӣ гардидааст.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот инчунин як қатор сарчашмаҳои иттилоотӣ низ истифода бурда шудаанд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст.

**Гурӯҳи якумро** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷатҳои аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ қабулшуда ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, ба ин гурӯҳ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ва дигарон дохил шудаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** осори бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил медиҳанд. Дар асарҳои мазкур дигаргуниҳои ҷаҳони муосир, тавсияҳо барои истифодаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти таҳқиқи давлатдории миллӣ, таҳкими пояҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, омода намудани кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ, рушди илмҳои дақиқ ва техникӣ, истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, забономӯзии ҷавонон ва ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар замири ҷавонон ва наврасон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ, хусусиятҳои хоси он ва раванди ташаккулёбии ин навъи ҷомеа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо объект ва предмети таҳқиқот мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– назарияҳои сиёсӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, дар заминаи таҳлили онҳо моҳият, хусусият ва инчунин нишонаҳои аввалиндарачаю дуюмдарачаи ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардидаанд;

– раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми он муайян карда шудаанд;

– нақш ва мавқеи давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва системаи иттилоотии мамлакат вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инчунин, таъмини амнияти иттилоотии кишвар нишон дода шудаанд;

– дар радифи ташаккулёбии ҳукумати электронӣ нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат муайян карда шудаанд;

– раванди ташаккулёбии системаи иттилоотӣ ва заминаҳои пайдоиш ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд;

– мушкилоте, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, муайян карда шуда, дар асоси онҳо дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи навбатии рушди ҷомеа мебошад ва барои таъмини рушди устувори он ташаккули ҳамаҷонибаи ин модел зарур аст. Дар назарияҳои классикӣ ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди инсоният ва ҷомеаи пасоиндустриалӣ баррасӣ карда мешавад. Аммо назарияҳои муосир ба хусусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ диққати бештар дода, онҳоро ба тарзи зерин муайян мекунанд: дараҷаи баланди компютеркунонии соҳаҳои гуногуни ҳаёт; ташаккули системаи иттилоотӣ; мавҷудияти маълумоти зарурӣ; табдил додани системаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ба манбаи муҳими сиёсию ҷамъиятӣ; ҳузури ҳукумат дар шабакаи интернет ва таъсиси ҳукумати электронӣ; оғози

ташаккулёбии вебсайтҳо ва системаҳои иттилоотӣ; татбиқи хидматҳои электронӣ дар соҳаҳои гуногун.

2. Рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ робитаи қавӣ дорад, аммо дар баробари ин рушди соҳаҳои илм, маориф, навоварии техникӣ, рушди иқтисодиёт, мундариҷаи саноати иттилоотӣ, фарҳанг ва махсусан сиёсати давлатӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Истифодаи телефонҳои мобилӣ, компютерҳои фардӣ, телевизионҳои рақамӣ, шабакаи интернет ва дигар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тарзи пешбурди ҳаёт, кору фаъолият, таҳсилу фароғат ва муошироти одамонро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Василаҳои иттилоотию иртиботӣ унсури муҳимтарини системаи ҷомеа ба шумор меравaнд, аз ин рӯ на танҳо пешрафти технологӣ, балки пешрафти иҷтимоӣ, рақобатпазирии иқтисодии мамлакат, мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, нақши давлат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, имконият ва қобилияти рушди ниҳодҳои демократӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ва ғайраҳо аз онҳо вобастагӣ пайдо намудаанд.

3. Сиёсати иттилоотонии давлат метавонад то дараҷаи зарурӣ рушди ҷомеаи иттилоотиро таъмин намояд. Сиёсати иттилоотонӣ хусусияти сифатӣ дорад ва дигаргуниҳои ҷомеа аз миқёси истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ вобаста мебошад. Сиёсати иттилоотонӣ фаъолияти давлатие мебошад, ки барои дастраси кулли ҷомеа гардонидани иттилооти зарурӣ ба амал бароварда мешавад. Дар маҷмӯъ иттилоотониро раванди дар соҳаҳои гуногун сохта ба истифода додани низомҳои иттилоотӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Чунин навъи сиёсат аввалин маротиба солҳои 70-80-уми қарни гузашта дар як қатор давлатҳои Европаи Ғарбӣ, Америка ва Япония амалӣ шуда буд. Аллакай дар ибтидои асри XXI як қатор давлатҳои пешрафта барномаҳои миллии ҷомеаи иттилоотиро ташаккул додаанд, ки дар заминаи он рушди ҷомеаи худро марҳила ба марҳила таъмин менамоянд.

4. Дар охири асри XX дар раванди фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавриди истифода қарор додани василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин иқдом яке аз воситаҳои ташаккулдиҳии системаи идоракунии давлатӣ ва сиёсати давлатӣ дониста мешавад. Бо ин мақсад дар давлатҳои Ғарб дар заминаи истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ назарияи «New Public Management» (NPM) ташаккул дода мешавад. Чунин иқдом яке аз аввалин қадамҳои ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани системаи идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Дар охири солҳои 1990 ва ибтидои солҳои 2000 вобаста ба меъёрҳои ташкили идоракунии давлатӣ муносибати нав ба вуҷуд оварда мешавад, ки онро «Good Governance», яъне идоракунии хуб ва ё дар сатҳи зарурӣ ба амал баровардани идоракунии давлатӣ номидан мумкин аст. Каме дертар дар зери таъсири рушди бемайлони василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва баланд гардидани иқтидору имконияти техникию технологии онҳо назарияи «e-government» (ҳукумати электронӣ) ташаккул меёбад ва дере нагузашта дар ҷаҳони сармоядорӣ ва давлатҳои демократӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо менамояд. Баъди ташаккулёбии назарияи мазкур маълум гардид, ки дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтани василаҳои иттилоотию иртиботӣ набояд ҳамчун механизми ислоҳоти маъмурӣ баррасӣ гардад, балки ин раванд бояд воситаи гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигари идоракунии давлатӣ дониста шавад.

5. Ҳарчанд заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду даҳсола пеш оғоз гардида бошад ҳам, дар шароити муосир, ки рушди бемайлони василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба мушоҳида мерасад, барои мамлакат ташаккул додани назарияи ҷомеаи иттилоотӣ хеле зарур мебошад. Нақш ва мавқеи давлат дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ, иқтидори рақобатпазирии мамлакат, рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа, рушди шахсият, сатҳу сифати зиндагӣ, рушди саноати иттилоотии мамлакат, рушди фарҳанг ва

забони давлатӣ, таҳкими ягонагии иттилоотии мамлакат ва дар маҷмӯъ рушди системаи иттилоотии мамлакат аз мавҷудияти консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ ва меъёрҳои мушаххаси он вобастагии зиёд доранд. Солҳои 2000 то 2010 дар мамлакат як қатор қонунҳо ва қарорҳо қабул гардиданд, ки онҳо ба масъалаҳои ҷудогонаи системаи иттилоотии мамлакат бахшида шудаанд. Тавре таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қарорҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшуда нишон медиҳад, масъалаи рушди ҳукумати электронӣ ва рушди василаҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ибтидои солҳои 2000 оғоз гардида буд. Аммо рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон ва истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбии худ қарор доранд ва дар самти истифодабарии онҳо ҳанӯз ҳам монеаҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

6. Дар замони муосир рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз сатҳу сифати истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ вобаста мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи василаҳои иттилоотӣ дар марҳилаҳои аввал қарор дорад ва дар оянда низ рушди онҳо ба амал хоҳад омад. Аммо рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои гуногун, махсусан дастраси умум гардидани шабакаи интернет, дар баробари таъмини рушду инкишоф, инчунин як қатор мушкилиҳоро ба миён овардааст. Дар миёни онҳо кибертерроризм ва киберэкстремизм зуҳуроте мебошанд, ки дар заминаи истифодаи василаҳои иттилоотии замони муосир зоҳир мегарданд ва ба амнияти миллӣ таҳдид менамоянд. Ба мавҷудияти ҳамаи ин мушкилиҳо, бахусус хавфу хатари фазои иттилоотии ҷомеа нигоҳ накарда бояд рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба амал бароварда шавад ва дар самти ташаккулёбии он шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Аммо дар кишвар раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ гаштааст. Пеш аз ҳама, норасоии мутахассиони соҳаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани малакаҳои

касбии барномасозон, сатҳи пасти саводнокии компютерии шаҳрвандон, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир накардан ба истифодаи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтану мавриди истифода қарор нагирифтани порталҳои иттилоотии миллӣ ва монанди аз ҷумлаи ин мушкилиҳо ба ҳисоб мерав静нд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳои назариявие, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ аҳамияти илмию методологӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо метавон истифода бурд. Инчунин маводи диссертатсия барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии фанҳои зикргардида низ метавонанд истифода гарданд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои амалии муаллиф метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ истифода намудан мумкин аст. Тавсияҳои амалии довталаб ва хулосаҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои марбут ба инфрасохтори иттилоотии ҷомеа метавонанд мусоидат кунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур доираи васеи адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар коркарди ҷанбаҳои назариявию методологии объекти таҳқиқот назарияҳои илмӣ ва консепсияҳои методологии олимони ватанию хориҷиро фаровон истифода бурдааст. Инчунин дар таҳқиқот барои асоснок намудани тезисҳои диссертатсия санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, оморҳои аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ таҳияшуда, нишондоди

рейтингҳои байналмилалӣ, маводи расонаҳои хабарии ватанию хориҷӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатиро низ истифода кардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 6-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Афзудани нақши воситаҳои ахбори омма дар шароити татбиқшавии ҷомеаи иттилоотӣ» ва «Воситаҳои ахбори омма ва масъалаҳои амнияти иттилоотӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шуда, мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб ба шумор меравад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, бо қарори маҷлиси кафедраи мазкур барои ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар 1 монография, 6 мақолаи илмӣ ва 2 маърузаи илмии довталаб инъикос гардидаанд. Мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Дар матни диссертатсия 7 ҷадвал ҷойгир карда шудаанд. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 163 ададро ташкил медиҳанд.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ

Дар замони муосир як қатор олимону муҳаққиқон вобаста ба рушди ҷомеаҳои мутамаддин ва инчунин дар бораи ояндаи онҳо андешаронӣ намуда, дар доираи таҳқиқоти худ консепсия ва назарияҳои гуногуни илмиро ташаккул додаанд. Онҳо барои ифодаи моҳияти ҷомеаҳои мазкур мафҳумҳои гуногунро истифода бурдаанд. Чунончи, «ҷомеаи электронӣ», «ҷомеаи иттилоотӣ», «ҷомеаи пасосаноатӣ», «ҷомеаи кибернетикӣ», «ҷомеаи мутамаддин», «ҷомеаи дорои мутахассисони касбӣ», «ҷомеаи донишгаро», «сармоядории иттилоотӣ» ва монанди инҳо. Дар миёни онҳо назарияи ҷомеаи иттилоотӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, паҳлуҳои гуногун ва хусусиятҳои муҳимми ҷомеаҳои мутамаддинро ифода менамояд. Гузашта аз ин, то ба имрӯз шумораи зиёди олимону муҳаққиқон дар робита бо рушди ҷомеаи иттилоотӣ паҳлуҳои гуногуни онро дар доираи консепсияҳои илмии худ таҳқиқ намудаанд. Бе шакку шубҳа маҳз мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» метавонад моҳияти асосии дигаргуниҳои технологӣ, пешрафти иқтисодӣ, тағйирёбии сохтори иҷтимоӣ, қонуниятҳои рушди ояндаи кишвар, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардонидани муносибатҳои ҷамъиятӣ, қонеъ намудани талаботи иттилоотию технологии одамон ва дар маҷмуъ рушди ҷомеаро ифода намояд.

Бояд гуфт, ки пажӯҳишҳои илмӣ дар мавриди омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотии ҷомеа бо назардошти рушду тавсеаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ пайдо гардида, тадриҷан соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Чунин раванди тавсеаи василаҳои иттилоотӣ боиси он гардид, ки олимону муҳаққиқони гуногун

моҳият, хусусият ва марҳилаҳои мухталифи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро бо назардошти соҳаи мушаххас шарҳ диҳанд. Дар натиҷа вобаста ба моҳияти ин масъала андешаҳои мухталиф иброз мегарданд. То ба имрӯз дар мавзуи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои муҳимми ин раванд шумораи зиёди корҳои илмию таҳқиқотӣ анҷом дода шудааст. Аммо то ҳанӯз вобаста ба моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ ва ё раванди ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа андешаи ягона вуҷуд надорад. Як қатор олимон пайдоиши ҷомеаи иттилоотиро бо пешрафти технологияҳои коммуникатсионӣ ва техникаи ҳисоббарор алоқаманд менамоянд, ки ин раванд ҳанӯз дар ибтидои асри XX ба амал омада буд [61, с.34].

Вобаста ба он ки аввалин маротиба мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» аз ҷониби кӣ истифода гардидааст, андешаи ягона мавҷуд нест. Ба андешаи гурӯҳи аввали олимон, мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» бори аввал аз ҷониби олим ва пажӯҳишгари ҷопонӣ Ю.Хаяши истифода бурда шудааст. Ба андешаи гурӯҳи дигари олимон, муаллифи ин мафҳум олими канадагӣ М.Маклюэн мебошад. Бояд қайд кард, ки аллакай дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX як қатор олимону муҳаққиқон дар бораи таназзули тамаддуни саноатӣ, оғози рушди хизматрасониҳои иттилоотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди рушду инкишофи инфрасохтори иттилоотии ҷомеа андешаҳои худро баён карда буданд. Масалан, олими амрикоӣ Э.Тоффлер воситаҳои иртиботи ҷамъиятиро омили асосии рушду инкишоф ва пешрафти ҷомеа муаррифӣ карда буд. Дар таҳқиқоти олими шинохтаи амрикоӣ Дэниел Белл таъкид мегардад, ки: «Рушди технологияҳои компютерӣ боиси иттилоотонии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ; рушди шабакаҳои компютерӣ боиси ба вуҷуд омадани бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ мегарданд» [30].

Дар солҳои 80-ум аллакай назарияи «ҷомеаи иттилоотӣ» яке аз назарияҳои афзалиятноки ҷомеаи пасосаноатӣ арзёбӣ мегардад. Ба

андешаи намояндагони назарияи мазкур, пешрафти илмӣ-техникӣ боиси ба вуҷуд омадани василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва самаранок гардидани истеҳсоли донишҳои илмӣ мегардад, ки дар натиҷа суръати рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаҳои муосир меафзояд.

Дар миёни олимону назариячиёни масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ андешаҳои ҷомеашиносони шинохта Д.Белл, Э.Тоффлер ва В.Л. Иноземсев [30; 37; 62] хеле муҳим мебошанд. Олимони мазкур ба омӯзиши ҷомеаҳои пасосаноатӣ ба таври ҷиддӣ машғул гардида, дар асарҳои илмии худ паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо таҳлилу таҳқиқ кардаанд, ки андешаҳои онҳо барои фаҳму дарки ҷомеаи иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотии ҷомеа хеле арзишманданд. Дар таҳқиқоти олимони мазкур ҷомеаи иттилоотӣ ҳамшабеҳи ҷомеаи пасосаноатӣ дониста мешавад.

Ҷомеашиноси машҳури амрикоӣ Д.Белл асосгузори назарияи ҷомеаи пасосаноатӣ ба шумор меравад. Ӯ дар асоси таҳлили се марҳилаи рушди таърих назарияи худро ташаккул додааст. Ба ақидаи Д.Белл, тамаддуни инсонӣ се марҳилаи асосии рушду инкишофро аз сар гузаронидааст: 1) тосаноатӣ; 2) саноатӣ ва 3) пасосаноатӣ. Ба андешаи ӯ, дар ҷомеаи тосаноатӣ муносибати инсон бо табиат хеле сода ба назар мерасад. Зеро дар чунин навъи ҷомеа барои қонеъ намудани талаботи инсон усулҳои анъанавии меҳнат ва меҳнати ғайрикасбӣ истифода гардида, онҳо аз насл ба насл интиқол дода мешуданд. Дар ин марҳилаи тамаддун одамон маҳсулоти бадастовардаи худро бе коркарди иловагӣ истифода мебурданд. Дар ҷомеаи саноатӣ бошад, аллакай дар байни одамон ва табиати ба тағйирот дучоршуда муносибати мутақобила барқарор гардида, маҳсулоти бадастомада дар шароити истеҳсолоти сунъӣ мувофиқи шавқу завқи одамон коркард гардида, ин соҳа ба воситаи мутахассисони касбӣ ва таъминоти техникию энергетикӣ ташаккул дода мешавад. Дар ҷомеаи пасосаноатӣ бошад, муносибатҳои мутақобилаи байни одамон афзалияти муҳим касб намуда, рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ аз худи одамон

вобаста мегарданд. Дар ҷомеаи мазкур муҳандисон ва олимон қувваҳои пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, иттилоот ва дониш манбаи асосии пешрафти ҷамъиятӣ дониста мешавад. Д.Белл пешниҳод менамояд, ки: «Ҷомеаи пасосаноатӣ ҷомеаи иттилоотӣ номида шавад. Зеро дар ин навъи ҷомеа мубодилаи дониш ва иттилоот ба воситаи шабакаҳои иттилоотию компютерӣ амалӣ карда мешавад» [30, с.615].

Мазмун ва мундариҷаи назарияи Д.Белл оид ба моҳияти ҷомеаи пасосаноатӣ (иттилоотӣ) чунин ҳолатҳоро ифода менамояд:

– донишҳои назариявӣ ва технологияҳои муосири компютерӣ имкон медиҳанд, ки дар ҷомеа навоварии истеҳсолот ва истифодаи технологияҳои нави замонавӣ таъмин карда шаванд. Рушди илм имкон медиҳад, ки ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ боло бурда шавад. Ба ақидаи Д.Белл: «Агар дар ҷомеаҳои саноатӣ моликият ва меҳнат унсурҳои муҳимми ҷомеа ба шумор раванд, пас дар ҷомеаи пасосаноатӣ иттилоот ва дониш асоси ҷомеаро ташкил медиҳанд» [30, с.655];

– соҳаҳои гуногуни хизматрасонӣ, ки то ин дам бахши сеюмдараҷаи ҷомеа дониста мешаванд, дар муносибат бо бахшҳои якумдараҷа (истеҳсолот ва хоҷагии қишлоқ) ва дуюмдараҷа (саноат ва сохтмон) мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамоянд;

– дар ҷомеаи иттилоотӣ мутахассисони касбӣ гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба шумор нарафта, баръакс табақаи касбӣ-техникии ҷомеаро ташаккул медиҳанд. Ин табақаи ҷамъиятӣ аз чаҳор гурӯҳи мутахассисон иборат мебошад: 1) Мутахассисони соҳаи илм ва кормандони илмӣ; 2) Кормандони техникӣ, мутахассисони соҳаи техника, масалан, муҳандисон, олимони соҳаи илмҳои техникӣ; 3) Кормандони маъмурӣ, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ, кормандонии маъмурии ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коргузорони ширкатҳои калон; 4) Кормандони соҳаи фарҳанг, ҳунармандон, таҳлилгарон, шореҳи масъалаҳои ҷамъиятӣ, кормандони шуъбаҳои робита бо ҷомеа ва ғ.

– баланд гардидани нақши дониш ва илм боиси ташаккулёбии меритократия[1] мегардад. Қобилиятҳои фикрию таҳлилӣ, тафаккури мантиқӣ ва касбияти кормандон арзиши олидарача ба шумор рафта, дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ низ ба онҳо афзалият дода мешавад. Дар чунин шароит системаи сиёсии ҷомеа низ ба дигаргунии ҷиддӣ мувоҷеҳ мегардад;

– ҷомеаи иттилоотӣ аз рӯйи хусусиятҳои худ ба демократияи иттилоотӣ табдил меёбад. Ин гуна дигаргуниҳо маънои онро дорад, ки системаи сиёсии ҷомеа зери таъсири рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба сӯйи демократияи электронӣ ва ташаккулёбии ҳукумати электронӣ майл мекунад ва дар натиҷа дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ маданияти типи нав, маданияти иттилоотӣ ва фарҳангии иттилоотии ҷавобгӯ ба талаботи сиёсии ҷомеа ташаккул меёбад. Ин равандро баъзан вақт раванди модернизатсияи сиёсӣ низ номидан мумкин аст. Зеро дар раванди идоракунии давлатӣ низ шахсони дорои донишҳои наву замонавӣ ба фаъолият машғул мегарданд. Бояд гуфт, ки рушди низомҳои иттилоотии давлатӣ, таъминои иттилоотии раванди идоракунии давлатӣ, ташаккулёбии ҳукумати электронӣ тавсеаи хизматрасониҳои электронӣ аз онҳо вобаста мебошад [30, с.665].

Бояд ёдовар шуд, ки Д.Белл ҳангоми баррасии масъалаҳои ҷудогона андешаҳоеро ҷонибдорӣ менамояд, ки онҳо баъзан хилофи ҳамдигаранд. Чунин ҳолат аз мавқеи сиёсию идеологии ӯ вобаста мебошад. Д.Белл дар яке аз мулоҳизаронии худ қайд намуда буд, ки: «Ман нисбат ба соҳаи иқтисодиёт сотсиалист, нисбат ба соҳаи сиёсат либерал ва нисбат ба фарҳанг консерватор мебошам» [61, с.171]. Бинобар ин, ҳангоми таҳлили назарияи Д.Белл чунин ҳолат бояд ба инобат гирифта шавад.

Назарияи навбатии ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби файласуфи америкоӣ Э.Тоффлер ташаккул дода шудааст. Ӯ низ ба монанди Д.Белл

---

[1] Меритократия аз калимаи лотинии meritus – арзанда ва калимаи юнонии kratos - ҳокимият гирифта шуда, маънояш ҳокимияти шахсони арзанда мебошад.

таърихи рушди ҷомеаи инсониро дар шакли се мавҷи тамаддуни инсонӣ баррасӣ намудааст. Мавҷи аввалро тамаддуни тосаноатӣ номидааст. Ба андешаи Э.Тоффлер, дар ин марҳилаи рушди тамаддун, ки тахминан аз асри VIII т.м. то солҳои 1650-1750-ро дар бар мегирад, меҳнати дастӣ афзалиятнок дониста мешуд. Мавҷи дуюми рушди тамаддун бо пайдоиш ва рушди ҷомеаи саноатӣ, ки дар миёнаи асри XVII оғоз ёфта, то миёнаи асри XX идома ёфт, мувофиқат мекунад. Албатта, Э. Тоффлер тафаккури худро бо назардошти рушди ҷомеаи амрикоӣ таҳия кардааст. Нуқтаи ниҳоии рушди ҷомеаи саноатӣ дар миёнаи асри XX маҳз ба Амрико рост омад. Аммо ҷомеаҳои дигар ҳанӯз дар нимаи ин масир қарор доранд. Ба ақидаи Э.Тоффлер, дар ҷомеаи саноатӣ шумораи кормандони соҳаи хизматрасонӣ, ки рушди ин соҳаҳоро таъмин мекунанд, афзудааст. Мавҷи сеюми рушди тамаддун, аз тарафи дигар, пайдоиши тамаддуни пас аз саноатӣ мебошад, ки ба пайдоиши технологияҳои пешрафтаи муосир асос ёфтааст. Ба ақидаи Е. Тоффлер, пайдоиши тамаддуни нав ба тағйирёбии муносибатҳои оилавӣ ва меҳнатӣ, ба тағйирёбии тарзи зиндагӣ ва дар ниҳоят ба тағйирёбии шуури инсон оварда мерасонад. Э.Тоффлер дар заминаи назарияи худ низоъҳои сиёсии замони муосирро низ таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки онҳо натиҷаи бархӯрди мавҷҳои тамаддуни инсонӣ мебошанд. Ба андешаи ӯ: «Миллионҳо одам тарзи зиндагии худро бо талаботҳои оянда мутобиқ гардонида, баръакс қисми дигари онҳо аз оянда дар ҳарос мебошанд ва аз ин рӯ, онҳо доимо ба гузаштае, ки дигар ҳеҷ фоидае надорад, рӯ меоваранд. Ин гурӯҳи одамон кӯшиш менамоянд ҷаҳонеро, ки аз байн рафта истодааст, барқарор намоянд» [62, с.31].

Э.Тоффлер дар асарҳои худ чаҳор сарчашмаи қудрати ҷомеаҳои мутамаддинро ба таври зайл муайян менамояд: «Технологияҳои компютерӣ, таҳқиқоти кайҳонӣ ва манбаъҳои муҳимми уқёнусҳо. Муттаҳид намудани сарчашмаҳои мазкур боиси ба вуҷуд омадани пешрафти технологӣ мегардад» [62, с.263]. Оё ҷомеаи мутамаддинеро, ки

Э.Тоффлер тасвир менамояд, ҷомеаи иттилоотӣ номидан мумкин аст? Бе шакку шубҳа. Зеро ӯ дар асари худ дар бораи инқилоби иттилоотӣ, бомбаи иттилоотӣ ва мавҷи сеюми иттилоотӣ низ андешаронӣ менамояд, ки бешак онҳо хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ маҳсуб меёбанд. Ба андешаи Э.Тоффлер: «Инқилоби иттилоотӣ муносибатҳои оилавӣ, ҷамъиятӣ, ниҳодҳои сиёсӣ ва тафаккури одамонро бо дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ менамояд» [62, с.263].

Э.Тоффлер дар китоби сеюми худ, ки дар он оиди андешаҳои пештар ибрознамудааш хулосаронӣ менамояд, қайд менамояд, ки: «Барои ҷомеаҳои муосир чунин ҳолат хос мебошад: шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳои алоҳида танҳо дар шароите ҳокимият дошта метавонанд, ки агар манбаъҳои мушаххасеро дар ихтиёр дошта бошанд» [63, с.23]. Манбаъҳои мазкурро Э.Тоффлер ба таври зерин номбар намудааст: қувва, бойигарӣ ва дониш. Ба андешаи ӯ: «Ҳокимиятеро, ки асосашро дониш ташкил медиҳад, шакли олии ҳокимият номидан мумкин аст» [63, с.23].

Яке аз олимони дигаре, ки дар самти омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ саҳми арзанда гузоштааст, ҷомеашинос ва иқтисоддони рус В.Л. Иноземтсов мебошад. Ӯ баррасиҳои Д.Белл ва Э.Тоффлерро ба таври амиқу дақиқ таҳлил намуда, назарияи «таҳаввулоти раванди рушди тамаддун»-ро ташаккул додааст. Ба ақидаи В.Л.Иноземсов: «Чи гунае, ки рушди инсон бе таъминоти моддии он номумкин аст, пешрафти технологӣ низ бе назардошти рушди инсон ғайриимкон аст» [37, с.183]. Ӯ низ ба монанди Д.Белл ва Э.Тоффлер таърихи инсониятро ба се марҳилаи асосӣ тақсим намудааст: марҳилаи тоиқтисодӣ, иқтисодӣ ва баъдииқтисодӣ. Ба андешаи ӯ: «То пайдоиши иқтисодиёт фаъолнокии меҳнати одамон хеле паст мебошад ва онҳо доимо барои зинда мондан мубориза мебурданд. Аммо баъди пайдоиши иқтисодиёт одамон ба меҳнати бошуурона машғул гардида, барои беҳтар намудани шарту шароитҳои зиндагӣ ва кору фаъолият кӯшиш намудаанд» [37, с.183]. Дар марҳилаи сеюм, ки ба замони

муосир рост меояд, рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби одамони дорои зеҳну тафаккури баланд таъмин карда мешавад. Фаъолияти эҷодии зиёиён асоси пешрафти ҷомеа дониста мешавад. Эҷодиёт бошад, аз ҳама бештар дар соҳаи иттилоот ба назар мерасад. Дар ҷомеаҳои муосир манбаи асосии истеҳсолӣ иттилоот ба шумор меравад. Азбаски дар марҳилаи сеюм пас аз афзалиятҳои рушди иқтисодӣ иттилоот ҳамчун манбаи асосии истеҳсолот баррасӣ карда мешавад, бинобар ин онро ҷомеаи иттилоотӣ низ номидан мумкин аст [37, с.183].

Ҳамин тариқ, муаллифони назарияҳои классикии ҷомеаи иттилоотӣ ба таҳаввулоти ҷамъиятӣ такя намуда, ин равандро ивазшавии марҳилаҳои таърихии рушди ҷомеа муаррифӣ намудаанд. Ба андешаи онҳо, пайдоиш ва рушди соҳаи нави истеҳсолот, ки бо масъалаи таҷзияи иттилоот, таҳлили автоматикии маълумот алоқаманд аст, бо гузашти як муддати муайян дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ афзалияти бештар пайдо менамояд.

Бояд гуфт, ки дар таълимоти як қатор ҷомеашиносон ба гурӯҳҳои афзалиятнок тақсим намудани соҳаҳои ҷомеа ба мушоҳида мерасад. Одатан, дар асарҳои илмию таҳқиқотии онҳо хоҷагии қишлоқ ва қувваҳои бавуҷудоварандаи ашёи хом соҳаи аввалиндараҷа, соҳаи саноат ва корхонаҳои коркарди ашёи хом  соҳаи дуюмдараҷа, соҳаи хизматрасониҳо соҳаи сеюмдараҷа муаррифӣ гардидаанд. Аммо муҳаққиқони масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ ба соҳаи хизматрасониҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, онро соҳаи аввалиндараҷа муаррифӣ кардаанд. Олимони мазкур соҳаи хизматрасониҳоро, дар навбати худ, боз ба се гурӯҳи дигар тақсим намудаанд. Якум, соҳаҳои хизматрасоние, ки бо таъминоти моддии аҳолӣ алоқаманданд. Дуюм, соҳаҳои хизматрасоние, ки бо тиҷорат, молия, суғурта ва моликият алоқамандӣ доранд. Сеюм, соҳаҳои хизматрасоние, ки бо хизматрасониҳои шахсӣ, касбӣ, расмӣ ва соҳаи идоракунии давлатӣ алоқаманданд. Ба андешаи онҳо, гурӯҳи сеюми соҳаҳои хизматрасонӣ ҳамаи истеҳсолкунандагони иттилоотро муттаҳид намуда, онҳоро ба

қувваи муҳимми истеҳсолӣ табдил медиҳанд, ки дар натиҷа мутахассисони ин соҳа дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд [38, с.256].

В.И. Иноземсев раванди ба амал омадани ин гуна таҳаввулотро дар мисоли ҷомеаи Америка таҳлил намуда, бо мисолҳои мушаххас хусусиятҳои ин равандро нишон додааст. Ба андешаи ӯ: «Дар солҳои 80-уми асри ХХ дар Америка зиёда аз 60% кормандон ба гурӯҳи кормандони иттилоотӣ дохил мегарданд. Яъне, кормандони иттилоотӣ нафароне мебошанд, ки бевосита ба истеҳсоли иттилоот машғуланд: олимон, машваратчиён, кормандони биржаҳои гуногун, таҳлилгарон, аудиторҳо, муҳосибон, омӯзгорон, кормандони васоити ахбори омма, мутахассисони низомҳои иттилоотию иртиботӣ ва ғайраҳо. Зиёда аз 70% вақти корӣ дар ихтиёри кормандони соҳаҳои мазкур қарор гирифтааст. Зиёда аз 70% музди меҳнатро маҳз кормандони соҳаи иттилоотӣ дастрас намудаанд. Айни замон низ музди меҳнати онҳо нисбат ба кормандони соҳаҳои дигар се маротиба зиёд мебошад» [38, с.298].

Ташаккулдиҳандагони назарияи ҷомеаи иттилоотӣ дар раванди мулоҳизарониҳои худ дар бисёре аз мавридҳо мафҳуми «дониш»-ро хеле зиёд ба кор бурдаанд. Кам нестанд ҳолатҳое, ки мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ нисбати ҷомеаҳое, ки дар асоси дониш ва иттилоот рушду инкишоф мeёбанд, ба кор бурда мешаванд. Масалан, Э.Тоффлер ва П.Бурде дар асарҳои худ исбот менамоянд, ки: «Чунин сармояи рамзӣ, ба монанди «иттилоот» ва «дониш» аз сармояҳои анъанавӣ тафовути ҷиддӣ доранд» [63, с.24; 33, с.125]. Онҳо тафовути дониш ва иттилоотро нишон дода, кӯшиш намудаанд, ки нишонаҳои фарққунандаи онҳоро дар шакли зерин муайян кунанд. Дар робита бо ин масъала дар асарҳои Э.Тоффлер ва П.Бурде қайд мегардад, ки: «Замоне ки замин ва сармояи моддӣ манбаъҳои маҳдуд мебошанд, дониш ҳамчун сармоя манбаи беохир аст; замоне ки замин ва сармояи моддӣ бо доираи муайяни истифодабарандагони худ

маҳдуд мегарданд, дониш ҳамчун сармоя ба ҳамаи истифодабарандагон дастрас мегардад; замоне ки замин ва сармояи моддӣ хосси одамони доро ва қудратманд ҳастанд, дониш ҳамчун сармоя ва ҳамчун рамзи инқилоби маънавӣ дастраси ҳам камбизоатон ва ҳам бебизоатон мегардад» [63, с.24; 33, с.125].

Ҳанӯз дар замони фаъолияти худ муовини директори генералии ЮНЕСКО оид ба иттилоот ва коммуникатсия Абдул Воҳид Хон дар яке аз гузоришҳои худ ҷомеаи иттилоотиро ҳамчун унсури «ҷомеаи донишгаро» муаррифӣ намуда, назарияи ҷомеаи иттилоотиро бо навовариҳои технологӣ алоқаманд намуда буд. Ба андешаи ӯ: «Ҷомеаи донишгаро мафҳуми дорои мазмуни хеле васеъ мебошад ва ба он унсурҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии ҷаҳони муосир, махсусан дастовардҳои навини соҳаҳои мазкур дохил мегарданд» [71, с.129].

Ғайр аз ин, моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ солҳои минбаъда низ мавриди таҳлил қарор дода шуда, таърифҳои мухталифи он дар заминаи таҷзияи таърифҳои пештар мавҷудбуда ба вуҷуд оварда шудаанд. Муҳаққиқони замони муосир кӯшиш ба харҷ додаанд, ки хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотиро ба инобат гирифта, таърифи мукаммали онро ба вуҷуд оваранд. Дар натиҷаи саъю талоши онҳо муайян карда шудааст, ки ҷомеаи иттилоотӣ дорои чунин нишонаҳо мебошад: 1) аъзои ҷомеа дар заминаи истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ бо ҳамдигар метавонанд бемамоният алоқаҳои гуногун барқарор намоянд; 2) аъзои ҷомеа метавонанд дар фазои иттилоотии маҷозӣ ҳузур дошта бошанд, аз иттилооти он истифода баранд ва ҳамзамон худашон низ паҳнкунандагони иттилооти ба шумор раванд; 3) одамон барои пешбурди фаъолияти касбӣ, истироҳату фароғат, қонеъ намудани талаботи гуногуни худ, ҳатто барои пешбурди зиндагии ҳамарӯзаи худ аз иттилооти фазои маҷозӣ метавонанд ба таври васеъ ва баробар истифода баранд [55, с.21].

Баъзан моҳияти ҷомеаи иттилоотиро ба воситаи шарҳи мафҳуми «инқилобҳои компютерӣ» низ нишон додан мехоҳанд, ки дар чунин шакл тасаввур намудани ҷомеаи иттилоотӣ моҳияти аслии масъаларо равшан наменамояд [120, с.539-540]. Зеро ташаккулёбии василаҳои иттилоотӣ, рушди илму техника ва бештар гардидани имкониятҳои дастрасӣ ба сарчашмаҳои иттилоотӣ танҳо паҳлуҳои технологии ҷомеаи иттилоотиро дар бар гирифта, паҳлуҳои иҷтимоию фарҳангии он сарфи назар мегарданд. Бинобар ин, хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи иттилоотӣ низ хеле муҳим мебошанд. Бинобар ин, олимону муҳаққиқон вобаста ба ҷомеаи иттилоотӣ андешаҳои худро бо назардошти ин ё он омил ташаккул додаанд.  Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, олими немис Г. Бехман [32, с.160] шаклҳои мухталифи ҷомеаи иттилоотиро ба таври зерин муаррифӣ ва маънидод намудааст:

Якум, ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун иқтисоди иттилоотӣ: рушди соҳаи иқтисод марҳила ба марҳила аз сатҳи аграрӣ ба сатҳи саноатӣ мегузарад. Дар марҳилаи ниҳоӣ иқтисоди иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки он ба воситаи фаъолиятҳои иттилоотӣ ташаккул дода мешавад. Дар ин сатҳ технологияҳои пешрафтаи иттилоотию иртиботӣ имкон медиҳанд, ки таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ бе сарфи қувваи зиёди фикрӣ ва ҷисмонӣ дар муддати хеле кӯтоҳ амалӣ карда шавад.

Дуюм, зоҳир гардидани ҷомеаи иттилоотӣ ба мисли ҷомеаи пасосаноатӣ, ҳамчун нишонаи ин навъи ҷомеа: дар ҷомеаҳои саноатӣ истеҳсоли маҳсулот ба воситаи дастгоҳҳои техникӣ амалӣ карда мешавад ва асоси моликияти хусусиро низ истифодаи онҳо ташкил диҳанд, аммо дар ҷомеаҳои пасосаноатӣ бошад, истеҳсолот бо истифодаи технологияҳои зеҳнӣ ва сарчашмаҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин раванди истифодаи зеҳни сунъӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Дар чунин шароит нақш ва мавқеи илму дониш хеле боло меравад. Дар чунин фаҳмиш ҷомеаи

иттилоотиро ҳатто ҷомеаи саноатии бо иттилоот таъмингардида низ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Сеюм, ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи донишгаро: дар ҳар як ҷомеа навъҳои гуногуни дониш мавҷуданд ва онҳо сарчашмаҳои гуногун доранд. Масалан, донишҳои динӣ, ҳикмати мардумӣ, донишҳои илмӣ, эҷодиёти халқ ва монанди инҳо. Аммо дар ҷомеаи иттилоотӣ одамон имкон пайдо менамоянд, ки ба донишҳои илмию назариявӣ дастрасии бештар дошта бошанд. Инчунин, дар ин навъи ҷомеа донишҳои илмию назариявӣ аз ҷониби аксарият эътироф мегарданд ва онҳо нисбат ба донишҳои дигар афзалияти бештар пайдо менамоянд. Ҷомеаи донишгаро барои тарғибу ташвиқи донишҳои илмию назариявӣ, бахусус барои аз бар намудани ин гуна дониш имконияти зарурӣ фароҳам меоварад. Инфрасохтори илмию назариявии ҷомеа то он сатҳе рушду инкишоф дода мешавад, ки дар заминаи он ҷаҳонбинии илмии одамон марҳила ба марҳила дар тӯли ҳаёт тадриҷан рушду инкишоф меёбад. Дар чунин шароит на танҳо истифодаи васеи донишҳои илмию назариявӣ имконпазир мегардад, балки бо назардошти дигаргуниҳои муҳити берунаи давлат, инчунин бо дарки зарару зиёни таҳдиду хатарҳои замона донишҳои нави илмӣ тавлид мегардад. Дар чунин шароит дар миёни дониш ва иттилоот тафовути амиқ ба вуҷуд меояд.

Аммо паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва махсусан рушди он аз ҷониби олимони Ғарб ба таври ҷиддӣ омӯхта шудаанд. Ба ибораи дигар, олимони Ғарб дар омӯзиши ҷомеаҳои иттилоотӣ ва ҳатто дар ташаккул додани он ба муваффақиятҳои бештар ноил гаштаанд. Ба ақидаи онҳо, рушди василаҳои иттилоотӣ, техникаи компютерӣ ва зеҳни сунъӣ асоси ҷомеаи иттилоотӣ мебошанд. Дар маҷмуъ, назарияҳои олимони Ғарб нишонаҳои ҷомеаи иттилоотиро ба таври зерин муаррифӣ намуда буданд: «Дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ иттилоот хусусияти ҷаҳонӣ пайдо менамояд; дар раванди паҳншавии иттилоот монеаҳои ҷиддӣ

ба вуҷуд оварда намешаванд ва давлатҳои алоҳида низ ба он таъсири амиқ расонида наметавонанд; кӯшиши маҳдуд намудани иттилоот ба онҳое, ки ин иқдомро пеш гирифтаанд, зиёновар мегардад; имкониятҳои ҷамъоварӣ намудан, коркард кардан, нигоҳдорӣ намудан, паҳн намудан ва дастрасӣ пайдо намудан ба иттилоот фароҳам оварда мешаванд; таъсири иттилоот ба рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ афзун мегардад; гузариш ба шаклҳои нави фаъолият ба амал меояд; аз ҳисоби афзоиши шумораи кормандони соҳаи саноати иттилоотӣ раванди ташаккулёбии манбаъҳои нави меҳнатӣ ва ҷойҳои нави корӣ ба амал меояд» [89, с.43].

Дар бисёре аз мавридҳо фаҳму дарки ҷомеаи иттилоотӣ, муайян кардани мундариҷаи он, нишон додани сохтори мураккаби ин навъи ҷомеа ва унсурҳои таркибии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа бо назардошти «иттилоот» баррасӣ гардидааст. Ба ибораи дигар, аксари муҳаққиқон ҳангоми баррасии ҷомеаи иттилоотӣ мафҳуми «иттилоот»-ро дар маркази диққат қарор додаанд. Масалан, олими англис Т.Стоунер таъкид менамояд, ки: «Иттилоот ба монанди сармоя бояд ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ карда шавад ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ мавриди истифода қарор гирад. Ба андешаи ӯ, дар ҷомеаҳои пасосаноатӣ манбаъҳои иттилоотии миллӣ сарчашмаи бузурги сарватҳои миллӣ ба шумор мераванд. Бинобар ин, дар шароити муосир соҳаи нави иқтисодиёт – иқтисодиёти иттилоотӣ бояд ташаккул дода шавад. Иқтисоди иттилоотӣ иқтисодиёте мебошад, ки дар он соҳаи хизматрасониҳои гуногуни иттилоотӣ аз рӯйи шумораи кормандон ва миқёси худ дар муносибат бо соҳаи саноат афзалияти бештар пайдо менамояд. Соҳаи хизматрасониҳо бошад, бевосита соҳаи коркарди иттилоот ба шумор меравад» [117, с.394]. Дар заминаи андешаҳои Т.Стоунер гуфтан мумкин аст, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ инфрасохтори иттилоотии ҷомеа то дараҷае ташаккул меёбад, ки дар заминаи он дар ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ хизматрасониҳои электронӣ ва истифодаи васеи василаҳои техникию иттилоотӣ на танҳо

афзалияти бештар пайдо менамояд, балки ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ҳатто дар мисоли кишварҳои мутараққии олам мушоҳида намудан мумкин аст, ки муваффақият ва дурнамои рушди фаъолияти идораву корхонаҳо, ташкилоту ширкатҳо, ҳатто фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ аз истифодаи онҳо вобастаю пайваста мегарданд. Дар чунин ҳолат шумораи кормандони иттилоотию технологӣ зиёд мегардад.

Роҷеъ ба ин масъала олими америкоӣ Д.Белл, ки худ яке аз муаллифони назарияи «ҷомеаи пасосаноатӣ» мебошад, андешаҳои хеле ҷолиб пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ: «Дар шароити рушди саноати иттилоотӣ ва афзалият пайдо намудани ин соҳа нақш ва мавқеи хоҷагии қишлоқ ва истеҳсолот дуюмдараҷа мегардад. Дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар самти коркарди иттилоот ва рушди донишҳои нав ба амал меоянд, бешубҳа заминаи ташаккулёбии ҷомеаи пасосаноатӣ мегарданд» [73, с.335]. Нишонаҳои муҳимтарини ҷомеаи пасосаноатиро Д.Белл ба таври зерин муайян намудааст: «Гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи дорои хизматрасониҳои мухталифи иттилоотӣ; дар самти амалӣ намудани навовариҳои технологӣ нақши ҳалкунанда доштани донишҳои илмию назариявӣ; дар самти таҳлили равандҳои ҷамъиятӣ ва дар раванди қабули қарорҳо мавриди истифода қарор додани «технологияҳои компютерӣ» зарур мегардад» [73, с.335].

Як қатор олимон барои муайян намудани моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ нишонаҳои фарққунандаи онро ба инобат гирифта, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо бо дарназардошти чунин омил шарҳу тавзеҳ додаанд. Масалан, яке аз олимони шинохтаи амрикоӣ У. Мартин ба сифати нишонаҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ ҳолатҳои зеринро номбар намудааст: «Тағйиротҳои сохторӣ дар соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла дар раванди тақсимоти қувваи корӣ; дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда бозидани иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ; зиёд гардидани талабот нисбат ба саводнокии компютерӣ; ба таври васеъ паҳн

гардидани технологияҳои иттилоотӣ; рушди бемайлони раванди компютерикунонии соҳаҳои гуногун; иттилоотонии ҷомеа ва соҳаи илму маориф; аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани рушди телекоммуникатсия ва технологияҳои компютерӣ; бо суръати баланд рушд намудани шабакаи интернет, зиёд гардидани истифодабарандагони он ва ҳамзамон зиёд гардидани барномаҳои компютерии зиёновар ва вирусҳои компютерӣ» [66, с.60-61].

Андешаҳои У.Мартин каме баҳсбарангез мебошанд. Зеро онҳо ифодагари қонуниятҳои объективии ҷомеа ҳастанд. Масалан, тақсимоти қувваи корӣ дар ҳар як марҳилаи гузариш ба мушоҳида мерасад. Дар ҷомеаҳои ибтидоӣ ҳиссаи бодиянишинон бештар буд, аммо ҳангоми гузариш ба ҷомеаи кишоварзӣ ҳиссаи онҳо нисбат ба заминдорон ва меҳнаткашон камтар мешавад. Дар ҷомеаи саноатӣ бошад, ҳиссаи синфи заҳматкаш бештар мегардад. Албатта, ҳамчун қонуният дар ҷомеаи пасосаноатӣ низ ҳиссаи нафароне, ки дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ кору фаъолият менамоянд, бештар мегардад. Ё ин ки ҳолати дигар. Василаҳои иттилоотию иртиботӣ, шабакаҳои иҷтимоии фазои маҷозии интернетӣ, ВАО-и электронӣ, зеҳни сунъӣ на танҳо дастраси омма гардида, ба таркиби ҷомеа ворид мешаванд, балки дар ҳаёти ҳаррӯза ва кору фаъолияти касбии одамон ба таври васеъ истифода бурда мешаванд, натиҷанокии фаъолияти касбии онҳоро аз худ вобаста мегардонанд. Фақат бояд дар назар дошт, ки дар чунин шароит истифодаи самараноки онҳо аз саводнокии компютерии одамон вобаста мегардад. Бинобар ин, масъалаи мутобиқ гардидани инсон ба муҳити ҷомеаи иттилоотӣ хеле масъалаи баҳснок мебошад. Масъалаи аз ҷониби давлат дастгирӣ гардидани рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ воқеияти даври замон аст. Ҳар як давлат барои таъмини рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа кӯшиш ба харҷ медиҳад. Давлат ба рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба он хотир таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ки истифодаи онҳо дар шароити муосир барои рушди

ҷомеа хеле аҳамиятнок мебошад. Дар системаи идоракунии давлатӣ, пешбурди фаъолияти сиёсӣ, бахусус дар фаъолияти шуъбаҳои робита бо ҷомеа ва хизматрасониҳои дигари давлатӣ аз василаҳои гуногуни иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ ба таври васеъ истифода менамоянд. Аммо дар кадом дараҷа ва дар кадом ҳаҷм истифода гардидани онҳо, майлу хоҳиши давлатҳо оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ ва василаҳои технологӣ, муваффақият давлатҳо дар татбиқи стратегияҳои гуногуни сиёсӣ аз сатҳу миқёси истифодаи технологияҳои мазкур вобаста мебошад.

Фаҳму дарки ҷомеаи иттилоотӣ ва паҳлуҳои гуногуни он, аз ҷумла шарту шароити ба амал баровардани рушду инкишофи инфрасохтори иттилоотии ҷомеа бояд бо дарназардошти соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат шарҳ дода шавад. Зеро инфрасохтори иттилооти ҷомеа ҳамчун шароит ва заминаи рушди тадриҷии ҷомеаи иттилоотӣ дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакатро дар бар мегирад. Онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

**– рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа дар соҳаи иҷтимоиёт** (истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ ба муассисаҳои таълимӣ, ниҳодҳои маориф ва омӯзгорон имкон медиҳанд, ки новобаста аз шароити ҷуғрофӣ, масофа, манбаъҳо ва қобилияти меҳнатӣ бояд ба ҳамагон дастрас бошанд; дастовардҳои санъат, адабиёт ва илм тавассути шабакаи интернет ва хизматрасониҳои электронӣ барои ҳаводорон ва истифодабарандагон доимо дастрас гардонида мешаванд; ҳамаи одамон аз хизматрасониҳои иҷтимоию тиббӣ метавонанд ба таври фосилавӣ истифода баранд, машваратҳои тибии восилавӣ пайдо мешаванд, тибби фосилавӣ, хизматрасониҳои электронӣ ва фосилавии соҳаи тандурустӣ рушд мекунад; рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа имкон медиҳад, ки дар ҳамаи соҳаҳои иҷтимомиёт хизматрасониҳои электронӣ дастраси ҳамагон гардонида шуда, талафоти вақт пешгирӣ карда шавад);

– **рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа дар соҳаи иқтисодиёт** (дар заминаи дастгоҳҳои электронӣ, ба воситаи технологияи зеҳни сунъӣ ва барномаҳои компютерии ба интернет васлшуда имконияти ба амал баровардани фаъолияти фосилавӣ ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои молиявии электронӣ пайдо мешавад; ба амал баровардани хизматрасониҳои электронӣ, аз ҷумла пулҳои электронӣ, ҳамёнҳои электронӣ, пардохтҳои электронию ғайринақдӣ тавассути зеҳни сунъӣ ва василаҳои иттилоотию иртиботӣ имконпазир мегарданд; истифодаи зарфиятҳои зеҳни сунъӣ ба ширкатҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ имкон медиҳанд, ки ба муваффақият ва натиҷаҳои бузург ноил шаванд ва дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ мавқеъҳои мустаҳкамтареро соҳиб гарданд; рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа дар соҳаи иқтисодиёт имконият медиҳад, ки иқтисоди рақамӣ дар кишвар рушд наояд, гардиши пулҳои қоғазӣ дар сатҳи хеле поён қарор дода шавад ва хариду фурӯши молу маҳсулот ва хизматрасониҳо бамаротиб баланд бардошта шаванд);

– **рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа дар соҳаи сиёсат** (аввал ин ки рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотии ҷомеа аз сиёсати иттилоотии давлат вобаста мебошад ва баъдан майлу хоҳиши ба амал баровардани чунин иқдом, ки талаботи давру замон аст, дар пайи худ ташаккули ҳукумати электронӣ, истифодаи василаҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ дар системаи идоракунии давлатиро тақозо менамояд; агар дар соҳаи сиёсат инфрасохтори иттилооти зарурӣ ташаккул ёбад, робитаи ҷомеа бо давлат ва мақомоти давлатӣ дар сатҳи хеле баланд ба роҳ монда мешавад; рушди иртиботи сиёсӣ, ташаккули муносибатҳои сиёсӣ ва беҳтар намудани роҳу усулҳои ба амал баровардани робита бо ҷомеа дар замони муосир ба воситаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба зинаи сифатан нав бароварда мешаванд; ниҳодҳои гуногуни давлатӣ имконият пайдо менамоянд, ки алоқаҳои байниҳамдигарии худро, ки бояд доимо ҳамоҳанг карда шаванд, тавассути шабакаҳои иттилоотии ягона ба роҳ мемонанд;

дар заминаи истифодаи зеҳни сунъӣ гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, мониторинги иҷроиши қарорҳои сиёсӣ, санҷиши сифат ва стандартҳо, пешбурди фаъолияти маъмурӣ тавассути василаҳои иртиботӣ ба амал баровaрда мешавад; имконияти саривақт ва бо сифати баланд таъмин намудани шаҳрвандон бо иттилооти расмӣ пайдо мегардад, сиёсати иттилоотонии давлат тақвият меёбад ва ба талаботи давру замон ҷавобгӯ мегардад, таъмини амнияти иттилоотии кишвар ва ҳифзи фазои иттилоотии ҷомеа дар сатҳи зарурӣ қарор дода мешавад ва ниҳоятан хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ пешкаши шаҳрвандон гардонида мешавад) [44, с.125].

Дар самти омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ олимони рус низ саҳми арзанда гузоштаанд. Чунончи, яке аз файласуфони шинохтаи рус А.И. Ракитов рушди ҷомеаи иттилоотиро бо беҳтар намудани фаъолиятҳои ҳаётии инсон ва беҳтару хубтар намудани хизматрасониҳо алоқаманд менамояд. Ба андешаи ӯ: «Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеае мебошад, ки дар он ҳамаи технологияҳои иттилоотӣ – компютер, низомҳои иттилоотӣ, алоқаҳои ноқилӣ, маҳворавӣ ва навъҳои дигари алоқа, дастгоҳҳои видеоӣ, барномаҳои компютерӣ ва таҳқиқоти илмӣ барои дастраси ҳамагон гардонидани иттилоот бояд хизмат намоянд, то ки иттилоот ва маълумоти зарурӣ дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон ба таври фаъол истифода бурда шаванд» [109, с.74]. Дар идомаи андешаронихои худ А.И. Ракитов қайд менамояд, ки: «Миқдор ва сифати иттилоот, коркард ва ба таври самаранок интиқол додани иттилоот меъёрҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд» [109, с.74]. Иттилооти дастрас ва фаровон меъёри дигари ҷомеаи иттилоотӣ дониста мешавад. Дар натиҷаи чунин дигаргуниҳои миқдорию сифатӣ шумораи одамоне, ки дар соҳаи коркард ва интиқоли иттилоот ба кору фаъолият машғул мешаванд, бамаротиб меафзояд. Дар чунин шароит иқтисодиёти иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки он дар кишварҳои дорои

саноати рушдёфта аҳамияти хеле зиёд дорад. Дар соҳаи иқтисодиёти иттилоотӣ ду бахши асосӣ ба вуҷуд меояд. Бахши аввал, барои истеъмолгарон маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасониҳои иттилоотиро истеҳсол менамояд. Бахши дувум бошад, ба истеҳсоли маҳсулоти дигар машғул мегардад [116, с.73]. Ҳамин тариқ, дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи навбатии рушди иқтисодӣ ба амал омада, кормандони бахши инфрасохтори иттилоотии иқтисодиёт нисбат ба кормандони соҳаҳои дигар бамаротиб бештар мегарданд.

Дар таҳқиқоти як қатор олимон нишонаҳои фарқкунандаи консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи чунин баррасӣ навъҳои гуногуни он нишон дода шудаанд. Масалан, Н.В. Литвак назарияҳои мавҷудаи ҷомеаи иттилоотиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: назарияҳои технологии ҷомеаи иттилоотӣ ва назарияҳои иҷтимоии ҷомеаи иттилоотӣ. Дар асарҳои илмию таҳқиқотии ӯ қайд мегардад, ки: «Назарияҳои технологии ҷомеаи иттилоотӣ дар асоси истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ, пешрафти илмию техникӣ ва ташаккулёбии фазои маҷозӣ ташаккул дода шудааст. Назарияи иҷтимоии ҷомеаи иттилоотӣ бошад, дар заминаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, махсусан, инқилобҳои иттилоотӣ, тағйирёбии мундариҷаи дониш, ташаккулёбии ҷомеаи мутамаддин ва ғайраҳо ба вуҷуд оварда шудааст» [47, с.27]. Муҳаққиқи рус А.В. Соколов назарияҳои фалсафӣ, технократӣ ва инсонмеҳварии ҷомеаи иттилоотиро нишон додааст. Инчунин, ба андешаи ӯ: «Хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи иттилоотиро низ нишон додан мумкин аст» [61, с.95-96].

Муҳаққиқи дигари рус И.Н. Курносов ба раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни ин навъи ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ хусусиятҳо ва нишонаҳои ҷомеаи иттилоотиро ба таври зайл муайян намудааст: «Дар ҷомеаи иттилоотӣ иртиботи фосилавӣ ва фаъолияти фосилавӣ афзалияти бештар

пайдо менамоянд; дар раванди истеҳсолот ва фаъолияти ҷамъиятӣ дар миёни одамон муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд; ҳиссаи хеле бузурги маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар бахши иттилоот истеҳсол мегардад ва меҳнати шумораи зиёди одамон характери иттилоотӣ касб менамояд; рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шабакаҳои компютерӣ ва технологияи коркарди иттилоот ба амал меояд; барои ифодаи иродаи сиёсии ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ имкониятҳои нави иртиботӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар заминаи онҳо муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва давлат сатҳу сифати навро соҳиб мегарданд; дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ мамлакатҳои дорои иқтидори бузурги иттилоотӣ нақши ҳалкунанда мебозанд» [88, с.4-5].

О.А. Финко ва Ю.М. Нестеров ҷомеаи иттилоотиро ҷомеае тасвир менамоянд, ки дар он дигаргуниҳои назарраси технологӣ ба амал меояд ва чунин дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳаёти шахсони алоҳида ва фаъолияти касбии одамон ба амиқ таъсиррасонӣ менамоянд. Ба ақидаи онҳо, дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа тағйироти зерин ба амал меоянд: «Компютери фардие, ки ба шабакаи интернет пайваст аст, ба ҳар як хона роҳ меёбад; ҳар як узви ҷомеа новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии худ имкони дастрас намудани иттилооти заруриро пайдо менамояд; байни шаҳрвандон ва сохторҳои ҷамъиятию давлатӣ алоқаҳо ва робитаҳои босифати фосилавӣ ба роҳ монда мешаванд; фаъолияти васоити ахбори омма аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи иттилоот, коркард ва паҳн намудани он ба таври ҷиддӣ тағйир меёбад ва онҳо аз шабакаи интернет ва технологияҳои компютерӣ вобаста мегарданд; дар зери таъсири шабакаҳои мухталифи иттилоотӣ дар соҳаи иттилоот сарҳади ҷуғрофии давлат аз байн меравад ва бархӯрди қонунгузории иттилоотии як давлат бо давлати дигар ба амал меояд; дар зери таъсири шабакаҳои иттилоотӣ шаклҳои нави

фаъолияти инсонӣ ба вуҷуд меоянд: омӯзиши фосилавӣ, кору фаъолият, тиҷорат, тарғиботу ташвиқот, пешбурди эҷодиёт ва ғайраҳо» [122].

Дар таҳқиқоти олимони рус низ паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Онҳо кӯшиш намудаанд, ки нишонаҳои асосии ҷомеаи иттилоотиро бо назардошти тағйироти техникию технологӣ ва рушди зеҳни сунъӣ муайян созанд. Дар омӯзиши ин масъала Г.Л. Смолян ва Д.С. Черешкин саҳми арзанда гузоштаанд. Онҳо дар пажӯҳиши илмию консептуалии худ нишонаҳои ҷомеаи иттилоотиро хубтару беҳтар муайян намудаанд ва аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти онҳо барои фаҳму дарки дигаргуниҳои иттилоотию технологии ҷомеа аҳамияти зиёди назариявӣ дорад. Ба ақидаи онҳо, ҷомеаи иттилоотӣ дорои нишонаҳои зерин мебошад: «Ташаккулёбии фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва наздиктар гардидани ҳамгироии иттилоотию иқтисодии халқияту миллатҳо; дар соҳаи иқтисодиёт афзалият пайдо намудани технологияҳои иттилоотӣ; дар баробари бозори манбаъҳои табиӣ ва бозори сармоя, инчунин ба вуҷуд омадани бозори иттилоотӣ ва бозори дониш ба назар мерасад; ташаккулёбии системаи иттилоотӣ ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтани технологияҳои иттилоотӣ ба амал меояд; талабот ба маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасониҳои иттилоотӣ зиёд мегардад ва технологияҳои қонеъ намудани ин гуна талабот ба вуҷуд оварда мешавад; аз ҳисоби тавсеаи имкониятҳои иттилоотӣ беҳтар гардидани сатҳу сифати маълумотнокӣ ба амал меояд ва дар заминаи ин раванд нақши мутахассисон, касбияти онҳо, қобилият ва эҷодкории онҳо унсурҳои муҳимтарини меҳнат ва хизматрасониҳо дониста мешаванд; масъалаи таъмини амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат хеле муҳим гардида, системаи самараноки таъмини ҳуқуқ оид ба дастрасӣ, истифода ва паҳн намудани иттилоот ба вуҷуд оварда мешавад» [114].

Пас, дар асоси ақидаҳои муҳаққиқон, се ҷанбаи асосии ҷомеаи иттилоотиро ҷудо кардан мумкин аст: Дар чунин ҷомеа иттилоот ба як манбаи муҳимми иқтисодӣ табдил меёбад. Ширкатҳо ва ташкилотҳо миқдори зиёди иттилоотро барои баланд бардоштани самаранокии кори худ ва мустаҳкам кардани мавқеи худ дар бозор истифода мебаранд. Маълумот ба моле табдил меёбад, ки одамон онро ҳамарӯза дар ҳаҷми хеле калон истеъмол мекунанд ва бе он наметавонанд ба муваффақиятҳои касбию истеҳсолӣ ноил гарданд. Дар иқтисодиёт рушди устувори бахши иттилоотӣ ба назар мерасад, ки нисбат ба дигар соҳаҳо хеле зудтар рушд мекунад. Бояд қайд кард, ки ин тамоюл ҳам барои кишварҳои пешрафта ва ҳам барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ хос аст.

Дар ҷаҳони имрӯза, ки дар он иттилоот нақши калидӣ дорад, тамоми соҳаи марбут ба истеҳсол, коркард ва паҳнкунии он вуҷуд дорад. Ин соҳа ҳам ташкилотҳои давлатӣ ва ҳам ғайридавлатиро дар бар мегирад, ки вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Ташкилотҳои давлатӣ одатан бо эҷоди шаклҳои гуногуни иттилоот, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва моликияти зеҳнӣ ва паҳн кардани маълумоти зарурӣ машғуланд. Ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар навбати худ ба таҳияи барномаҳо ва дастгоҳҳои компютерӣ, ки барои коркард ва паҳн кардани иттилоот заруранд, тахассус доранд. Дар маҷмуъ, саноати иттилоотӣ ба се соҳаи асосӣ тақсим мешавад: эҷоди иттилоот, коркард ва паҳнкунии он.

Онҳое, ки ба эҷоди иттилоот ва моликияти зеҳнӣ машғуланд, дар соҳаи аввали фаъолият қарор доранд. Онҳо одатан нависандагон, шоирон, оҳангсозон, рассомон, олимон ва муҳандисон мебошанд. Дар ин кор ба онҳо ташкилоту муассисаҳои гуногун мусоидат мекунанд. Дар фаъолияти касбии онҳо низ василаҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Дар соҳаи паҳнкунии иттилоот, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба амал баровarda мешаванд, ниҳодҳои

махсусгардонидашуда ва марказҳои иттилооти касбӣ пайдо мешаванд. Ба чунин технологияҳо ширкатҳои телекоммуникатсионӣ, шабакаҳои телевизионии кабелӣ, ширкатҳои пахши барномаҳо, шабакаҳои радио ва телевизион, ширкатҳои алоқаи мобилӣ, шабакаҳои интернетӣ ва ғайра дохил мешаванд. Аз тарафи дигар, коркарди иттилоот пеш аз ҳама бо ширкатҳои истеҳсоли техникаи компютерӣ, дастгоҳҳои мавҷӣ ва инчунин ширкатҳое, ки барномаҳои компютерӣ эҷод мекунанд, алоқаманд аст. Зеро онҳо бо мақсади хубтару беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти ин ё он соҳа кӯшиш менамоянд, ки дастгоҳҳои мақбулро ба вуҷуд оваранд, то ки ба воситаи онҳо дастрасии иттилоот ва барои пешбурди кору фаъолият ба вуҷуд овардани иттилооти зарурӣ имконпазир гардад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ақидаҳои гуногун, ки ҷанбаҳои технологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ-фарҳангии ҷомеаи иттилоотиро инъикос мекунанд, имкон медиҳад, ки се ҷанбаи асосии ҷомеаи иттилоотӣ ҳамаҷониба тавсиф карда шаванд: 1) дар сатҳи баланд қарор додани истифодаи техникаи компютерӣ, рушди бемайлони василаҳои иттилоотию иртиботӣ, мавҷудияти системаи иттилоотии ташаккулёфта; 2) зиёд гардидани имконияти дастраснамоии иттилоот ва дастраси аксари аҳолии мамлакат гардонидани он; 3) дар ҷомеаи иттилоотӣ донишҳои назариявӣ ва иттилоот дар баробари захираҳои табиӣ, инсонӣ ва молиявӣ яке аз манбаъҳои стратегии давлату ҳукумат ва ҷомеа ба шумор мераванд.

Дар баробари ин нишонаҳои дуюмдараҷаи ҷомеаи иттилоотиро низ номбар намудаанд, ки онҳо ба таври зайл мебошанд: 1) дар соҳаҳои хоҷагидорӣ, идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва дигар соҳаҳо нақши иттилоот ва омили иттилоотӣ хеле боло меравад; 2) саноати иттилоотӣ рушди бесобиқаи худро соҳиб гардида, аз лиҳози иқтисодӣ фаъолияти фоиданок ва самти афзалиятноки истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба шумор меравад; 3) дар заминаи истифодаи хизматрасониҳои иттилоотӣ рушди системаи иқтисодӣ ва иқтисоди бозаргонӣ ба амал меояд; 4)

раванди иттилоотонӣ суръати тоза пайдо намуда, дар баробари ВАО-и анъанавӣ, инчунин васоити ахбори оммаи электронӣ низ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд; 5) ташаккулёбии фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба мушоҳида мерасад, ки дар чунин шароит одамон ба манбаъҳои иттилоотии ҷаҳонӣ дастрасӣ пайдо менамоянд; 6) ҳамкориҳои ҷамъиятӣ ва тартиби пешбурди фаъолияти муассисаю корхонаҳо ба таври ҷиддӣ тағйир меёбанд [129, с.13].

Ҳамин тариқ, таҳлили назарияҳои классикии ҷомеаи иттилоотӣ ва андешаҳои сиёсии замони муосир нишон медиҳад, ки ҷомеаи иттилоотӣ мазмуни ягона надорад ва дар муносибат ба масъалаи мазкур хулосаҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст:

– ҳамаи хусусиятҳо ва нишонаҳое, ки хосси ин навъи ҷомеа мебошанд, бояд муайян карда шаванд. Аз рӯйи чунин меъёри баррасӣ гуфтан мумкин аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ дорои чунин нишонаҳо ва хусусиятҳо мебошад: дар ин навъи ҷомеа миқдори зарурии манбаъҳои иттилоотӣ ба вуҷуд оварда шудаанд; истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва паҳн намудани шаклҳои гуногуни иттилоот ҷузъҳои муҳимтарини соҳаи иқтисодиёт ба шумор мераванд; саноати иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки сохтани дастгоҳҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, коркарди маълумоти гуногун, ба вуҷуд овардани барномаҳои компютерӣ ва ғайраҳо хосси он мебошад; шаҳрвандон барои дастрасӣ пайдо намудан ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ имкониятҳои техникӣ ва ҳуқуқӣ ба даст меоранд. Дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ номгӯйи нишонаҳои онро метавон идома дод;

– шарҳи мазмуну мундариҷаи ҷомеаи иттилоотӣ дар асоси қонуниятҳои рушди таърихӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин раванд занҷираи «ҷомеаҳои аграрӣ – саноатӣ ва пасосаноатӣ» ҳамчун раванди гузариш аз як марҳила ба марҳилаи сифатан нав барои дарки моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ хеле мувофиқ мебошад. Бо дарназардошти ин, гуфтан

мумкин аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи навбатии рушди ҷомеа ба шумор рафта, бо мақсади таъмини рушди устувор он ҳамчун идеал ҳаматарафа ташаккул дода мешавад;

– ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи навбатии рушди инсоният ба шумор рафта, дар он маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасониҳои иттилоотӣ объекти афзалиятноки соҳаи истеҳсолот ва истеъмолот ба шумор меравconfigured. Чунин ҳолат ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки маҳсулоти анъанавӣ дар байни одамон моҳият ва муҳиммияти худро аз даст медиҳад. Танҳо дар ҳаёти ҳамарӯзаи одамон ва дар рафти кору фаъолияти онҳо маҳсулот ва хизматрасониҳои иттилоотӣ аз рӯйи ҳаҷми истифодабариашон афзалияти бештар пайдо менамоянд;

– бояд ёдовар шуд, ки баъзан гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва дар самти таъмини рушди устувор нақши прогрессивӣ доштани он аз ҷониби як қатор олимон инкор карда мешавад. Ба андешаи онҳо технологияҳои муосир фаъолияти бомароми ниҳодҳои иҷтимоиро, ки ба як қолаби муайян даромадаанд, то андозае халалдор менамоянд. Аммо дар алоқамандӣ бо чунин андешаҳо гуфтан мумкин аст, ки технологияҳои иттилоотӣ ва самаранокии онҳо аз тарзи истифодабариашон вобаста мебошанд. Инчунин, самаранокии ҷомеаи иттилоотӣ аз рушди ҷомеа, рушди иқтисодиёт, рушди ниҳодҳои демократӣ, сатҳу сифати маълумот, саводнокии компютерии одамон, ахлоқи ҷамъиятӣ ва дигар омилҳои иҷтимоӣ низ вобаста аст;

– рушди ҷомеаи иттилоотӣ сабабҳо ва заминаҳои муайяни худро дорад. Дар аксар маврид қабули стратегияҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ ва пешрафти технологӣ ба сифати ин гуна сабабу заминаҳо муаррифӣ мегарданд. Зеро дар шароити мазкур сохтори иқтисодии ҷомеа тағйир меёбад ва соҳаи хизматрасонӣ дар муқоиса бо соҳаҳои саноат ва хоҷагии қишлоқ афзалияти бештар пайдо менамояд. Баъзан хубтару беҳтар гардидани сатҳу сифати таълим, омода гардидани мутахассисони ба

талаботи давру замон ҷавобгӯ ва самаранок истифода гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим заминаи муҳимми ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ муаррифӣ мегарданд. Ба андешаи мо, дар баробари шарту шароитҳои мазкур, инчунин як қатор омилҳои техникию технологӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва махсусан омилҳои сиёсӣ низ ба ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таъсиргузор мебошанд.

## 1.2.Заминаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо

Ҷомеаи иттилоотӣ воқеияти иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию технологии ҷаҳони муосир мебошад. Дар тӯли се даҳсолаи охир рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва тавсеаи миқёси истифодабарии зеҳни сунъӣ дар ҳаёти инсоният дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд овардааст. Ба андешаи олимони соҳа: «Дар натиҷаи рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва тавсеаи шабакаҳои гуногуни компютерию интернетӣ бо ҳам алоқаманд гардидани ҷомеаҳои гуногун ба амал омадааст. Чунин раванди ҳамгирой яке аз хусусиятҳои муҳимми воқеияти охири асри XX ва ибтидои асри XXI маҳсуб меёбад. Раванди муттаҳидшавӣ ва омезишёбии ҷомеаҳои ҷаҳонӣ ва ба ҳам алоқаманд гардидани соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ ба раванди идоракунии давлатӣ таъсири амиқ расонида, мазмуну мундариҷаи сиёсатро низ каме дигаргун намудааст» [83, с.172]. Чунин воқеияти инноватсионӣ шарту шароити мавҷудияти тамаддуни иттилоотию компютерии замони муосирро ташкил намуда, онро ба объекти муҳимми таҳқиқоти илмӣ табдил додааст. Аз ҷумла, тӯли ду даҳсолаи охир ба омӯзиши ин воқеияти даврy замон (хусусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ) сиёсатшиносон низ ба таври ҷиддӣ машғул гардида, дар афкори сиёсии ҷаҳонӣ вобаста ба он андешаҳои ҷолиберо пешниҳод намуда истодаанд.

Истифодаи таҳияҳои муосири илмӣ ва техникӣ, тадриҷан беҳтар кардани ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташкили ҷомеаи иттилоотӣ вазифаҳои калидӣ барои ҳар як ҷомеа мебошанд. Дар системаи донишҳои сиёсӣ ва илмҳои сиёсӣ масъалаҳои мазкур айни замон хеле баҳсбарангез мебошанд. Ин аст, ки мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои муҳимми равандҳои мазкур аз ҷониби олимони гуногун ба таври мухталиф шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Дар миёни онҳо яке аз масъалаҳои баҳснок рушди ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Оид ба моҳият ва хусусиятҳои ин навъи ҷомеа андешаҳои гуногун иброз гардида, назарияҳои мухталиф ба вуҷуд оварда шудаанд.

Саъю талоши ҷонибдорони инқилоби технологӣ ва дастгирӣ ёфтани онҳо аз ҷониби васоити ахбори омма дар солҳои 1990 боиси он гардид, ки назарияи ҷомеаи иттилоотӣ бештар бо омилҳои технологӣ алоқамандӣ пайдо намояд ва масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии он, ки ду даҳсола пеш аз ин дар таълимоти асосгузорони назарияи ҷомеаи пасосаноатӣ ба назар мерасиданд, қариб ки сарфи назар гарданд. Ногуфта намонад, ки тавсеаи ҷомеаи иттилоотӣ бо пешрафти илмию техникӣ, рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ робитаи қавӣ дорад, аммо дар баробари ин рушди илм, маориф, инноватсияи техникӣ, рушди иқтисодиёт, мундариҷаи саноати иттилоотӣ, фарҳанг ва махсусан сиёсати давлатӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нақши муассир доранд [156, с.7].

Бинобар сабаби афзалияти технологӣ доштани назарияи ҷомеаи иттилоотӣ як қатор муҳаққиқон ба омӯзиши паҳлуҳои дигари он машғул гардида, рушди онро аз дониш вобаста медонанд. Ин буд, ки дар солҳои 1990 дар баробари мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ», инчунин мафҳуми «ҷомеаи донишгаро» ва ё мафҳуми «ҷомеаи дар асоси дониш ташаккулёбанда»-ро низ истифода намудаанд. Вобаста ба мафҳумҳои мазкур андешаҳои ягона вуҷуд надоранд. Баъзе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ҷомеаи донишгаро нисбат ба ҷомеаи иттилоотӣ нисбатан

пешрафта мебошад. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон бошанд, иброз медоранд, ки ҷомеаи иттилоотӣ унсури таркибии ҷомеа буда, дар асоси донишҳои нав ташаккул меёбад ва иттилоот бошад, яке аз унсурҳои дониш мебошад.

Дар баробари олимону муҳаққиқон созмони баналмилалии ЮНЕСКО низ дар рушди назарияи «ҷомеаи донишгаро» саҳми арзанда гузоштааст. Дар гузоришҳои ин созмон таъкид мегардад, ки тағйирёбии табиати дониш яке аз пешрафтҳои нимаи дуюми асри XX ба шумор меравад. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки дар ин марҳилаи таърихӣ нақши созандаи иттилоот чандин маротиба боло рафта, он ба донишҳои гуногун табдил меёбад ва дар раванди рушди иҷтимоӣ ва махсусан дар раванди ташаккулёбии шахсияти инсон ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Иттилоот, иртибот ва дониш ҷавҳари асосии рушди босуръати ҷомеаи ҷаҳониро ташкил медиҳанд. ЮНЕСКО талош меварзад, ки дар ҷаҳон гардиши озоди ғояҳои навро ба вуҷуд оварда, донишҳои навро дар саросари ҷаҳон паҳн намояд ва бо монеаҳои дар ин самт мавҷуда мубориза барад. Ба андешаи коршиносони ЮНЕСКО, дар самти амалишавии ҳадафи онҳо хатару таҳдидҳои технологӣ он қадар нақши муҳим намебозанд, баръакс мушкилоти иҷтимоии мамлакатҳои алоҳида имкон намедиҳанд, ки раванди иттилоотикунонии ҷомеа дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ яке аз воситаҳои тақвият бахшидани рушди ҷомеаи донишгаро ба ҳисоб меравад. Дар назарияи «ҷомеаи дар асоси дониш ташаккулёбанда» нобаробарии шароитҳои истеҳсолот, кору фаъолият ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани интиқоли донишҳоро эътироф менамоянд. Махсусан, дастрасӣ надоштани шумораи зиёди одамон ба технологияҳои иттилоотии замони муосир хеле ташвишовар арзёбӣ мегардад.

Коршиносони созмони байналмилалии ЮНЕСКО вобаста ба рушди ҷомеаи донишгаро чаҳор меъёри муҳимро пешниҳод намудаанд [160].

Онҳо муътақиданд, ки чунин навъи ҷомеа дар асоси донишҳои ҷадид рушди худро таъмин менамояд:

1. Дар муҳити иттилоотию фарҳангии ҷомеа хеле муҳим ҳисобида мешавад, ки дониш ва ғояҳо тавассути ВАО-и чопӣ ва электронӣ ва инчунин тавассути интернет озодона паҳн карда шаванд. Амалӣ гардидани ин меъёр имкон медиҳад, ки одамон дар раванди баррасии мушкилоти ҷомеа ва масъалаҳои муҳимтарини мамлакат фаъолона ширкат варзанд.

2. Имконияти гирифтани таҳсилоти босифат яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеа мебошад. Маҳз тавассути таҳсилот одамон дониш, салоҳиятнокӣ, қобилиятнокӣ ва малакаҳои зарурии касбиро ба даст меоранд, ки баъдан барои пешрафт истифода мешаванд. Дар шароити амалишавии ин меъёр ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ имконпазир мегардад. Масалан, маҳви бесаводӣ, аз байн бурдани бегонашавӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон барин масъалаҳо ба воситаи дастраси аҳолӣ гардонидани таълими босифат ҳаллу фасл мегарданд. Бе рушди системаи маориф ба вуҷуд овардани ҷомеаи донишгаро ғайриимкон мебошад.

3. Ба шаҳрвандони мамлакат ва сокинони кишвар дар ҳаҷми зарурӣ ва дар муҳлати кутоҳ дастрас намудани иттилооти расмӣ, ба роҳ мондани иттилоотонии ҷомеа тавассути системаҳои иттилоотии давлатию ҷамъиятӣ. Барои амалӣ намудани ин меъёр, пеш аз ҳама, ташаккул додани чунин низомҳои иттилоотӣ хеле зарур мебошад. Низомҳои иттилооти соҳавӣ дар ин самт нақши хеле муҳим мебозанд. Инчунин, амалӣ гардидани ин меъёр аз шарту шароитҳои зерин вобаста мебошад: рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ва системаи иттилоотии мамлакат, тавассути дастурамалҳои методӣ ва ташкили тренингҳои омӯзишӣ дастраси одамон намудани тарзи корбарии системаҳои иттилоотӣ, бахусус фаҳмонидани тарзи ҷустуҷӯи иттилоот.

4. Гуногунрангии забонӣ ва фарҳангӣ принсипи навбатии ташаккулёбии ҷомеаи донишгаро муаррифӣ гардидааст. Дар ҷаҳони муосир системаҳои бузурги иттилоотӣ бо забонҳои англисӣ, русӣ, фаронсавӣ ва дигар забонҳо фаъолона сохта мешаванд. Давлат бояд кӯшиш кунад, ки шаҳрвандони он тавассути системаи маориф ин забонҳоро азхуд кунанд ва бо илм ва маорифи ҷаҳонӣ ҳамкорӣ кунанд. Аммо, ташаккули системаҳои иттилоотии ватанӣ дар асоси забони давлатӣ низ аҳамияти калон дорад. Эҷоди иттилоот ва донишҳои нав бо забони давлатӣ муҳим аст. Аз ин рӯ, давлат бояд ба рушди забони давлатӣ ва бартарияти он дар фазои иттилоотии кишвар диққати бештар диҳад.

Дар идомаи баррасии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ҳамин ҳолатро махсус бояд таъкид намуд, ки дар ҷомеаҳои алоҳида раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар як марҳилаи таърихӣ оғоз нагардидааст. Масалан, дар Америка раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар солҳои 50-60-ум, дар Япония 10-15 сол дертар аз ин, дар Европаи Ғарбӣ дар солҳои 70-уми асри гузашта оғоз гардидааст. Дар давлатҳои Европаи Шарқӣ ва давлатҳои нисбатан тараққикардаи осиёӣ ин раванд солҳои 1990 оғоз мегардад. Аммо дар аксари давлатҳои африқоӣ, осиёӣ ва як қатор давлатҳои Америкаи Лотинӣ ин раванд ҳанӯз ҳам оғоз нагардидааст ва ё барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардидани он заминаҳои мусоид ба вуҷуд наомадаанд. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои муҳимтарини асри иттилоотиро дар як вақт мавҷудияти ҷомеаҳои тосаноатӣ, саноатӣ ва иттилоотӣ ташкил медиҳанд. Яъне, айни замон, дар ҷаҳони муосир ҷомеаҳои тосаноатӣ, саноатӣ ва иттилоотиро мушоҳида намудан мумкин аст. Баъзан муҳаққиқони ҷомеаи иттилоотӣ дар атрофи ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ суҳбат менамоянд, ки он аз воқеият каме дуртар аст. Шояд заминаҳои ташаккулёбии он ба вуҷуд омада истода бошанд, аммо худи он дар шакли мукаммал ҳанӯз ба мушоҳида намерасад. Замоне дар атрофи ҷомеаи иттилоотии чаҳонӣ суҳбат кардан мумкин аст, ки агар

нишондодҳои иттилоотии ҷомеаҳои рӯбатараққӣ бо нишондодҳои иттилоотии ҷомеаҳои пешрафта баробар шаванд. Аммо ин воқеияти чанд даҳсолаи оянда мебошад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ шароитҳои мушаххаси таърихӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳатто ҳуқуқию фарҳангӣ ва сиёсӣ зарур мебошанд.

Вобаста ба ин раванд ҳолати дигарро низ ёдовар шудан бамаврид аст. Раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон бо гуногунрангӣ, ки бо фарқиятҳо дар сатҳ ва сифати рушд, алахусус дар доираи ҷомеаҳои алоҳида вобаста аст, хос мебошад. Масалан, дар Америка дар ибтидои солҳои 1950 танҳо пойтахти мамлакат - шаҳри Вашингтон ва маҳаллаҳои гирду атрофи он ба меъёрҳои ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ буданду бас. Баъди чанд соли дигар шаҳрҳои Ню-Йорк ва Бостон, сипас баъди як даҳсолаи дигар минтақаҳои дигари мамлакат ба равандҳои иттилоотӣ ворид гардида, ба талаботи меъёрҳои ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ гардиданд. Бо такя ба нишондодҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва вобаста ба рушди системаи иттилоотии мамлакат гуфтан мумкин аст, ки дар ибтидои солҳои 1960 дар Америка ҷомеаи иттилоотӣ пурра ташаккул ёфта буд [156, с.14].

Ҳамзамон, чунин давлатҳо ва минтақаҳо, ба монанди Сингапур, Гонконг, Тайван, Ирландия, Финляндия, Словения, Эстония ва чанд кишвари дигар, ки ҳудудашон нисбат ба Америка хеле хурд мебошад, раванди гузариш ба ҷомеаи иттилоотиро хеле босуръат паси сар намудаанд. Инчунин, дар шаҳрҳои калон, аз қабили Стокголм дар охири солҳои 1960 аллакай нишонаҳои ҷомеаи иттилоотӣ ба назар мерасиданд.

Дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ солҳои 60-уми қарни XX марҳилаи муҳим арзёбӣ мегардад. Масалан, дар соли 1961 нишондодҳои иқтисодии Америка яку якбора хеле боло мераванд, аввалин компютери шабакавӣ сохта мешавад, аз худ намудани фазои кайҳонӣ оғоз мегардад, аввалин киштии кайҳонӣ ба фазои кайҳон фиристода мешавад ва муҳимтар аз ҳама худи мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» дар ҳамин сол пайдо

мегардад. Ҳамин тариқ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки маҳз дар ибтидои солҳои 60-ум заминаҳои технологии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул меёбанд.

Истифодаи телефонҳои мобилӣ, компютерҳои фардӣ, телевизионҳои рақамӣ, истифодаи шабакаи интернет ва дигар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тарзи пешбурди ҳаёт, кору фаъолият, таҳсилу фароғат ва муоширати одамонро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Муваффақиятҳои шахсони алоҳида, самаранокии фаъолияти коллективҳои меҳнатӣ, пешрафти ҷомеаҳои алоҳида аз сатҳу сифати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир вобастагӣ доранд.

**Истифодаи алоқаи мобилӣ, компютери фардӣ ва шабакаи интернет [124, с.67-68]**

| Номгӯйи давлатҳои сатҳи рушду инкишофашон гуногун | % аҳолие, ки аз компютери фардӣ истифода менамоянд | % аҳолие, ки аз шабакаи интернет истифода менамоянд | % аҳолие, ки аз алоқаи мобилӣ истифода менамоянд |
|---|---|---|---|
| Япония | 92 | 68 | 71 |
| Исландия | 92 | 91 | 97 |
| Норвегия | 91 | 87 | 97 |
| Америка | 72 | 68 | - |
| Зеландияи Нав | 74 | 69 | 80 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 79 | 80 | 80 |
| Гонгконг | 63 | 61 | 86 |
| Сингапур | 64 | 60 | 47 |
| Кипр | 49 | 41 | 91 |
| Исроил | 52 | 42 | 81 |
| Озарбойҷон | 17 | 10 | - |
| Булғория | 37 | 34 | 70 |
| Руминия | 38 | 28 | 67 |
| Сербия | 44 | 33 | 77 |
| Марокко | 64 | 46 | 89 |
| Умон | 11 | 6 | 55 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Таиланд | 26 | 14 | 41 |
| Чили | 43 | 37 | 54 |
| Куба | 57 | 24 | 1 |
| Мексика | 31 | 20 | 40 |

Тӯли чанд даҳсолаи охир ҷомеаҳои саноатӣ ва пасосаноатӣ ба таҳаввулоти ҷиддӣ ва босуръат рӯ ба рӯ гардида, чунин тағйирот, пеш аз ҳама, ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ оварда расонида истодаанд. Чунин раванди дигаргуниро, ки дар пайи худ тағйиротҳои сифатиро фаро мегирад, бешубҳа раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ номидан мумкин аст. Дар чунин ҳолат таъсиси системаи иттилоотии давлат ва шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ интизор меравад. Ин ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тағйир ёфтани вазъи ташкилоту муассисаҳо, сабукгардонии қонунгузорӣ, тақвияти нақш ва аҳамияти донишҳои илмӣ дар ҷомеа ва махсусан дар рушди ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ оварда мерасонад. Инчунин пайдоиши шаклҳои нави демократияи электронӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ, тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнат ва дигар равандҳои шабеҳ интизор меравад. Хусусиятҳои бевоситаи ин раванд дар он ифода меёбанд, ки дигаргуниҳои мазкур дар муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ, яъне дар пеши назари як насл ба амал меоянд. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки маҳз дар тӯли 40 соли охир барои гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Албатта, чунин заминаҳо на дар ҳама ҷо ва на дар ҳама давлатҳои олам якхела ба назар мерасанд. Зеро қисми зиёди давлатҳо марҳилаҳои ибтидоии ин давраи гузаришро ҳанӯз ҳам тай накардаанд. Бо вуҷуди ин, як қатор равандҳо, аз қабили ҷаҳонишавии ҳаёти иқтисодӣ, рафъи монеаҳои идеологӣ ва рушди босуръати технология, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

метавонанд ба давомнокии давраи гузариш таъсир расонанд ва дар ҷомеа тағйироти назаррас ба амал оранд.

Технология дар соҳаи иттилоот ва коммуникатсия дар ҷомеаи муосир нақши калидӣ дорад. Онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла пешрафти технологӣ, рақобатпазирии иқтисодӣ, ҷойгоҳи кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ, нақши давлат дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, рушди институтҳои демократӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ғайра таъсири назаррас мерасонанд. Ба ибораи дигар, василаҳои иттилоотию иртиботӣ аз омили технологии рушду инкишоф ба унсури муҳимтарини ташаккулёбии ҷомеаи муосир табдил ёфтааст. Аммо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бошад, на танҳо аз коркардҳои илмию техникӣ, балки аз шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии мамлакат низ вобаста мебошад.

Дар замони муосир суръати ба амал омадани дигаргуниҳо ончунон баланд мебошад, ки одамон бо шароитҳои ҷомеаи иттилоотӣ замоне метавонанд худро мутобиқ гардонанд, ки агар дар ин навъи ҷомеа раванди омӯзиш ва таълим дар тӯли ҳаёт ба роҳ монда шуда бошад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ инсон барои он ки мавқеи худро дар раванди рақобат нигоҳ дошта, афзалиятҳои худро ҳифз намояд, бояд доимо донишу малакаи хешро такмил диҳад, то ки худро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардонад. Ба ибораи дигар, омӯзиш ва таълим на танҳо дар ибтидои ҳаёт бояд дастраси одамон бошанд, балки одамон бояд дар тӯли ҳаёт ба омӯзиш машғул гардида, донишҳои худро мукаммал намоянд. Албатта, дар ин раванд системаи маориф ва омодагии касбии мутахассисон низ ба талаботи чунин навъи ҷомеа бояд ҷавобгӯ бошанд. Дар ҷомеае, ки мутахассисонаш баъди хатми донишгоҳу донишкада дигар ба омӯзиш машғул намегарданд, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ хеле мушкил аст. Аммо дар ҷомеае, ки мутахассисони ояндааш ҳангоми таҳсил дар мактабҳои олӣ дониши зарурӣ ба даст намеоранд, сохтани ҷомеаи иттилоотӣ имконнопазир аст.

Дар аксари ҷомеаҳои муосир одамон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: 1) одамоне, ки ба иттилоот дастрасӣ доранд; 2) одамоне, ки ба иттилоот дастрасӣ надоранд. Дар шароите, ки гурӯҳи дуюми одамон нисбат ба гурӯҳи якум зиёдтар мегардад, дар самти таъмини рушди ҷомеа монеаи ҷиддӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар як нафар ба ҷомеаи иттилоотӣ ворид карда шавад ва дар ин самт иттилоотонии ҷомеа аҳамияти зиёд дорад. Айни замон аксари хизматрасониҳои иттилоотӣ пулакӣ ва хеле гарон низ мебошанд, ки дар самти иттилоотикунонии ҷомеа монеа эҷод менамоянд. Аз ҷумла, дастрасии аҳолӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ, алоқаи мобилӣ, шабакаи интернет, низомҳои иттилоотӣ, китобхонаҳои электронӣ ва ғайраҳо ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар ҳамин маврид махсус бояд таъкид намуд, ки барои ба роҳ мондани иттилоотикунонии босамар давлат бояд барои ба таври ройгон дастрас гардонидани хизматрасониҳои иттилоотии ватанӣ кӯшиш ба харҷ диҳад. Дар чунин шароит имкони аз худ намудани фазои иттилоотии ватанӣ фароҳам меояд. Инчунин, дар ҷомеа ба воситаи муассисаҳои таълимӣ ва китобхонаҳо низ одамон бояд бо иттилооти ройгон таъмин карда шаванд ва имкон пайдо намоянд, ки озодона ва бе мушкилӣ иттилооти заруриро дастрас кунанд. Ҳамзамон, давлат бо роҳи ташаккулдиҳӣ ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои электронӣ бояд сатҳу сифати зиндагии мардум ва пешбурди тарзи ҳаёти онҳоро беҳтар созад. Амалӣ намудани ин мақсад инчунин бо роҳи паст намудани арзиши хизматрасониҳои иттилоотӣ низ имконпазир аст.

Гарчанде ки дар ҷаҳони муосир, ки иттилоот барои ҳама дастрас аст, дониш, фаровонии иттилоот ва сатҳи баланди дониш метавонад нобаробарии иҷтимоиро пурра бартараф накунад. Дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ду табақаи ба ҳам муқобил ба вуҷуд меоянд: технократҳо ҳамчун табақаи афзалиятноки ҷомеа ва табақаи аз лиҳози технологию иттилоотӣ истисморшуда. Ба табақаи якум нафароне

дохил мегарданд, ки на танҳо соҳиби дониш ва иттилоот ҳастанд, балки босаводона онро дар лаҳзаҳои зарурӣ истифода менамоянд. Таъсири ин синф дар се сатҳ эҳсос мешавад: давлатӣ (намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ), касбӣ (мутахассисон ва коршиносон дар соҳаҳои гуногун) ва ташкилӣ (сохторҳои техникӣ ва технологӣ). Табақаи дуюм бошад, таркиби гуногун дорад. Ба таркиби он нафароне дохил мегарданд, ки супоришҳои ҳукуматиро иҷро менамоянд, кормандони техникӣ ва мутахассисони қаторӣ ва умуман онҳое, ки ба иҷроиши корҳои сатҳи маҳаллӣ ва хоҷагидорӣ машғуланд. Гурӯҳи аз ҳама осебпазир намояндагони касбу кори ҷисмонӣ мебошанд. Зеро фаъолияти онҳо бо технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ алоқамандие надоранд. Роҷеъ ба ин масъала бояд таъкид намуд, ки ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеае мебошад, ки дар он меҳнати фикрӣ нисбат ба меҳнати ҷисмонӣ афзалияти бештар дорад. Аз ин рӯ, меҳнати ҷисмонӣ ва касбу кори ҷисмонӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ба касбҳои анъанавӣ ва касбҳои куҳнашуда дохил карда мешаванд.

Албатта, соҳаи истеҳсолот соҳаи афзалиятнок боқӣ мемонад, лекин ба ҷойи неруи ҷисмонии инсон неруи технологияҳои навин истифода мегардад. Ба қавле, неруи ҷисмонии инсон қариб ки корношоям мегардад. Ба ҷойи он неруи ақлонии инсон афзалият пайдо менамояд. Ба андешаи идеологҳои ҷомеаи иттилоотӣ: «Намояндагони синфи истисморшуда (онҳое, ки бештар ба меҳнати ҷисмонӣ машғуланд)[1] аз лиҳози сохтори сиёсии мамлакат ва сиёсати пешгирифтаи давлат ба тамоюлоти пасосаноатӣ зиддият нишон медиҳанд» [38, с.310].

Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки рушди технологияҳои ҷадид ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ боиси рушди ниҳодҳои демократӣ низ мегарданд. Аммо истифодаи онҳо дар соҳаи сиёсат метавонад пайомадҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад.

[1] Дар ҷомеаҳое, ки дар онҳо раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ оғоз гардидааст, намояндагони синфи аз лиҳози иттилоотию технологӣ истисморшуда зиёда аз 90%-ро ташкил медиҳанд, ки чунин ҳолат, албатта, дар самти таъмини рушди ҷомеаи иттилоотӣ монеа эҷод менамояд ва ҳатто дар баъзе аз мавридҳо онро имконнопазир мегардонад.

Масалан, бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир ҷалби ҳарчи бештари одамон дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ имконпазир мегардад ва ҳамзамон онҳо дар самти назорати риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва иҷроиши қонунҳо ба давлат кумак мерасонанд. Аммо, аз ҷониби дигар, хавфи халалдор гардидани дахлнопазирии ҳаёти шахсии одамон ба вуҷуд меояд.

Дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ зиёд гардидани ташаббусҳои шаҳрвандӣ ва афзун гардидани эҷодкории одамон ба назар мерасад, рушди илму фарҳанг ба зинаи сифатан нав баромада, кашфиёту ихтирооти илмӣ зиёд мегардад. Зеро истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ ба одамони алоҳида ва олимону эҷодкорон имкон медиҳанд, ки бевосита масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаро муайян намоянд, мушкилоти аввалиндараҷаю дуюмдараҷаро ошкор сохта, сабабҳои пайдоиш, роҳҳои аз байн бурдани онҳоро дар кӯтоҳтарин муддат пайдо намоянд.

Дар баъзе аз сарчашмаҳои илмӣ дар зери мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва захираҳои иттилоотӣ фаҳмида мешавад, ки чунин баррасӣ нодуруст мебошад. Ҳарчанд мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» аз калимаҳои «ҷомеа» ва «иттилоот» таркиб ёфта бошад ҳам, моҳияти онро танҳо ба воситаи унсурҳои иттилоотӣ ифода намудан ғайриимкон аст. Дар ҷомеаи иттилоотӣ иттилоот дар натиҷаи коркард ба донишҳои зарурӣ табдил дода мешавад. Масалан, замоне дар атрофи иқтисодиёти электронӣ суҳбат менамоем, иқтисодиёте дар назар дошта мешавад, ки рушди он дар асоси коркарди иттилооти соҳаи иқтисодиёт ва донишҳои аз он бадастомада таъмин карда мешавад. Ё ин ки вақте дар атрофи демократияи электронӣ ва ё ҳукумати электронӣ суҳбат менамоем, дар ин маврид ҳам, пеш аз ҳама, раванди коркарди иттилоот ва донишҳои дар ин раванд бадастомада дар назар дошта мешавад, ки барои ба таври самаранок идора намудани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хеле

аҳамиятнок мебошанд. Албатта, ба вуҷуд омадани чунин тамоюлот аз истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобаста аст.

Дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ талабот ва ё қолаби ягона вуҷуд надорад ва он метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир гардад. Ба монанди он ки ҷомеаҳои саноатӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегарданд, ҷомеаҳои иттилоотӣ низ метавонанд моҳиятан як, аммо шаклан гуногун бошанд. Намунаҳои ҷомеаи иттилоотиро, пеш аз ҳама, аз рӯйи ду нишондод муайян менамоянд: сатҳи зоҳиршавии шиддати иҷтимоии мавҷуда ва имкониятҳое, ки одамон ба он худро мутобиқ карда натавониста истодаанд. Ҳамин тавр, ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаест, ки дар он одамон бояд пайваста омӯзанд, то ба талабот ва имкониятҳои воқеии замони худ мувофиқат кунанд. Ҳамзамон, онҳо бояд мақоми иҷтимоии худро нигоҳ доранд ва дар рушди соҳаи муайян саҳми арзанда гузоранд. Илова бар ин, рушди ҷомеаи иттилоотӣ, ки зери таъсири технологияҳои муосири компютерӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба амал меояд, боиси аз байн рафтани баъзе намудҳои фаъолият ва пайдоиши намудҳои нави он мегардад. Ин раванд ба одамоне, ки ба иттилоот дастрасӣ надоранд ва ба омӯзиши пайваста машғул нестанд, ба таври ҷиддӣ таҳдид менамояд. Хавфи аз даст додани ҷойи кор ва ё хавфи паст гардидани мавқеи иҷтимоии инсон ба амал меояд.

Инчунин, дар шароити ба амал омадани рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ташкили раванди кору фаъолият низ дар муассисаҳо ба дигаргунии ҷиддӣ дучор мегарданд, ки дар ин гуна вазъият мутахассисон бояд худро бо тағйиротҳои нав мутобиқ карда тавонанд. Зеро муассисаю корхонаҳо бо дарки талаботи давру замон фаъолияти худро тавре ба роҳ мемонанд, ки дар марҳилаҳои минбаъда дар зери таъсири технологияҳои ҷадид ва рақобатпазирии доимӣ мавқеи устувори худро нигоҳ дошта тавонанд.

Дар давраи ҷомеаи иттилоотӣ муносибат ба иттилоот ва истифодаи иттилоот тағйир меёбад. Дар ҷомеаи иттилоотии ташаккулёфта одамон ба доираи васеи захираҳои иттилоотӣ дастрасӣ доранд ва метавонанд мустақилона интихоб кунанд, ки китобҳо ва маҷаллаҳоро дар куҷо хонанд ва кадом намоишҳои телевизиониро тамошо кунанд. Каналҳои нави телевизионӣ ва интернет дар шабакаҳои иҷтимоӣ робитаҳои нав эҷод мекунанд. Дар чунин шароит одамон на танҳо истеъмолкунандагони иттилоот, балки иштирокчиёни фаъоли системаи иттилоотии кишвар низ мешаванд. Реклама ва маркетинг аз аудиторияи оммавӣ ба таъсири дақиқтар мегузаранд ва танҳо ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ маълумот медиҳанд. Ин аз сабаби гуногунии бозори хидматрасонии иттилоотӣ, аз ҷумла аудио ва видео ба амал меояд.

Афзоиши шумораи каналҳои телевизионӣ ба пайдоиши шабакаҳои махсус мусоидат мекунад, ки маълумотро бо таваҷҷӯҳ ба манфиатҳои тамошобинон ва мухлисон пешниҳод мекунанд. Масалан, каналҳои телевизионӣ ва иттилоотӣ бахшида ба варзиш, иқтисод ва тиҷорат, сиёсат, инчунин каналҳо барои кӯдакон ва ҳатто барои одамони касбҳои гуногун, аз қабили табибон, олимон, омӯзгорон, бинокорон ва ғайра сохта мешаванд. Ин раванд аллакай дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мушоҳида мешавад, аммо он дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ низ зоҳир мешавад. Илова бар ин, дар ин раванд нақш ва аҳамияти фаъолияти зеҳнӣ борҳо тақвият дода мешавад. Бо дарназардошти тағйирот дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ва мазмуни касбу ихтисос ҷойҳои зиёди корӣ таъсис дода мешаванд.

Дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ шакли дигари саводнокӣ – саводнокии компютерӣ ба вуҷуд меояд ва он ба талаботи давру замон табдил меёбад. Касоне, ки бо компютерҳои замонавӣ кор карда наметавонанд, онҳо на танҳо кори хуб пайдо намекунанд ва ё дар кори худ муваффақ намешаванд, балки аз хизматрасониҳои одии ҳаррӯза, аз қабили фармоиши чиптаҳо, истифодаи суратҳисоби бонкии худ,

пардохти ин ё он навъи хизматрасонӣ ба воситаи пулҳои электронӣ, аз почтаи электронӣ, умуман аз интернет ва низомҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода бурда наметавонанд. Ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои иттилоотии тараққикарда бе ҷалби доираи васеи одамони дорои саводи компютерӣ ғайриимкон аст. Дар натиҷа, дар доираи раванди таълим шумораи фанҳое, ки ба азхудкунии технологияҳои компютерӣ, рушди малакаҳои кор бо системаҳои иттилоотӣ, истифодаи воситаҳои иттилоотии нав дар соҳаҳои гуногун ва истифодаи хидматҳои иттилоотӣ бахшида шудаанд, меафзояд. Чи гунае ки муҳаққиқи ин масъала О.Ф. Волочаева қайд менамояд: «Афзалият пайдо намудани меҳнати фикрӣ нисбат ба меҳнати дастӣ заминаи асосии ташаккулёбии консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад» [124, с.47]. Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, агар давлат ва мақомоти он ба ин масъалаҳо диққати зарурӣ надиҳанд, ҷомеа ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: онҳое, ки ба иттилоот дастрасӣ доранд ва онҳое, ки аз он маҳруманд. Ин боиси афзоиши ташаннуҷи иҷтимоӣ ва оқибатҳои манфии бозори меҳнат мегардад.

Василаҳои иттилоотию иртиботӣ, ки унсури калидии ҷомеаи муосир мебошанд, бо дараҷаи баланди осебпазирӣ фарқ мекунанд. Масалан, дар натиҷаи ворид шудани киберҷинояткорон ба низомҳои иттилоотии сохторҳои ҳарбӣ ва хадамоти истихборотӣ, ҳамасола як қатор давлатҳои пешрафта ва ширкатҳои молиявӣ зарари зиёди сиёсию иқтисодӣ мебинанд. Баъзан низомҳои идораи нақлиёти ҳавоӣ, хоҷагидории шаҳрӣ, низомҳои энергетикӣ ва ғайраҳо ҳадафи ҳуҷумҳои иттилоотӣ қарор мегиранд. Дар натиҷа дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани фаъолияти соҳаҳои мазкур ғайриимкон гардида, дар ин ё он соҳаи фаъолият бетартибӣ ҳукмрон мегардад. Дар чунин шароит масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ба вуҷуд меояд, ки дар назди давлат вазифаҳои навро пеш мегузорад.

Давлатҳое, ки марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва пешрафтро аз сар гузаронидаанд ва имрӯз ба сатҳи муайяни рушд расидаанд, махсусан дар

муқобили терроризми киберӣ осебпазиранд. Ин барои он аст, ки барои таъмин намудани рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бояд системаи мураккаб ва муассири иттилоотӣ таъсис дода шавад. Аммо, гарчанде ки системаи иттилоотии ташаккулёбанда барои пешрафт ҳамчун асос хизмат мекунад, он инчунин ба муҳофизат дар роҳи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ниёз дорад.

Бо рушди системаҳои иттилоотӣ вобастагии давлат аз истифодаи мунтазами технологияҳои иттилоотӣ меафзояд. Бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ рушди иқтисодии кишвар ба амал меояд. Аз ҷумла, компютеркунонӣ соҳаҳои гуногуни саноат, ба монанди алоқа, энергетика, нақлиёт, молия ва бонкдорӣ, мудофиа ва амнияти миллиро фаро мегирад. Мақомоти давлатӣ дар фаъолияти худ технологияҳои пешрафтаро фаъолона истифода мебаранд ва дар оянда ин тамоюл танҳо афзоиш хоҳад ёфт. Олими рус В.А. Мазуров иброз медорад, ки: «Кибертерроризм аз ҳама бештар ба он мамлакатҳое таҳдид менамояд, ки онҳо низомҳои бонкӣ, энергетикӣ ва нақлиётӣ доранд ва махсусан давлатҳое, ки барои рушди соҳаҳои мазкур аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода менамоянд» [91, с.42]. Дар чунин ҳолат, ҳукуматҳо бояд барои муътадил нигоҳ доштани ин сохторҳо чораҳо андешанд ва усулҳо ва воситаҳои муассирро барои ҳифзи онҳо таҳия кунанд.

Омӯзиши асарҳои илмӣ нишон медиҳад, ки кибертерроризм хусусиятҳои худро дорад, ки онро аз киберэкстремизм фарқ мекунад. Масалан, С.В. Скрил дар пажӯҳишҳои илмию назариявии худ қайд менамояд, ки: «Киберэкстремизм бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир бо роҳи таъсиррасонӣ ба шуур ва афкори одамон рафтори онҳоро тағйир медиҳад ва кӯшиш менамояд, ки муносибати байни давлат ва ҷомеаро хароб созад. Киберэкстремистон ба воситаи паҳн намудани иттилооти иғвоангез ва

бардурӯғ дар шуури ҷамъиятӣ ҳисси нобовариро ба вуҷуд оварда, пояҳои ҳокимияти давлатиро ноустувор гардониданӣ мешаванд» [112, с.90]. Дар робита ба ин, мубориза бо кибертерроризм бештар хусусияти илмӣ-техникӣ ва технологӣ дорад. Дар айни замон, мубориза бо киберэкстремизм бештар ба самти иҷтимоӣ-сиёсӣ нигаронида шудааст ва тавассути таблиғот, маърифат ва кори идеологӣ амалӣ карда мешавад. Ғайр аз он, ҷанбаи муҳим фароҳам овардани шароити мусоид барои кор ва фаъолият мебошад. Аз ин таҳлил метавон хулоса кард, ки дар ҷомеаҳои пешрафта таъсири кибертерроризм бештар аст ва таъсири киберэкстремизм бо ду сабаб камтар аст. Дар кишварҳои пешрафта системаҳои иттилоотии мураккаб ва бисёрқабата мавҷуданд. Кибертеррористҳо аксар вақт ба ин системаҳо ҳамла мекунанд, ки ин ба кори муқаррарии онҳо халал мерасонад. Ба чунин системаҳо, масалан, системаҳои обтаъминкунӣ, барқ, парвозҳои байналмилалӣ, системаҳои бонкӣ ва системаҳои хизматрасониҳои иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд. Сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода дар робита ба ин масъала иброз медорад, ки: «Аз сабаби оне, ки аҳолии мамлакатҳои тараққикарда ҷойи кори арзанда ва маоши кофӣ доранд, андешаҳои иғвоангези экстремистон чи тариқи шабакаҳои иттилоотӣ ва чи тариқи дигар воситаҳои ахбори омма он қадар самараи дилхоҳ намедиҳанд. Инчунин, маърифати иттилоотию коммуникатсионии аҳолӣ, маданияти сиёсию иҷтимоии онҳо то дараҷаи зарурӣ ташаккул дода шудааст ва аз ин рӯ ба доми худ афтонидани чунин одамон аз ҷониби экстремистон кори хеле мушкил аст. Аммо дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳолати баръаксро мушоҳида намудан мумкин аст. Яъне, таъсири пасти кибертерроризм ва таъсири баланди киберэкстремизм» [111, с.274].

Имрӯзҳо технологияҳои марбут ба иттилоот ва коммуникатсия дар тамоми соҳаҳои ҳаёти одамон фаъолона ҷорӣ карда мешаванд ва ба гузариши инсоният ба сатҳи нави рушд мусоидат мекунанд. Дар ин гуна

вазъият истеҳсол ва истеъмоли ҳама намуд иттилоот барои аксари аҳолии мамлакат фаъолияти афзалиятнок ба шумор меравад. Албатта, гузариш ба ин марҳилаи рушду инкишоф чандин даҳсолаҳо тӯл мекашад, аммо заминаҳои ин раванд аллакай ба вуҷуд омадаанд ва ин аст, ки мо тағйироти сифатиро дар ҳаёти ҳамарӯзаи худ эҳсос менамоем. Дар робита бо ин, аксари давлатҳои тараққикардаи олам барои боз ҳам хубтару беҳтар таъмин намудани рушди ҷомеаи иттилоотӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд. Дар стратегияи давлатии ин кишварҳо, ба ғайр аз мушкилоти анъанавии иҷтимоӣ, аз қабили мубориза бо беқурбшавии пули миллӣ, ҷустуҷӯи кор барои шаҳрвандон ва таъмини рушди иқтисодӣ, нигоҳ доштани мақоми байналмилалии давлат ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин вазифаи мубориза бо таваррум, бекорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мебошад. Ҳатто дар ин кишварҳо чунин мешуморанд, ки ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотиро дар бар мегирад.

Василаҳои иттилоотию иртиботӣ унсури муҳимтарини пешбурди кору фаъолият ба ҳисоб мераванд. Яке аз пажӯҳишгарони масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ И.С. Мелюхин иброз медорад, ки: «Соҳаи саноат, энергетика, соҳаҳои хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт бе истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ фаъолияти худро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда наметавонанд ва дар раванди рақобат мавқеи шоистаи худро аз даст медиҳанд» [96, с.21]. Василаҳои иттилоотию иртиботӣ асосан ба коркарди иттилоот ва барои ба вуҷуд овардани донишҳои зарурӣ истифода бурда мешаванд. Дар заминаи донишҳои бадастомада таҷрибаю малакаи инсон дар самти таъмини пешрафти технологӣ боз ҳам тақвият мeёбад.

Дар вазъияти баамалоии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва махсусан дар раванди ташаккулёбии он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ чунин дигаргуниҳои сифатӣ ба назар мерасанд:

– баланд гардидани нақши дониш ва иттилоот дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат;

–хизматрасониҳои иттилоотию коммуникатсионӣ боиси баланд гардидани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мегарданд;

– дар сохтори шуғли аҳолӣ шумораи кормандону истифодабарандагони василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба маротиб зиёд мегардад;

– раванди роботизатсияи истеҳсолот суръати тоза пайдо намуда, дар раванди истеҳсолот ҷойи одамонро техника ва технологияҳои навин ишғол менамоянд;

– як қатор касбу ҳунарҳо аҳамияти иҷтимоии худро аз даст дода, ба ҷойи онҳо касбу ихтисосҳои нав пайдо мегарданд, ки бо истифодабарии технологияҳои иттилоотию компютерӣ вобаста мебошанд;

– раванди компютеркунонӣ ва иттилоотонии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бо суръати баланд ба амал бароварда мешавад;

– бо пешрафти технология, одамон ба захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ дастрасӣ пайдо мекунанд. Дар натиҷаи ин раванд дар кишвар захираҳои иттилоотии давлатӣ ва ҷамъиятӣ пайдо мешаванд, ки талаботи одамонро ба иттилоот қонеъ мекунанд;

– рушди бозорҳои электронӣ, шабакаи электронии иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ ва ниҳоятан ҳукумати электронӣ ба амал меояд.

Дар натиҷаи таҳлили омилҳое, ки ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунанд, мо метавонем хулосаҳои зеринро барорем:

– раванди рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа марҳилаҳои гуногунро дар гирифта, раванди хеле мураккаб ва гуногунпаҳлу мебошад ва онро марҳилаи навбатии рушди ҷомеаи инсонӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Дар раванди рушди ин навъи ҷомеа шарту шароит ва равандҳои гуногун

таъсиргузорӣ намуда, гузариш ба марҳилаи навбатии рушду инкишофро имконпазир мегардонанд;

– паҳн гардидан ва дар соҳаҳои гуногун ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтани василаҳои иттилоотию иртиботӣ заминаи асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба шумор меравад. Илова бар ин, маълумот ҳамчун дороии иҷтимоию иқтисодӣ ва шакли олии онҳо дониш барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аҳамияти калидӣ дорад;

– татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва истифодаи самараноки на танҳо захираҳои инсонӣ, балки иқтидори зеҳнии мутахассисон, сарватҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва захираҳои инсонӣ барои гузариш ба марҳилаҳои устувори рушд, афзоиши фоида ва махсусан таъмини некӯаҳволии одамон мусоидат мекунад;

– тадқиқоти раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ нишон медиҳад, ки назорати иттилоот, таъмини амнияти фазои иттилоотии давлат, инчунин идоракунии шабакаҳои иттилоотӣ ва технологияҳо воситаҳои асосии нуфузи сиёсӣ дар ҷаҳони муосир мебошанд. Ҳатто дар шароити муосир муваффақиятҳои рушди сиёсии мамлакатро бо қобилияти аз худ намудан, коркард кардан, интиқол ва паҳн намудани иттилооти сиёсӣ алоқаманд намудан мумкин аст. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф, пеш аз ҳама, механизм ва ниҳодҳои мувофиқ бояд ба вуҷуд оварда шаванд, то ки амалҳои дар боло номбаршуда ба таври самаранок роҳандозӣ гарданд.

# БОБИ II. ОМИЛҲОИ СИЁСИИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

## 2.1. Нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ

Ҳангоми баррасии нақши давлат дар рушду инкишоф ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки барои аксари давлатҳои дунё ин соҳаи фаъолият нисбатан соҳаи нав мебошад. Ба истиснои як қатор давлатҳои тараққикардаи олам, аз қабили Япония, Америка, Франсия, Олмон, давлатҳои Европаи Ғарбӣ ва монанди инҳо, ки ҳанӯз аз солҳои 70-80-уми асри гузашта ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, давлатҳои рӯ ба тараққӣ муҳиммият ва зарурияти гузариш ба ин навъи ҷомеаро танҳо дар тӯли ду даҳсолаи охир дарк намуда, ба он таваҷҷуҳ кардаанд. Бинобар ин, масъалаи нақши давлат дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ айни замон дар миёни олимону муҳаққиқони зиёд мавзӯи баҳсу мунозираҳои илмӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, масъалаи чӣ гуна танзим кардани истифодаи интернет, чӣ гуна ба шаҳрвандон дастрасӣ ба системаҳои иттилоотии давлатӣ, чӣ гуна ҳифзи маълумоти шахсӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, системаи иттилоотии кишвар, сохтани вебсайтҳои миллӣ ва ғайра баҳсбарангез боқӣ мемонад.

Ҳамзамон, рушди пайвастаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва таъсири онҳо ба маориф, фарҳанг, шуғл, робитаҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ҷомеа аз давлат талаб мекунад, ки нақши худро дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ муайян кунад. Зеро давлат метавонад дар раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши меҳвариро ишғол намояд ва рафтори субъектҳои гуногуни ҷомеаро ба танзим даровварда, заминаи меъёрию ҳуқуқиеро ташаккул диҳад, ки ҳамаи иқтидори

мавҷударо барои таъмини рушди ҷомеа ва инсон равона созад. Чунин самти фаъолият аз сиёсати иттилоотӣ ва ё сиёсати иттилоотонӣ дида миқёси васеътарро фаро мегирад. Аммо, дар навбати аввал, зарур мешуморем, ки ба масъалаҳои сиёсати иттилоотии давлат ва сиёсати иттилоотонии он низ таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Одатан, сиесати иттилоотии давлат ҳамчун стратегияи идоракунии коммуникатсия байни давлат ва васоити ахбори омма баррасӣ карда мешавад. Аммо сиёсати иттилоотонӣ мазмуни васеътар дорад. Яъне, дар чунин ҳолат маҷмӯи чорабиниҳое дар назар дошта мешавад, ки ба истифодаи воситаҳои иттилоотонӣ дар мақомоти давлатӣ ва хоҷагии халқ нигаронида шудааст.

Дар ҳар як мамлакат масъалаи муносибатҳои байни давлат ва ВАО – масъалаи хеле ҳассос ва баҳсбарангез маҳсуб меёбад ва он одатан ба воситаи қонуни ВАО ва риояи меъёри озодии сухан ва баён ба танзим даровoрда мешавад. Дар соҳаи ВАО истифода гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба муносибатҳои мазкур ҳеҷ чизи наверо илова намекунад. Аммо сиёсати иттилоотонӣ хусусияти сифатӣ дорад ва дигаргуниҳои сифатии ҷомеа аз миқёси истифодабарии онҳо вобаста мебошад. Сиёсати иттилоотонӣ фаъолияти давлатие мебошад, ки барои дастраси кулли ҷомеа гардонидани иттилооти зарурӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамзамон, раванди иттилоотонӣ низ ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Аммо дар маҷмӯъ, онро раванди дар соҳаҳои гуногун сохта ба истифода додани низомҳои иттилоотӣ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Тӯли солҳои охир сиёсати иттилоотии давлат хусусиятҳои навро соҳиб гардида, мазмуну мундариҷаи худро васеъ намудааст. Аз ҷумла, пайдоиши ВАО-и нав, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ ва системаҳои гуногуни иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба сиёсати иттилоотии давлат таъсири калон расонд. Бинобар ин давлат низ дар чунин шароит нисбат ба

муҳити иттилоотии ҷомеа муносибати худро тағйир дода, дар ин соҳа доираи фаъолияти худро васеъ намуда истодааст. Бо назардошти чунин вазъият мазмуни сиёсати иттилоотии давлат каме васеъ шарҳ дода мешавад. Ба андешаи муҳаққиқи рус И.С. Мелюхин: «Сиёсати иттилоотии давлат фаъолияти махсуси мақомоти давлатӣ буда, барои рушди соҳаи иттилоотӣ ва танзими ин соҳа нигаронида шудааст. Соҳаи иттилоотии ҷомеа на танҳо васоити ахбори оммаро дар бар мегирад, балки телекоммуникатсия, низомҳои иттилоотӣ, манбаъҳои иттилоотӣ, соҳаи коркард, нигоҳдорӣ, интиқолдиҳӣ ва паҳн намудани иттилоот низ ба он дохил мешаванд» [128, с.67]. Бояд гуфт, ки василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва расонаҳои хабарӣ унсурҳои ҷудогонаи системаи иттилоотии ҷомеа ба шумор мераванд. Айни замон муайян намудани муносибати давлат бо онҳо пурра имкон намедиҳад, ки моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шавад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва намоиши намоёни иштироки давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба возеҳият дар масъалаҳои марбут ба муҳити иттилоотии ҷомеа мусоидат мекунад.

Таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар раванди танзими соҳаи иттилоот як қатор самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ афзалиятнок ба шумор мераванд. М.С. Вершинин дар заминаи омӯзиши иртиботи сиёсӣ ва нишон додани нақши иртиботи сиёсӣ дар системаи ҷомеаи иттилоотӣ самтҳои фаъолияти мақомоти давлатиро ба таври зерин нишон додааст: «Тавсеаи рақобат дар соҳаи иттилоот: мубориза бо монополияи иттилоотӣ; таъминоти ҳуқуқӣ ва технологӣ, фароҳам овардани имкониятҳои техникӣ барои аҳолӣ, то ки онҳо ба иттилоот ва манбаъҳои иттилоотӣ дастрасӣ пайдо намоянд; риоя намудани озодии сухан новобаста аз муҳити технологии соҳаи иттилоот; ҳимоя намудани манфиатҳои иттилоотию маънавии ақаллиятҳои миллӣ ва табақаҳои гуногуни ҷомеа; бо истифода аз иқтидори иттилоотии мамлакат мустаҳкам намудани пояҳои фарҳанги миллӣ ва забони давлатӣ, мубориза бо экспансияи фарҳангии

давлатҳои дигар, ба забони давлатӣ ба роҳ мондани тарҷумаи асарҳои илмӣ ва бадеӣ, бо забони давлатӣ сохта ба истифода додани сомонаҳои зиёди интернетӣ, ташаккул додани контенти миллӣ; таъмини амнияти иттилоотии шахс ва ҷомеа, мубориза бо ҷиноятҳои компютерӣ ва кибернетикӣ; ҳифзи моликияти зеҳнӣ; назорати истифодаи самараноки василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар мақомоти давлатӣ; барои ташаккули ҷомеаи демократӣ ва таъмини шаффофияти идоракунии давлатӣ василаҳои иттилоотию иртиботӣ бояд ба таври мақсаднок истифода гардад ва дар заминаи онҳо дар байни шаҳрвандон ва давлат муошرати электронӣ ба роҳ монда шавад» [35, с.78].

Азбаски татбиқи лоиҳаҳои васеъмиқёс дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсия бо дараҷаи баланди номуайянӣ алоқаманд аст, давлат наметавонад маблағҳои андозсупорандагонро барои маблағгузории ин соҳа истифода барад. Таҷрибаи як қатор давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки пешбурди ин гуна тиҷорат ба уҳдаи саҳомон ва сармоядорон ҳавола карда мешавад ва давлат бошад, барои тиҷорати бахши хусусӣ шароитҳои мусоид муҳайё менамояд. Масалан, барои ба истифода додан ва як муддати муайян мавриди истифода қарор додани низомҳои иттилоотӣ ба соҳибкорон имтиёзи мушаххас дода мешавад. Чунин мавқеи давлат фаъолияти анъанавие мебошад, ки аз ҷониби аксар давлатҳои ҷаҳон ҳангоми ташаккулдиҳии системаи иттилоотии мамлакат ба кор бурда мешавад. Чунин раванди иттилоотӣ аввалин маротиба солҳои 70-80-уми қарни гузашта дар як қатор давлатҳои Европаи Ғарбӣ ба амал омада буд.

Соли 1978 дар Франсия оид ба таъсири технологияҳои нави иттилоотӣ ба ҷомеа маърӯзаи махсусе омода гардида буд [159]. Ҳукумати Франсия кӯшиш менамуд, ки паҳлуҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии раванди дар амал татбиқ гардидани технологияҳои иттилоотиро муайян намояд ва дар заминаи он барои муайян намудани нақш ва мавқеи

давлат дар ин раванд намунаи ягонаи иттилоотикунониро ташаккул диҳад. Дар маърӯзаи мазкур нишон дода шуда буд, ки: «Технологияҳои ҷадид чӣ гуна метавонанд соҳаи саноат, сохтори иҷтимоӣ, ҳаёти фарҳангӣ, илму маорифро тағйир диҳанд ва чаро системаи сиёсии ҷомеа дар ин раванд бояд тағйир дода шавад» [159].

Муаллифони маърӯзаи мазкур ба иқтидори технологияҳои компютерӣ такя намуда, технологияҳои мазкурро: «Воситаи аз буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ баровардани Франсия, ҳифзи истиқлолияти иқтисодии мамлакат, мустаҳкам намудани пояҳои давлату давлатдорӣ, таъмини ҳаёти хубтару беҳтари аҳолӣ ва дар маҷмӯъ воситаи ба даст овардани созиши иҷтимоӣ муаррифӣ намудаанд» [159]. Технологияҳои компютерӣ дар самти коркард ва интиқоли маълумот ва иттилоот табаддулоти ҷиддиро бояд ба вуҷуд меоварданд. Дар маърӯзаи мазкур барои ифодаи технологияҳои мазкур мафҳуми «телематика»[1] истифода гардида буд. Телематика сохторҳои як замон марказонидашударо бо талаботи давру замон мутобиқ гардонида, раванди идоракунии ташкилоту муассисаҳоро самаранок мегардонад. Тибқи нишондоди муаллифони маърӯза: «Содагардонии сохтори маъмурӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, хубтару беҳтар намудани муносибати байни шахсоне, ки бо сохтори мазкур алоқамандӣ доранд (маъмурон ва тобеон; истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон), вазифаи асосии телематика дониста мешавад» [159]. Инчунин, телематика ба ҳокимияти маҳаллӣ озодии бештар дода, имкониятҳои рақобатпазирии соҳибкории хурду миёнаро чандин маротиба боло мебардорад. Он ба касбу ихтисосҳои мушаххас таъсири ҷиддӣ расонида, мавқеи иҷтимоии онҳоро тағйир медиҳад, робитаи байни гурӯҳҳои иҷтимоиро афзун гардонида, ташкилотҳои бузургро каме осебпазир мегардонад, ки дар натиҷа монополизм коҳиш меёбад [159].

[1] Телематика – бо ҳам алоқаманд намудани компютер ва телекоммуникатсия.

Дар маърӯзаи мазкур ҷанбаҳои техникии навовариҳои технологӣ низ таҳлил мегарданд, ки чунин баррасӣ шояд барои хонандагон он қадар ҷолиб нестанд. Аммо, аз нуқтаи назари оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии инноватсия, масъалаи нақши сиёсати давлатӣ дар раванди иттилоотӣ калидӣ мегардад ва бо мавзуи таҳқиқот зич алоқаманд аст. Ҳангоми коркарди маълумот ва иттилоот пайомади муҳимми истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ бояд баланд бардоштани самаранокии меҳнат бошад. Ба андешаи муаллифони маърӯза: «Иттилоотонӣ метавонад ҷомеаро ба буҳрон дучор намояд, агар вазъият бо шуғли аҳолӣ ва бо ҷойи кори онҳо бадтар гардад. Баръакс, метавонад ҷомеаро аз буҳрон барорад, агар касодии тиҷоратиро бартараф созад, ба рушди иқтисодиёт такони ҷиддӣ бахшад ва шиддати иҷтимоии ҷомеаро паст карда тавонад» [159]. Дар кадом шакл ба амал омадани пайомади иттилоотонӣ ва афзалиятнок гардидани кадом самти фаъолият аз сиёсати давлатӣ вобаста мебошад. Аз он сабабе, ки дар шароити муосир рушди соҳаҳо аз касбу ихтисос ва касбияти кормандон вобаста мебошад, аз ин рӯ, муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок, таъмини рушди онҳо ва ба вуҷуд овардани шароит барои баланд бардоштани касбияти кормандон хеле зарур дониста мешавад. Чунин амалҳо айни замон дар давлатҳои қафомонда ва махсусан рӯ ба тараққӣ хеле муҳиму сариваќтӣ мебошанд. Дар раванди амалӣ намудани ҳадафҳои мазкур истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ нақши ҳалкунанда мебозанд, ки дар ташкилу таъмини он сиёсати давлатӣ бояд мавқеи марказиро ишғол намояд.

Дар баробари ҳукумати Франсия соли 1978 Комиссияи европоӣ «Китоби сабзи телекоммуникатсия»-ро ба табъ мерасонад, ки дар он шабакаҳои телекоммуникатсионӣ системаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаҳои муосир муаррифӣ мегарданд.

Соли 1988 Маъмурияти миллии Америка оид ба иттилоот ва телекоммуникатсия маърӯзаеро таҳти унвони «NTIA - Telecom 2000 report»

нашр менамояд, ки дар он муҳиммият ва мубрамияти системаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии мамлакат асоснок гардида, барои устувор нигоҳ доштани иқтисодиёти америкоӣ ва ҷаҳонӣ зарур арзёбӣ мегардад. Каме дертар, аниқтараш соли 1991, дар Америка Қонун «Дар бораи коммуникатсия ва компютерҳои баландсуръат» [159] қабул мегардад. Қонуни мазкур бо ташаббуси сенатор Алберт Гор ба тасвиб мерасад. А.Гор пас аз ёрдамчии президенти Америка таъйин шуданаш, дар соли 1993 ташаббускори «Нақшаи фаъолияти маъмурияти Америка дар соҳаи системаи иттилоотии миллӣ» (The National Information Infrastructure: Agenda for Action) мегардад. Мафҳумҳои «системаи иттилоотии миллӣ» ва «супермагистрали иттилоотии мамлакат» бори аввал дар маърӯзаҳои А.Гор садо додаанд, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқон дар солҳои минбаъда мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Ҳукумати Америка таъмин намудани рушди системаи иттилоотии миллӣ ва системаи иттилоотии глобалиро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ мешуморад. Роҳбарияти Америка соли 1993 дар яке аз ташаббусҳои худ зери унвони «Системаи иттилоотии миллӣ: нақша барои фаъолият» самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеаи иттилоотиро асоснок намудааст. Дар ҳуҷҷати мазкур қайд мегардад, ки ҳамаи шаҳрвандони Америка дар ташаккули шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд. Ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ шабакаҳои иттилоотии сатҳашон гуногун, компютерҳои замонавӣ, манбаъҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию электроние, ки барои дастраси дигарон гардонидани иттилоот хизмат мерасонанд, дохил мешаванд. Дар Америка системаи иттилоотии мамлакатро асосан бахши хусусӣ ташаккул медиҳад. Аммо дар ин раванд давлат нақши калидӣ мебозад ва барои ҳамаи шаҳрвандони мамлакат дастрасии иттилоотро бо нархи мувофиқ бояд таъмин намояд.

Соли 1994 ҳукумати Канада нақшаи рушди иқтисодиётро бо истифода аз инноватсия таҳия кард. Дар ин замина усулҳо ва воситаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда шуданд. Барои татбиқи ин нақша ду барномаи амалӣ сохта шуданд. Яке аз онҳо шабакаи иттилоотии Муттаҳидаи Канада барои таҳқиқоти илмӣ, маориф ва рушди саноатӣ мебошад. Он сохтани шабакаҳои баландсуръатро дар бар мегирад. Барномаи дуюм шабакаи таълимии SchoolNet мебошад. Он барои такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаҳои гуногун пешбинӣ шудааст [156].

Барои амалӣ кардани ин стратегия ва барнома, бояд нақшаи амалҳои мушаххас тартиб дода шавад. Барои амалӣ намудани онҳо зиёда аз 30 муассисаи давлатӣ ҷалб карда мешавад. Бо ин роҳ гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисодиёти электронӣ бо истифода аз магистрали иттилоотии Канада пешниҳод мегардад, ки дар якҷоягӣ бо иштироки давлат, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бояд дар амал татбиқ карда мешуд. Дар доираи амалигардонии ин навъи фаъолият ҳадафҳои зерин гузошта шуда буданд:

– ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ дар Канада тавассути фароҳам овардани шароит барои рақобати муваффақ, назорати муассир, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мувофиқ аст, инчунин таҳияи хидматҳои нав ва ҷалби сармоягузорӣ;

– васеъ намудани доираи хизматрасониҳои иттилоотӣ ва маҳсулот, мусоидат ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар сатҳи баландтар;

– бо мақсади ба аҳолии кишвар имконият додан, ки аз неъматҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки барои ҷомеа афзалият доранд, истифода баранд. Дар чунин шароит шаҳрвандон имкон пайдо менамоянд, ки дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ ширкат варзанд;

– баланд бардоштани масъулияти давлат ва дастраси ҳамагон гардонидани хизматрасониҳои он.

Дар тӯли солҳои 1990-2000 аз ҷониби Комиссияи Иттиҳоди Европа низ як қатор нақша-чорабиниҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул мегарданд, ки ҳадафи аслии онҳо ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Дар миёни онҳо «Масири европоӣ ба сӯйи ҷомеаи иттилоотӣ» ҳуҷҷати хеле муҳим мебошад. Инчунин, дар ин давра аз ҷониби як қатор давлатҳои дигари тараққикарда ва як зумра давлатҳои рӯ ба тараққӣ низ чунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ ба тасвиб мерасанд. Аммо Финляндия ва Олмон дар ин самт муваффақияти бештар пайдо менамоянд.

Давлатҳои европоӣ дар ин марҳилаи инкишоф ташаккули ҷомеаи иттилоотиро яке аз ҳадафҳои афзалиятноки худ мешумориданд. Онҳо дар самти амалишавии «Масири европоӣ ба сӯйи ҷомеаи иттилоотӣ» ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Коршиносон ва пажӯҳишгарони масоили ҷомеаи иттилоотии кишварҳои европоӣ муваффақиятҳои зеринро дар ин самт номбар намудаанд: «Либераликунонии соҳаи телекоммуникатсия ба churaи самаранок ба роҳ монда мешавад; хусусиятҳои иҷтимоии ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул дода шуда, дар ин самт ташаббусҳои шаҳрвандӣ дастгирӣ меёбанд ва онҳо барои рушди ояндаи ҷомеа сафарбар карда мешаванд; дар соҳаи маориф нақшаи чорабиниҳои ҷадид таҳия мегардад ва дар он нақш ва мавқеи василаҳои иттилоотию иртиботӣ хеле баланд бардошта мешавад; соҳаи саноати иттилоотӣ ва истеҳсоли технологияҳои иттилоотӣ дастгирӣ ёфта, то ҳадде рушду инкишоф дода мешаванд, ки намунаҳои европоиро дар миёни намунаҳои дигар дар мавқеи хеле баланд қарор медиҳанд. Чунин омил на танҳо воситаи таъмини рақобатпазирии технологияҳои иттилоотӣ, балки яке аз омилҳои ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ низ ба шумор мерафт; барномаҳои гуногуни коркардҳои илмӣ ва таҳқиқоти илмӣ бомуваффақият дар амал татбиқ карда мешаванд; Комиссияи европоӣ

воситаи муҳимтарини коркарди санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳою низомномаҳо дониста шуда, барои гузариш ба ҷомеаи иттилоотии глобалӣ бояд шароитҳои заруриро фароҳам меовард» [154].

Давлатҳои европоӣ ба муваффақиятҳои бадастовардаи худ қонеъ нашуда, барои таъмини рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ дар солҳои минбаъда дар назди худ вазифаҳои навбатиро мегузоранд. Ин навбат бо истифода аз иқтидори василаҳои иттилоотию иртиботӣ беҳтар намудани шарту шароити пешбурди тиҷорат ва ҷорӣ намудани тиҷорати электронӣ ҳадафи асосии онҳо қарор дода мешавад. Барои амалӣ намудани ин мақсад ба роҳ мондани таҳсил ва омӯзиш дар тӯли ҳаёт зарур дониста мешавад. Давлатҳои европоӣ доираи васеи ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти «таҳсилот дар ҷомеаи иттилоотӣ» ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

Бо мақсади баррасии рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва муайян намудани монеаҳои дар ин самт ҷойдошта Комиссияи европоӣ соли 1995 ҳамоиши минтақавиеро ташкил менамояд, ки мақсади асосии он таҳти назорат қарор додани раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун мебошад. Дар ҳамоиши мазкур ба соҳаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад: «Мавқеи иқтисодиёт ва шуғли аҳолӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ; мавқеи арзишҳои муҳимтарини иҷтимоӣ ва демократӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ; таъсири василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба хадамоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ; вазъи маориф, такмили ихтисос ва таҳсилот дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ; вазъи фарҳанг ва ояндаи васоити ахбори омма; рушди устувор, рушди технологияҳо ва дар маҷмӯъ рушди системаи иттилоотии ҷомеа» [123, с.43].

Европоиҳо чунин мешумориданд, ки агар давлатҳои Европа худро бо муҳити ҷадиди иттилоотию коммуникатсионӣ саривақт ва ба таври самаранок мувофиқ гардонида натавонанд, пас онҳо на танҳо дар назди иқтисодиёти Америка ва Осиё иқтидори рақобатпазирии худро аз даст медиҳанд, балки дар ҳудудҳои онҳо истисмори иҷтимоӣ меафзояд. Дар

маҷмӯъ, масъалаҳои мухталифи рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Европа дар аввалин гузориши солонаи Ҳамоиши европоӣ таҳти унвони «Шабакаҳо барои одамон ва умумиятҳои иҷтимоӣ» пешниҳод гардидаанд [159].

Бо суръати баланд ворид намудани мактабҳо ба системаи иттилоотии мамлакат яке аз ҳадафҳои хеле муҳимми Комиссияи европоӣ дониста мешавад. Таъмини дастрасии мактабҳо ба технологияҳои муосири иттилоотӣ, истифодаи фаъолонаи барномаҳои гуногуни компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар раванди таълим, афзоиши шумораи корбарони дастгоҳҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ташкили системаи таълимӣ, ки гуногунии фарҳангӣ ва забониро ба назар мегирад, ҳамаи ин ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ноил шудан ба ҳадаф мусоидат мекунад. Инчунин, барои татбиқи ин мақсад иҷроиши чунин амалҳо низ зарур дониста мешавад:

– васеъ намудани алоқаҳои байниҳамдигарии шабакаҳои таълимии сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;

– ҷоннок намудани корҳо дар самти таҳияи маводи таълимии электронӣ ва паҳн намудани онҳо;

– ба омӯзгорон роҳу усулҳои истифодабарии технологияҳои ҷадид ва усулҳои нави таълимро омӯзонидан;

– ба иштирокчиёни раванди таълим дар бораи имконият ва иқтидори дастгоҳҳои аудиовизуалӣ ва маҳсулоти электронию иттилоотӣ маълумот пешниҳод намудан [157].

Ногуфта намонад, ки чунин ташаббусҳо дар аксари давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аллакай роҳандозӣ шуда истодаанд. Масалан, дар Британияи Кабир «Шабакаи ягона дар соҳаи маориф», дар Америка «Саводнокии технологӣ», дар Олмон «Мактабҳо дар шабакаи ягона» ва монанди инҳо роҳандозӣ шудаанд.

Дар самти рушди ҷомеаи иттилоотӣ инчунин созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ки бо ташаббуси давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон

ташкил шудаанд, нақши муассир доранд. Масалан, 22 июли соли 2000 дар ҷазираи Окинаваи Япония нишасти «Ҳаштгонаи бузург» баргузор мегардад, ки дар он Созишномаи ҷомеаи иттилоотии глобалиро қабул менамоянд. Созишномаи мазкур, пеш аз ҳама, характери гуманитарӣ дорад, аммо муҳиммияти ҳуҷҷати мазкур дар он ифода меёбад, ки нақши аввалиндараҷаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушди ҷомеаҳои асри XXI аз ҷониби давлатҳои абарқудрати ҷаҳон эътироф мегарданд. Дар «Созишномаи Окинава» қайд мегардад, ки: «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои муҳиме мебошанд, ки ба рушди ҷомеаҳои асри XXI таъсири амиқ мерасонанд. Пеш аз ҳама, истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба тарзи ҳаёти одамон, ба раванди таҳсилот ва кору фаъолияти онҳо, инчунин ба раванди муносибатҳои мутақобилаи ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсиргузорӣ намуда, дар ин самт инқилоби технологию иттилоотиро ба вуҷуд меоварад» [140].

Соли 2002 барномаи созмони байналмилалии ЮНЕСКО таҳти унвони «Иттилоот барои ҳамагон» қабул мегардад, ки дар соҳаҳои гуногун, махсусан дар соҳаи иҷтимоиёт дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор додани василаҳои иттилоотию иртиботӣ мақсади асосии он ба шумор мерафт. Баъд аз қабули барномаи мазкур Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ намудани лоиҳаҳоеро, ки барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ нигаронида шудаанд, оғоз менамояд.

Бо ташаббуси СММ дар ду марҳила: аввал соли 2003 дар Женева ва сипас соли 2005 дар Тунис вохӯрии сатҳи олӣ дар шакли ҳамоиши байналмилалӣ оид ба масъалаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ баргузор мегардад. Дар вохӯрии соли 2003 баъди қабули нақшаи чорабиниҳо вохӯрии ҳамасолаи сатҳи олӣ оид ба масъалаҳои ҷудогонаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба мувофиқа мерасад. Саммит воқеан барои рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ асос гардид. Дар чорабинӣ намояндагони баландпояи

175 давлат, аз ҷумла сарони беш аз 50 кишвар иштирок мекунанд. Дар натиҷаи мулоқот дар Женева, иштирокчиен эъломияеро қабул карданд, ки дар он гуфта мешавад, ки бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳазорсолаи нав мушкилоти нав аст. Дар банди 46 эъломияи мазкур таъкид мегардад, ки: «Давлатҳо дар сохтмони ҷомеаи иттилоотӣ бояд фаъолона иштирок намоянд ва нисбат ба амалҳои яксамта, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва бо муқаррароти СММ мувофиқат намекунанд, чораҳои зарурӣ андешанд» [148].

Соли 2006 Ҳамоиши байналмилалӣ оид ба идоранамоии интернет баргузор мегардад. Ҳарчанд ҳамоиши мазкур ҳамчун аввалин ҳамоиши сатҳи байналмилалӣ оид ба идоранамоии интернет амалан ҳеҷ масъалаеро ҳал накарда бошад ҳам, он заминаи асосии баргузории чунин ҳамоишҳо гардид. Аз ин лаҳза дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ мунтазам конфронсҳо оид ба идоракунии интернет баргузор мешаванд. Вазифаи асосии онҳо муайян кардани он аст, ки чӣ гуна интернетро самараноктар истифода баранд, назорат кунанд ва танзими кори он ва рушди имкониятҳои онро барои тамоми инсоният таъмин намоянд. Ҳамчунин, соли 2006 Маҷмааи Кулли СММ дар эъломияи худ рӯзи 17 майро Рӯзи байналмилалии ҷомеаи иттилоотӣ эълон менамояд [13].

Дар ибтидои асри XXI як қатор кишварҳои пешрафта стратегияҳои миллии рушди ҷомеаи иттилоотиро таҳия мекунанд, ки барои пешрафти марҳила ба марҳила дар ҷомеаи онҳо асос мешаванд. Чунин консепсияҳо дар Америка, Британияи Кабир, Канада, Финляндия, Франсия, Япония, Италия, Олмон ва Дания таҳия ва қабул гардидаанд. Ҳар як мамлакат барномаи рушди ҷомеаи иттилоотии худро бо назардошти шароитҳои мушаххаси мавҷуда ташаккул додааст. Ҳангоми таҳияи ин барнома мо ба назар мегирем, ки системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии давлат, системаи ҳуқуқии он, соҳаи иттилоот ва технологияҳои мавҷуда дар кадом марҳилаи рушд қарор доранд. Таҳлили ин гуна барномаҳои давлатӣ нишон

медиҳад, ки ҳарчанд онҳо аз рӯйи шаклу мазмун аз ҳамдигар тафовут дошта бошанд ҳам, моҳиятан ҷавҳари асосии ҷомеаи иттилоотиро ифода менамоянд. Асоси барномаҳои мазкурро чунин баррасие ташкил менамояд, ки ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар зери таъсири насли нави технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба амал меояд. Ин раванд бо мақсади мутобиқшавии мамлакат ба ҷаҳонишавии бозор ва нигоҳ доштани рақобатпазирии иқтисодиёт, чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар арсаи байналмилалӣ, роҳандозӣ мегардад. Барои таъмини рушди бомароми ҷомеаи иттилоотӣ талошҳои созанда ва батанзимдарорандаи давлат хеле зарур мебошанд. Зеро маҳз давлат ҳамчун ниҳоди марказии системаи сиёсӣ ва соҳиби ҳокимияти олӣ метавонад манфиатҳои кулли ҷомеаро ҳимоя намояд.

Таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки вобаста ба меъёрҳои асосии назарияи ҷомеаи иттилоотӣ, чунин ҳолатҳоро номбар намоем:

1. Ташаккули барномаи ҷомеаи иттилоотӣ барои ҳар як мамлакат ба он хотир зарур мебошад, ки он воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба шумор рафта, ба шаҳрвандони мамлакат имконият медиҳад, ки дар асри иттилоотӣ донишҳои ба талаботи давру замон ҷавобгӯро аз худ намуда, мавқеи иҷтимоии худро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доранд.

2. Барномаҳо, стратегияҳо ва назарияҳои ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ ҳама вақт ва дар ҳама шароит аз ҷониби давлат қабул мегарданд ва барои таъмини рушди соҳаҳои мушаххас нигаронида мешаванд. Аммо дар амалияи ҷамъиятӣ дидан мумкин аст, ки саноати иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ба вуҷуд оварда мешаванд ва рушди онҳо дар асоси қонуниятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар заминаи меъёри рақобат таъмин мегардад. Ҳар қадаре ки дар ҷомеа таваҷҷуҳ ба истифодабарии технологияҳои ҷадиди иттилоотию

коммуникатсионӣ бештар гардад, рақобати ба вуҷуд овардан ва паҳн намудани он низ меафзояд. Давлатҳо ба воситаи барномаҳо ва стратегияҳо ин равандро метавонанд тақвият бахшанд.

3. Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мақомоти давлатӣ технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсиониро барои оптимизатсияи кори худ, таъмини дастрасии кушод ба системаҳои иттилоотӣ, беҳтар намудани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин барои баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти ҳукумат ва рушди муносибатҳои нави байни давлат ва ҷомеа фаъолона истифода мебаранд.

4. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ барои рушди институтҳои демократӣ, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва назорати самараноки ҷамъиятӣ дурнамои нав ба вуҷуд меояд.

5. Дар ҷаҳони муосир, ки иттилоот нақши калидӣ дорад, давлатҳо бояд меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ риоя кунанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳамкории байни кишварҳо барои рушди бомуваффақияти ҳар кадоми онҳо торафт муҳимтар мегардад.

6. Нақши давлат дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ муссир аст. Давлат бояд барои ба вуҷуд овардани базаи меъёрию ҳуқуқии ин соҳа талош варзида, риоя ва иҷроиши муқаррароти онҳоро таъмин намояд. Инчунин, дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани рақобати соҳаи саноати иттилоотӣ, ташаккули системаи маориф, ҷоннок намудани фаъолияти субъектҳои ҷамъиятӣ, анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ, барқарор намудани робитаҳои гуногун ва оғоз бахшидан ба ҳамкориҳои байналхалқӣ маҳз аз иродаи давлат вобаста мебошанд.

7. Пеш аз ҳама, назарияи ҷомеаи иттилоотӣ хусусияти иҷтимоӣ дорад. Зеро дар назарияи мазкур ба масъалаҳои хубтару беҳтар намудани пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, рушди таҳсилоти фосилавӣ, беҳтар

намудани хизматрасониҳои тиббӣ, бо ёрии василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳи бештар дода мешавад.

8. Дар назарияи ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳеҷ як технологияи мушаххас афзалияти бештар ва ё диққати бештар дода намешавад. Танҳо таъкид мегардад, ки иқтидори василаҳои иттилоотию иртиботӣ бояд барои таъмини рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ истифода бурда шавад.

9. Дар баъзе ҳолатҳо, консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ бо консепсияи рушди устувор алоқаманд аст. Бо сабаби хусусияти глобалии консепсияи рушди устувор, он барои ҳамкории кишварҳои рӯ ба инкишоф бо тамаддуни технологии ҷаҳонӣ имконият фароҳам меорад. Масалан, паҳн кардани технология дар саросари ҷаҳон, таъмини дастрасии одамон ба системаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва дигар ташаббусҳои ба ин монанд метавонад тасвири ин ҳамкорӣ бошад.

Дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҷрибаи муайян намудан ва баҳогузорӣ кардани дастоварду муваффақиятҳои давлатҳои алоҳида нақши хеле муҳим бозидаанд. Дар тӯли ду даҳсолаи охир як қатор созмонҳои минтақавию байналмилалӣ бо ташаббуси давлатҳои мутараққӣ шохиси ҷомеаҳои иттилоотӣ ва дар самти рушди ҷомеаи иттилоотӣ рейтинги солонаи онро ба роҳ мондаанд. Одатан, ҳангоми таҳияи шохисҳои мазкур ба масъалаи тавсеаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ, сатҳу сифати истифодабарии онҳо дар соҳаҳои тиҷорат, хоҷагидорӣ ва идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад.  Айни замон шохиси омодагии мамлакатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ (E-Government Readiness Index),  шохиси омодагии шабакавӣ (Network Readiness Index – NRI), шохиси имкониятҳои рақамӣ (Digital opportunity index, DOI),  шохиси омодагии электронӣ (e-readiness) ва шохиси рушди

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ маълуму машҳуранд[1]. Тӯли чанд соли охир тибқи нишондодҳои шохисҳои мазкур чунин давлатҳо, ба монанди Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Австралия, Зеландияи Нав, Франсия, Британияи Кабир, Нидерландия, Дания, Америка ва Япония дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд.

Таҳлили раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар мисоли давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки аллакай раванди миллигардонии шабакаи интернет ба амал омада истодааст ва давлатҳои гуногун сиёсати иттилоотонии худро бо роҳу усулҳои гуногун татбиқ намуда истодаанд. Ин аст, ки як қатор муҳаққиқон намунаҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотиро нишон додаанд. Аз ҷумла, намунаи америкоӣ, намунаи Сингапур, Финландия ва ғайраҳо [41]. Олими рус О.Н. Вершинская шаклҳои ғарбӣ ва шарқии ҷомеаи иттилоотиро аз ҳам фарқ намудааст. Ҷомеаҳои иттилоотии англо-америкоӣ ба шаклҳои ғарбӣ ва ҷомеаҳои иттилоотии япониягӣ, хитоӣ ва давлатҳои рӯ ба тараққии осиёӣ ба шакли шарқӣ дохил карда шудаанд [75]. Муҳаққиқони мазкур муътақиданд, ки муваффақияти меъёрҳои ҷоринамудаи давлатҳо аз як қатор омилҳо, пеш аз ҳама, аз мувофиқати онҳо бо арзишҳои фарҳангию иҷтимоии ҷомеа вобаста мебошад. Бинобар ин, як қатор давлатҳо дар баробари ҷорӣ намудани меъёрҳои нави рафтор инчунин ба масъалаи тағйир додани маърифати иттилоотию технологии аҳолии худ низ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намудаанд.

Дар гузориши Маҷмааи Кулли СММ аз 16 майи соли 2011 қайд мегардад, ки: «Дастрасӣ ба интернет ба яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон мансуб дониста мешавад. Маҳдуд намудани дастрасии одамон ба шабакаи интернет ва монеа эҷод намудан дар самти паҳншавии иттилоот вайрон

---

[1] Мақсади таҳияи шохисҳои мазкур, хусусиятҳои онҳо ва аз рӯйи кадом нишондод тартиб додани рейтинги давлатҳо дар зербоби дуюми боби сеюм ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд.

намудани ҳуқуқи инсон эътироф мегардад» [107, с.19]. Ба андешаи як қатор коршиносон: «Дар шароите, ки зиёда аз 20% аҳолии мамлакат ба шабакаи интернет дастрасӣ пайдо намуда бошанд, аллакай дар ин кишвар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ оғоз гардидааст. Зеро дар давлатҳои тараққикарда зиёда аз 78% аҳолӣ, дар давлатҳои рӯ ба инкишоф 31% аҳолӣ ва дар 48 давлате, ки СММ онҳоро ба кишварҳои қафомонда шомил намудааст, ҳамагӣ 5% аҳолӣ ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд» [158]. Аммо сол то сол зиёд гардидани шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет ба мушоҳида мерасад, ки ин тамоюлот барои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии глобалӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Барои мисол, танҳо дар соли 2020 дар муқоиса бо соли сипаригардида шумораи истифодабарандагони интернет дар ҷаҳон 7% зиёд гардидааст ва айни замон тибқи маълумоти солонаи «Digital 2020» айни замон шумораи онҳо 4,5 млрд нафарро ташкил медиҳад [134].

Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи гузариш қарор дорад, раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ каме бештар тӯл мекашад. Дар сатҳи зарурӣ ташаккул ёфтани ин навъи ҷомеа аз насли оянда вобаста мебошад. Аниқтараш, наврасону ҷавononе, ки тарзи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосирро медонанд, дар оянда баъди оғоз намудани фаъолияти касбии худ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа дигаргуниҳои сифатиро ба амал меоранд.

Давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ нақши калидӣ дошта, якчанд вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад: Таҳияи стратегияҳо ва сиёсатҳо: мақомоти давлатӣ стратегияҳои миллии рақамисозӣ ва технологияҳои иттилоотиро таҳия мекунанд, ки ба фароҳам овардани шароит барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ нигаронида шудаанд. Инфрасохтор: Давлат барои эҷод ва навсозии инфрасохтори зарурии иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла интернети фарохмаҷро, ки барои ҳама шаҳрвандон дастрас аст, масъул аст. Таълим ва тайер кардани кадрҳо:

Иштироки давлат Дар барномаҳои таълимӣ Ва ташаббусҳо оид ба тайер кардани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва салоҳиятҳои рақамӣ чанбаи муҳимест, ки ба гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунад. Танзим ва ҳифзи ҳуқуқ: мақомоти Давлатӣ бояд танзими ҳуқуқиро дар соҳаи иттилоот ва технология тавассути ҳимояи ҳуқуқи корбарон, таъмини амнияти киберӣ ва ҳифзи маълумот таъмин кунанд. Дастгирии инноватсия ва тадқиқот: Давлат метавонад таҳқиқот ва рушди илмиро маблағгузорӣ кунад ва инчунин барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҳавасмандӣ эҷод кунад. Ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ: ҷомеаи иттилоотӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунад ва давлат дар фароҳам овардани муҳити мусоиди тиҷорат барои ширкатҳои тавлидкунандаи технологияҳои чадид ва стартапҳо нақш мебозад. Дастрасии иттилоотӣ: Иштироки давлат дар таъмини дастрасии баробар ба иттилоот ва хидматҳо, аз ҷумла барномаҳои иҷтимоӣ барои дастгирии аҳолии осебпазир, ба пешгирии нобаробарии рақамӣ мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ, ҳамкории давлат бо бахшҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла тиҷорат ва муассисаҳои таълимӣ ҷузъи муҳими ташаккули ҷомеаи муассир ва устувори иттилоотӣ мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии давлат таъмини амнияти киберӣ мебошад. Дар асри рақамӣ таҳдидҳо торафт мураккабтар мешаванд ва ҳифзи маълумоти шаҳрвандон ва ташкилотҳо муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Давлат бояд системаҳои муассири ҳифзи иттилоотро таҳия ва татбиқ кунад ва ба шаҳрвандон асосҳои гигиенаи кибериро омӯзонад, то хатари ихроҷ ва ҳамлаҳои кибериро кам кунад.

Ғайр аз он, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба хидматҳои давлатӣ, аз қабили идоракунии электронӣ ва хидматрасонии фосилавӣ, сатҳи дастрасиро баланд мебардорад ва ҳамкории шаҳрвандон ва мақомоти давлатиро оптимизатсия мекунад. Ин модели шаффофтар ва муассиртари

қудратро ба вуҷуд меорад, ки дар он хидматҳо зуд ва бидуни монеаҳои бюрократӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ниҳоят, ҷанбаи муҳим рушди муколамаи ҷамъиятӣ дар бораи технология ва таъсири он ба ҳаети ҷомеа мебошад. Давлат бояд шаҳрвандонро ба муҳокимаи сиесатҳои пешниҳодшуда фаъолона ҷалб кунад, ки ин ба эътимод ва фаҳмиши байни ҳокимият ва ҷомеа мусоидат мекунад. Дар ниҳояти кор, танҳо бо кӯшиши муштараки давлат, тиҷорат ва ҷомеа ба рушди устувор ва ҳамоҳангии ҷомеаи иттилоотӣ ноил шудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, нақши давлатро дар раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ омӯхта, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

– яке аз паҳлуҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар рушди он нақши давлат муассир аст, ин идоранамоии раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Зеро идора намудани равандҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ доимо дар маркази диққати ҳокимияти давлатӣ қарор дорад. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи олам нишон медиҳад, ки ҳангоми идора намудани ҷомеаи иттилоотӣ дар маркази диққат инсон қарор дода мешавад. Вобаста ба ин чунин андешае ташаккул дода мешавад, ки ҷомеаи нав дар муқоиса бо ҷомеаи пешин мавҷудияти инсонҳоеро тақозо менамояд, ки онҳо фаъолнокии бештар дошта бошанд. Танбалӣ, бемасъулиятӣ, ноуҳдаборӣ ва ғайраҳо рафторҳои инсоние мебошанд, ки дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ халал ворид месозанд. Ҷомеаи иттилоотӣ барои ташаккулёбии худ, пеш аз ҳама, шахсони эҷодкор ва масъулиятнок, муассисаи ба шабакаи ягона пайвастгардида, доираи васеи истеҳсолот, фаъолнокии меҳнатиро талаб намуда, то андозае дар ин раванд заминаҳои мусоид фароҳам меоварад. Аммо дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва қонеъсозии талаботи он давлат нақши калидӣ мебозад;

– соҳаи идоракунии давлатӣ низ дар заминаи муносибатҳои байнишабакавӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, масъалаҳои худро дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ ба роҳ мемонад. Дар замони муосир, ки онро асри иттилоотӣ низ меноманд, дар раванди идоракунии давлатӣ истифода гардидани технологияҳои иттилоотию компютерӣ ба масъалаи аввалиндараҷаи давлат табдил меёбад. Дар давлатҳои тараққикардаи олам як қатор намунаҳои байнишабакавии идоракунии давлатиро дидан мумкин аст, ки онҳо муҳити иттилоотию коммуникатсионии ин соҳаро фаро мегиранд: таҷдиди назар намудани маъмурият; ба таври электронӣ ба роҳ мондани тақсимоти неъматҳои моддӣ; ба таври электронӣ дастраси одамон намудани иттилооти мақомоти ҳокимияти давлатӣ; ташаббусҳои давлат дар соҳаи хизматрасониҳои иттилоотӣ; дар байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба роҳ мондани мубодилаи иттилооти электронӣ оид ба ҷамъоварии андоз, ҳисоботҳо, пардохтҳо ва ғайраҳо; шабакаҳои давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайраҳо [83, с.174].

– мақомоти давлатии кишварҳои тараққикардаи олам дар самти таъмини рушди ҷомеаи иттилоотӣ мавқеи марказиро ишғол намудаанд. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи онҳо ва дар заминаи ин омӯзиш таҳия намудани тавсия ва пешниҳодҳо барои таъмини рушди ҷомеаи Тоҷикистон аҳамияти илмӣ дорад.

## 2.2. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ

Дар ибтидои солҳои 1990-ум, вақте ки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ фаъолона рушд карданд ва ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ворид шуданд, кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои миллии рушди ҷомеаи иттилоотӣ шурӯъ карданд. Дар ин

марҳилаи рушд истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ташаккули системаи идоракунии давлатӣ ва сиёсати давлатӣ баррасӣ карда шуд. Ин ба он вобаста буд, ки самаранокии системаи идоракунии давлатӣ аз сатҳи рушди иқтидори техникӣ-технологӣ ва сифати истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вобаста буд. Зарурати истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ва ташаккули системаи идоракунии давлатӣ дар асоси онҳо бо шароити ба вуҷуд омада вобаста буд.

Бояд гуфт, ки дар ибтидои асри XX дар ташкили идоракунии давлатӣ назарияи ратсионалию бюрократӣ афзалияти бештар дошт. Ғояҳои асосии назарияи мазкур аз ҷониби М.Вебер ва В.Вилсон ташаккул дода шуда буданд. Таълимоти онҳо чунин ҳолатҳоро ифода менамуданд: «Хусусияти касбӣ доштани хизмати давлатӣ (афзалияти бештар ба онҳое дода мешавад, ки маълумоти касбию соҳавӣ доранд ва дар соҳаи хизмати давлатӣ соҳибтаҷриба мебошанд); хусусияти ғайришахсии хизмати давлатӣ (ваколатҳо на ба шахсони алоҳида, балки ба мансабҳо ва вазифаҳои роҳбарикунанда тааллуқ доранд); хусусияти расмӣ доштани идоранамоӣ (фаъолияти бонизоме, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад);  шакли махсуси ташкили системаи идоранамоӣ – характери иерархӣ доштани идоранамоӣ, ба таври амудӣ тақсим шудани ваколатҳо; шакли махсуси идоранамоӣ – дар асоси назорати давлатӣ ба роҳ мондани идоранамоии бевосита (маъмурӣ); интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз рӯйи зинаҳои касбӣ ва бо дарназардошти хизматҳои арзанда ва меҳнати шоистаи кормандон» [60, с.33].

Бояд гуфт, ки аллакай дар нимаи дуюми асри XX дар системаи идоракунии давлатҳои рӯ ба тараққии он замон як қатор падидаҳои манфӣ, аз ҷумла паст гардидани боварии аҳолӣ ба самаранокии системаи идоракунӣ ба амал омаданд, ки чунин вазъият аз коҳишёбии самаранокии

идоракунии бюрократӣ дарак медод. Дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон чунин вазъият «буҳрони давлатҳои бюрократӣ» муаррифӣ гардидааст [53]. Сиёсатшиносону ҷомеашиносон ва махсусан сиёсатмадорону арбобони сиёсӣ бо дарназардошти вазъияти баамаломада ба ташаккулдиҳию ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ оғоз карданд. Ба андешаи олими рус Л.В. Сморгунов, ки дар таҳқиқоти худ хусусиятҳои муҳимми гузариш аз давлати электронӣ ва ҳукумати электрониро ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст, дар робита ба ин масъала қайд мегардад, ки: «Дар системаи идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор додани василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва ташаккулёбии назарияи «New Public Management» (NPM) яке аз аввалин қадамҳои ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани системаи идоракунии давлатӣ ба шумор меравад» [115, с.25]. Пайдоиш ва ташаккулёбии назарияи «New Public Management» (NPM) ба солҳои 70-уми асри XX рост меояд. Дар доираи ин навъи идоракунӣ давлат ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасониҳои мухталиф ба аҳолӣ ва соҳаи тиҷорат технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро бояд ба таври васеъ истифода менамуд. Аввалин маротиба мавриди истифода қарор додани компютерҳои фардӣ, аввалин барномаҳои компютерӣ ва пайдоиши шабакаи интернет дар раванди идоракунии давлатӣ ба таври васеъ истифода намудани василаҳои иттилоотию иртиботиро имконпазир гардониданд.

New Public Management (NPM) дар охири асри XX ҳамчун посух ба бесамарӣ, ки аксар вақт ба идоракунии анъанавии давлатӣ нисбат дода мешавад, пайдо шуд. Бо таваҷҷӯҳ ба ислоҳоти бозор, NPM ҷонибдори ҷорӣ намудани таҷрибаи бахши хусусӣ дар муассисаҳои давлатӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ, ҳисоботдиҳӣ ва хизматрасонӣ мебошад. Ин тағйирёбии парадигма баҳодиҳии самаранокӣ, қаноатмандии муштариён ва идоракунии ба натиҷа нигаронидашударо ташвиқ мекунад, ки дуршавии

назаррасро аз меъёрҳои бюрократие, ки қаблан дар бахши давлатӣ бартарӣ доштанд, инъикос мекунад.

Яке аз принсипҳои асосии NPM ғайримарказикунонии раванди қабули қарорҳо мебошад, ки ба роҳбарони маҳаллӣ ва кормандони оддӣ имкон медиҳад, ки ба ниёзҳои шаҳрвандон босуръат вокуниш нишон диҳанд. Бо баланд бардоштани фишори рақобат бо механизмҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ, NPM кӯшиш мекунад, ки ташкилотҳои бахши давлатиро барои ҷорӣ кардани инноватсия ва беҳтар кардани хидматҳои пешниҳодкардаи онҳо ҳавасманд кунад. Ин равиш боиси густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аутсорсинг ва татбиқи буҷети ба фаъолият асосёфта гардид, ки ҳадафи он ба ҳадди аксар истифода бурдани захираҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ мебошад.

Аммо, танқиди NPM аксар вақт ба камбудиҳои эҳтимолии татбиқи он ишора мекунад, аз ҷумла хатари паст шудани масъулияти ҷамъиятӣ ва мушкилоти чен кардани натиҷаҳо дар хадамоти ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ. Таваҷҷӯҳ ба самаранокӣ баъзан метавонад манфиатҳои адолат ва дастрасиро соя афканад, ки боиси парокандагии хидматҳо мегардад, ки метавонад аҳолии канормондаро ба хатар андозад. Дар ҳоле ки ҳукуматҳо кӯшиш мекунанд, ки бартариҳои NPM ва нуқсонҳои онро мувозинат кунанд, сӯҳбат дар бораиояндаи идоракунии давлатӣ ва интизориҳои тағйирёбандаи шаҳрвандон дар ҷаҳони босуръат идома дорад.

Ба андешаи аксари муҳаққиқон, чунин тамоюлот бори аввал дар Америка ба амал омадааст. Масалан, соли 1993 ёрдамчии президенти Америка А.Гор дар гузориши танқидии худ зери унвони «Вазъияти идоракунии давлатӣ» ҳукумати Америкаро даъват менамояд, ки «маданияти идоракунии давлатӣ»-ро тағйир диҳанд. Ба андешаи ӯ: «Барои амалӣ намудани ин мақсад «хушбинӣ» ва «муоширати самаранок» кафили муваффақият ба шумор меравaнд. Роҳбарони дорои маданияти нав бояд хушбинии ҷамъиятиро ташаккул медоданд. Технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ бошанд, бояд муоширати самаранокро ба вуҷуд меоварданд. Маҳз бо ин роҳ баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва коҳиш додани харҷи маблағҳо имконпазир мегардад» [118, с.148-149]. Умуман, дар гузориши худ А.Гор технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро калиди ҳалли ҳама гуна мушкилот, аз ҷумла ҳалли мушкилоти идоракунии давлатӣ арзёбӣ намудааст.

Дар оянда раванди ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Америко бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва тағйир додани сохтори ҳукумат сурат мегирад. Ҳамкории байни ҳукумат ва шаҳрвандон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ сурат мегирад ва шакли пешниҳоди хидматҳои электрониро ба шаҳрвандон мегирад. Дар айни замон, дар баъзе кишварҳои ҷаҳон, ба монанди Ҷопон, Фаронса, Британиё, Олмон ва ғайра ислоҳоти маъмурӣ ба амал меояд, ки ба назарияи «New Public Management» ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтааст.

Дере нагузашта назарияи «New Public Management» (NPM) аз ҷониби як қатор муҳаққиқон мавриди танқид қарор мегирад. Пеш аз ҳама, онҳо таъкид менамоянд, ки дар раванди амалишавии назарияи мазкур рафтори хизматчиёни давлатӣ ба дигаргуниҳои сифатӣ дучор гардида, онҳо дар фаъолияти худ аз манфиатҳои умумимиллӣ дида, бештар ба манфиатҳои тиҷоратӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ҷонибдорони «давлати дорои салоҳиятҳои зиёд»[1] амалишавии назарияи мазкурро барои рушдиояндаи мамлакат хеле хатарнок арзёбӣ намуда, таъкид менамуданд, ки дар шароити

[1] Дар илмҳои сиёсӣ ва фалсафаи сиёсат аз ҷониби як қатор муҳаққиқон назарияи «давлати камсалоҳият» ва назарияи «давлати дорои салоҳияти зиёд» ташаккул дода шудаанд. Назарияи давлати камсалоҳият одатан аз ҷониби либералистони нав (либертаристон ва коммунитаристон) ташаккул дода шуда, давлатеро муаррифӣ менамояд, ки он танҳо ба ҷамъоварии андоз, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти миллӣ ва волоияти қонун машғул мегардаду бас. Онро баъзан давлат ҳамчун посбони шабона низ меноманд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми давлати камсалоҳият дар сатҳи паст қарор доштани дахолати давлатӣ ба соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла ба бахши хусусӣ мебошад. Аммо давлати дорои салоҳиятҳои зиёд аз ҷониби марксистон ва консерваторон ташаккул дода шуда, мувофиқи он давлат бояд пурра ва ё қисман соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаро дар зери назорати худ қарор дода, ҳатто инҳисори соҳаҳои мазкурро низ баъзан ҷоиз мешуморанд.

ба ҷузъҳои гуногун тақсим намудани мақомоти давлатӣ паст гардидани самарнокии идоракунии давлатӣ ба амал омада, боиси афзоиш ёфтани фасодкорӣ мегардад. Бояд таъкид намуд, ки дар шароити амалишавии назарияи «New Public Management» (NPM) давлат ҳамчун ниҳоди марказии системаи сиёсӣ танҳо барои таъмин намудани хизматрасониҳои давлатӣ бояд шароити мусоид фароҳам меовард. Ин буд, ки як қатор муҳаққиқон дар чунин шаклу мазмун ҷорӣ гардиданиислоҳоти системаи идоракунии давлатиро эътироф намекарданд. Ба андешаи онҳо: «Беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ бояд яке аз вазифаҳои давлат шуморида шавад» [60, с.12]. Бинобар ин, меъёрҳои назарияи «New Public Management» (NPM) барои идора намудани ҷомеа механизми ягона ба шумор нарафта, балки яке аз воситаҳои баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, меъёрҳои назарияи мазкур вобаста ба шароитҳои баамаломада танҳо дар мавридҳои зарурӣ ва он ҳам бошад дар як давраи муайян метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд. Ба андешаи олими рус Л.В. Сморгунов: «Идеологияи ислоҳоти маъмурӣ дар заминаи назарияи «New Public Management» (NPM) муваффақияти бештар пайдо накард. Зеро он хеле маҳдуд буд ва ҳамаи паҳлуҳои идоракунии давлатию ҷамъиятиро фаро гирифта наметавонист» [115, с.21].

Дар охири солҳои 1990 ва ибтидои солҳои 2000 вобаста ба меъёрҳои ташкили идоракунии давлатӣ муносибати нав ба вуҷуд оварда мешавад, ки онро «Good Governance», яъне идоракунии хуб ва ё дар сатҳи зарурӣ ба амал баровардани идоракунии давлатӣ номидан мумкин аст. Сиёсатшиноси америкоӣ Марк Бевир «Good Governance»-ро назарияи шабакаҳои электронӣ номидааст ва онро бо назарияи «New Public Management» (NPM) як намешуморад [29, с.148]. Аммо як қатор олимон назарияи «Good Governance»-ро ҳамчун идомаи назарияи «New Public Management» (NPM) муаррифӣ намудаанд.

Гузариш аз мафҳуми «government» (ҳукумат) ба мафҳуми «governance» (идоракунӣ) низ сабабҳои худро дошт. Чунин меъёри ташкили идоракунии давлатӣ на танҳо муносибати байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатӣ, балки муносибати байниҳамдигарии сохторҳои давлатиро низ ба дигаргуниҳои сифатӣ бояд рӯ ба рӯ менамуд. Дар шароити амалишавии меъёрҳои «Good Governance» фаъолияти мақомоти давлатӣ чунин хусусиятҳоро бояд соҳиб мегардид: «Фаъолияти шаффоф ва кушода; фаъолияти аз ҷониби шаҳрвандон назоратшаванда; фаъолияти пурсамар; беҳтар гардидани волоияти қонун; иштироки шаҳрвандон дар раванди идоракунии давлатӣ ва корҳои ҷамъиятӣ; ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобила дар асоси шабакаҳои байниидорӣ (network); дар раванди ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ таъмин намудани иштироки шаҳрвандон ва бахши хусусӣ» [60, с.49].

Каме дертар дар зери таъсири рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва баланд гардидани иқтидору имконияти техникию технологии онҳо назарияи «e-government» (ҳукумати электронӣ) ташаккул меёбад ва дере нагузашта дар ҷаҳони сармоядорӣ ва давлатҳои демократӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо менамояд. Баъди ташаккулёбии назарияи мазкур маълум гардид, ки дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтани василаҳои иттилоотию иртиботӣ набояд ҳамчун механизми ислоҳоти маъмурӣ баррасӣ гардад, балки ин раванд бояд ҳамчун воситаи гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигари идоракунии давлатӣ арзёбӣ карда шавад. Масалан, дар зери таъсири василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба амал омадани назарияи «New Public Management» (NPM), дар заминаи он ташаккул ёфтани назарияи «Good Governance» ва ниҳоятан ба вуҷуд омадани назарияи «e-government» (ҳукумати электронӣ) воқеияти давру замон ва гузариш аз як марҳилаи идоракунӣ ба марҳилаи дигари онро ифода менамояд [161, с.31].

Мафҳуми «ҳукумати электронӣ» дар забони тоҷикӣ тарҷумаи мафҳуми «electronic government» ё худ «e-government» мебошад. Дар бораи ҳукумати электронӣ бори аввал дар ибтидои солҳои 1990 дар Америка андешаронӣ намудаанд. Махсусан дар давраи роҳбарии Б.Клинтон пешрафти шабакаи интернет ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Америка ба авҷи аъло расонида мешавад. Роҷеъ ба мазмуну моҳияти ҳукумати электронӣ то ҳанӯз андешаи ягонаи аз ҷониби ҳама эътирофшуда мавҷуд нест. Муҳаққиқон бо назардошти омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ, техникию технологӣ, сиёсию идеологӣ мазмуну мундариҷаи онро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Омӯзиши ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба хулосае меояд, ки консепсияи ҳукумати электронӣ ҳузури давлатро дар интернет дар бар мегирад. Ин маънои онро дорад, ки сухан дар бораи мавҷудияти вебсайтҳо е системаҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ меравад. Роҷеъ ба ин масъала, андешаи ҷолиберо муҳаққиқи рус М.С.Вершинин пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ: «Ҳукумати электронӣ системаи муколамаи давлат ва аҳолӣ бо истифода аз шабакаи интернет мебошад. Дар чунин маврид дар заминаи истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ тағйирёбии шакли идоракунии давлатӣ ва дар шакли ҷадид ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назар дошта мешавад» [35, с.89].

Дар раванди рушди идоракунии давлатӣ ду равиш ба фаҳмиши консепсияи ҳукумати электронӣ ташаккул ёфт. Намояндагони равиши аввал ҳукумати электрониро ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ меҳисобанд. Онҳо боварӣ доранд, ки татбиқи ин технологияҳо бояд ба беҳтар шудани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ мусоидат кунад.

Тарафдорони усули дуюм ҳукумати электрониро ҳамчун воситаи тағир додани муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа меҳисобанд. Онҳо бар ин назаранд, ки татбиқи технологияҳои электронӣ бояд ба тағйиребии равандҳои дохилии мақомоти давлатӣ ва беҳтар шудани ҳамкории байни давлат ва шаҳрвандон оварда расонад. Масалан, олимон А.А. Сваруп ва М.Ю. Павлютенкова қайд намудаанд, ки: «Дар мазмуни маҳдуд шарҳ додани мазмуни ҳукумати электронӣ ва танҳо ба соҳаи идоракунии давлатӣ алоқаманд намудани он одатан хосси ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Аммо дар мазмуни васеъ ҳукумати электронӣ масъалаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки дар амал татбиқ гардидани онҳо дар ниҳояти кор боиси рушди ҷомеаи иттилоотӣ мегардад. Чунончи, ба инобат гирифтани иқтидори василаҳои иттилоотию иртиботӣ, тасаввур гардидани ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ ҳамчун арзиши сиёсию ҷамъиятӣ, истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ барои қонеъ намудани ниёзҳои шаҳрвандон, истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ барои баланд бардоштани нишондодҳои иқтисодӣ ва самаранокии истеҳсолот, дастрас гардонидани иттилоот барои назорати ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои шаҳрвандӣ масъалаҳое мебошанд, ки амалишавии онҳо бо рушди ҳукумати электронӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ алоқамандии зич доранд» [105, с.193-195].

Моҳияти мафҳуми «ҳукумати электронӣ» дар Ғарб, махсусан дар Америка ва Британияи Кабир дар маҷмӯъ бо рушду инкишоф ва баланд гардидани самарнокии фаъолияти давлат алоқаманд карда мешавад. Ҳукумати электронӣ яке аз воситаҳои тағйир додани муносибати давлат ва ҷомеа муаррифӣ мегардад. Василаҳои иттилоотию иртиботӣ бошад ҳамчун механизми таъмини идоракунии самаранок арзёбӣ мегардад. Вазифаи асосии татбиқи ҳукумати электронӣ бо истифода аз технологияҳои муосир тағйир додани тарзи кори мақомоти давлатӣ ва навсозии куллии равандҳо ва фарҳанги маъмурӣ мебошад.

Олими рус Ю.С. Булгатова ба таҳқиқи модернизатсияи системаи идоракунии давлатӣ машғул гардида, василаҳои иттилоотию иртиботиро унсури муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва заминаи асосии ташаккулёбии ҳукумати электронӣ номидааст. Ба ақидаи ӯ: «Дар таркиби ҳукумати электронӣ чор навъи муносибатҳои мутақобиларо аз ҳам фарқ менамоянд: якум, муносибатҳои мутақобилаи байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон (G2C – government-to-citizen); дуюм, муносибатҳои мутақобилаи байни давлат ва ширкатҳои хусусӣ (G2B – government-to-business); сеюм, муносибатҳои мутақобилаи байни ташкилотҳои давлатӣ ва кормандони он (G2E – government-to-employee); чорум, муносибатҳои мутақобилаи байниҳамдигарии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохтору зерсохторҳои гуногуни системаи идоракунии давлатӣ (G2G – government-to-government)» [74, с.11].

Дар маҷаллаи «The Economist» унсурҳои таркибии ҳукумати электронӣ ба таври зайл муайян карда шудаанд: «Якум, сохта ба истифода додани шабакаҳои дохилӣ ва манбаъҳои иттилоотии марказонидашуда барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои ҳукуматӣ ва дар сатҳи баланд ташкил намудани муносибати мутақобилаи онҳо; дуюм, пешниҳод намудани хизматрасониҳо бо истифода аз шабакаҳои электронӣ; сеюм, истифодаи тиҷорати электронӣ (e-commerce) барои баланд бардоштани амалиётҳои молиявии ҳукумат, ба монанди ҷамъоварии андоз, анҷом додани харидҳои давлатӣ, бастани шартномаҳо ва ғайраҳо; чорум, барои инъикос намудани шаффофияти фаъолияти ҳукумат ташаккул додани демократияи электронӣ (e-democracy)» [155, с.29].

Як гурӯҳ муҳаққиқон, аз ҷумла А.А. Голубева қайд менамоянд, ки: «Дар шароити ташаккулёбии ҳукумати электронӣ чунин самтҳои фаъолият афзалияти бештар пайдо менамоянд: идоракунии электронӣ (e-administration) – бо истифода аз василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба роҳ мондани идоракунии давлатӣ, гузариш ба усулҳои электронии идоранамоӣ

ва ба ин васила беҳтару самараноктар намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ; ба роҳ мондани муносибати электронӣ бо шаҳрвандон (e-citizens) ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои электронӣ (e-services) – дар сатҳи зарурӣ, ба таври лозима ва саривақт қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ва бахши хусусӣ; рушди ҷомеаи иттилоотӣ (e-society) – дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ беҳтар намудани муносибатҳои мутақобилаи байни мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ» [78, с.124].

Як гурӯҳ олимони дигар раванди ташаккулёбии ҳукумати электрониро мавриди омӯзиш қарор дода, марҳилаҳои гуногуни онро нишон додаанд. Масалан, ба андешаи А. Фёдорова ва К. Потупчик: «Ҳузури доимии ҳукумат дар шабакаҳои иттилоотӣ марҳила ба марҳила идоракунии давлатиро бо дигаргуниҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ месозад» [56, с.298]. Онҳо тағйирёбии муносибатҳои дохилию берунии давлатро, ки дар натиҷаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ба амал меояд, ба таври зерин нишон додаанд:

– таъмин намудани ҳузури ҳукумат дар шабакаи интернет – пайдо гардидани фазои иттилоотии ҳукуматӣ ва сохта ба истифода додани аввалин сомонаҳои расмии ҳукуматӣ, ки онҳо, дар навбати аввал, вазифаҳои иттилоотониро иҷро менамоянд (ба шаҳрвандони мамлакат дар бораи ҳайати ҳукумат, фаъолияти ҳукумат, фаъолияти вазорату кумитаҳо, фаъолияти вазирон ва дигар мансабдорон маълумот дода мешавад);

– ҳузури ҳукумат дар шабакаи интернет фаъол мегардад – истифодабарандагони интернет ва махсусан корафтодагон аз сомонаҳои ҳукуматӣ иттилооти соҳавӣ ва иттилооти аниқу дақиқро (нашрияҳои ҳукуматӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, хабарҳо ва ғайраҳо) дастрас менамоянд. Дар сомонаҳои мазкур бинобар сабаби зиёд гардидани иттилоот аввалин маротиба низомҳои ҷустуҷӯи иттилоот пайдо мегарданд. Дар ин марҳилаи рушди ҳукумати электронӣ дар сомонаҳои ҳукуматӣ

имконияти дар поёни ҳар як маводи нашршуда навиштани шарҳу тавзеҳ ва имконияти пешниҳод намудани тавсияҳо фароҳам оварда мешаванд;

– иштироки фаъолонаи ҳукумат дар интернет: сохтани вебсайтҳои миллӣ, ки вазифаҳои гуногун доранд ва дорои системаҳои иттилоотӣ мебошанд, ба таҳкими робитаҳои байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ мусоидат мекунанд. Истифодабарандагони интернет ба маълумоти зарурӣ, аз ҷумла маълумоти соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои намунавӣ, имзоҳои электронӣ, қобилияти тамос бо шахсони мансабдор ё маъмурияти онҳо, иштирок дар вохӯриҳои онлайнӣ ва ғайра дастрасии доимӣ доранд;

– ҳузури иртиботии ҳукумат дар шабакаи интернет – истифодабарандагони шабакаҳои электронӣ имконият пайдо менамоянд, ки бо истифода аз шабакаи интернет як қатор ҳуҷҷатҳоро дастрас намоянд (раводид, шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва ё вафот, иҷозатномаҳо ва ғайраҳо) ва инчунин пардохтҳои гуногунро дар шакли электронӣ анҷом диҳанд (супоридани андоз, анҷом додани харидҳои гуногун, пардохти ҳаққи хизматрасониҳои маишию коммуналӣ ва ғайраҳо);

– бо ҳам муттаҳид намудани низомҳои иттилоотии ҳукуматӣ ва дар алоқамандии якдигар дар шакли сомонаҳои миллӣ таъмин намудани ҳузури онҳо дар шабакаи интернет, ки дар натиҷа ҳамаи хизматрасониҳо ва алоқаҳо ба воситаи сомонаҳои миллӣ анҷом дода шуда, истифодабарандагони шабакаи мазкур саривақт, бо сифати баланд ва хеле қулай маълумоти зарурии худро дастрас менамоянд.

Вазифаи таъсиси ҳукумати электронӣ аз он иборат аст, ки он шакли нави идоракунии давлатӣ ва воситаи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ гардад. Ин тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба даст оварда мешавад, ки имкон медиҳад, ки ҳамкории давлат ва ҷомеа ба сатҳи куллан нав бароварда шавад.

Бо дарназардошти як қатор ҷанбаҳо, таъкид кардан мумкин аст, ки дар замони муосир, бахусус дар заминаи ҷаҳонишавӣ ва пешрафт дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, таъсиси ҳукумати электронӣ як қадами ниҳоят муҳим мебошад. Зеро ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи соҳаи идоракунии давлатӣ ва ҳамчунин масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ аз рушди ҳукумати электронӣ вобастагии зиёд дорад. Гузашта аз ин, ҳукумати электронӣ имкон медиҳад, ки дар миёни давлат ва ҷомеа роҳу усулҳои нави ба амал баровардани алоқаҳои сиёсӣ ташаккул дода шуда, боварии ҷомеа ба ҳокимият ва эътирофи самаранокии фаъолияти давлат дар зинаи баландтар қарор гирад. Бо назардошти мушкилиҳои ҷойдошта ва мураккабии худи ҳукумати электронӣ гуфтан мумкин аст, ки ташаккули ин гуна ҳукумат наметавонад лоиҳа ва ё стратегияи кӯтоҳмуддат бошад. Баръакс, ташаккули ҳукумати электронӣ бояд яке аз афзалиятҳои миллии мамлакатро ташкил дода, раванди доимии ҳаёти сиёсии мамлакат шуморида шуда, бо назардошти пайдоиши технологияҳои ҷадиди иттилоотию коммуникатсионӣ марҳила ба марҳила рушду инкишоф меёбад.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷзияи таърифҳои мавҷуда имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои фарққунанда ва мазмуну мундариҷаи ҳукумати электрониро ба таври зерин натиҷагирӣ намоем:

– бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла ба воситаи сомонаҳои интернетӣ ва низомҳои иттилоотии давлатӣ ба шаҳрвандони мамлакат ва ташкилоту муассисаҳо пешниҳод намудани хизматрасониҳои давлатӣ;

– истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти давлатӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муносибати мутақобилаи байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин дар байни давлат ва аҳолии мамлакат ва бо ин роҳ баланд бардоштани самаранокии

идоракунии давлатӣ, камхарҷ намудани фаъолияти он, таъмин намудани шаффофияти фаъолияти ҳукумат ва ташаккул додани назорати ҷамъиятӣ;

– ташаккулёбии ҳукумати электронӣ ифодагари раванди дигаргуншавии соҳаи идоракунии давлатӣ мебошад, ки дар заминаи истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ амалӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро бо ду мақсад истифода менамоянд:

**Якум,** бо мақсади рушди ниҳодҳои демократӣ, ба аҳолӣ дастрас намудани иттилооти зарурӣ ва ба шаҳрвандон нишон додани шаффофияти идоракунии давлатӣ. Барои амалӣ намудани ин мақсад як қатор давлатҳо бо истифода аз василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба аҳолии мамлакат ва тоҷирону соҳибкорон хизматрасониҳои давлатиро пешниҳод менамоянд. Дар ин самт шабакаи интернет ба таври васеъ ва самаранок истифода бурда мешавад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шабакаи интернет сомонаҳои расмӣ кушода, иттилооти давлатиро дар шакли омор, маҷмӯи қонунҳо, тафсири қонунҳо, барномаҳои давлатӣ, эълону озмунҳо ба аҳолӣ дастрас мегардонанд ва дар заминаи чунин шароит бо ҷомеа муошрати электрониро ба роҳ мемонанд. Намунаи беҳтарини пешбурди чунин таҷриба ҳукумати Америка ба шумор меравад. Амалан ҳамаи оҷонсиҳои ҳукумати Америка ба воситаи сомонаҳои расмӣ худро ба шаҳрвандони мамлакат муаррифӣ менамоянд. Ҳамаи санадҳои ҳуқуқию меъёрии Конгресси Америка дар шабакаи интернет ба таври ройгон дастраси ҳамагон гардонида мешаванд. Муҳиммияти пешбурди чунин сиёсат ҳанӯз моҳи июли соли 1997 дар шаҳри Бонн ҳангоми мулоқоти вазирони давлатҳои европоӣ таъкид гардида буд [55, с.24].

**Дуюм,** истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти дастгоҳи иҷроия дар амал татбиқ карда мешавад. Зеро дар ҳар як давлат истифодаи василаҳои

иттилоотию иртиботӣ меъёре дониста мешавад, ки барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудааст. Барои дар амал татбиқ намудани ин мақсад ташкили низомҳои иттилоотии давлатӣ зарур шуморида мешавад. Низомҳои иттилоотии нав бояд бо тартиби нав ва дар асоси меъёрҳои нав мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар самти амалӣ намудани мақсадҳои мазкур Британияи Кабир ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин мамлакат марҳила ба марҳила сиёсати иттилоотикунонӣ ташаккул дода шуда, ба воситаи шабакаи интернет сатҳу сифати дастрасии аҳолӣ ба иттилоот ва хизматрасониҳо дар дараҷаи баланд қарор дода мешаванд. Хадамоти давлатии соҳаи иттилоот фаъолияти зиёда аз 300 мақомоти давлатиро тариқи шабакаҳои мухталифи интернетӣ ба аҳолӣ дастрас мегардонад. Ба андешаи А.В. Соколов: «Барои оне, ки одамон бе ягон мушкилӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ ворид гарданд, ҳукумати Британияи Кабир барномаҳои махсусеро амалӣ менамояд, ки дар заминаи онҳо мутахассисони ин соҳаи фаъолият омода карда мешаванд» [61, с.115]. Мутахассисони соҳаи таъминоти иттилоотӣ баъди аз худ намудани барномаи мазкур уҳдадор мегарданд, ки ба шаҳрвандон ва тоҷирону соҳибкорон тариқи шабакаи интернет маълумоти зарурирро пешниҳод намоянд, самаранокии идоракунии давлатӣ ва шаффофияти фаъолияти дастгоҳи иҷроияро баланд бардоранд, одамонро камтар сарсону саргардон намуда, онҳоро аз як қатор харҷҳои бемаврид ва беҳуда озод намоянд ва билохира барои паст кардан ва ё решакан намудани амалҳои коррупсионӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Мақсади ягонаи ҳукумати Британияи Кабир дар он ифода меёбад, ки дар ҷомеа иттилооти бештар дар шакли электронӣ дастраси одамон бошад ва онҳо аз нарасидани иттилоот ва маълумоти зарурӣ танқисӣ накашанд.

Дар Канада бошад, бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва барои камтар намудани харҷҳои

андозсупорандагон истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз соли 1994 оғоз мегардад. Дар раванди амалишавии чунин навъи фаъолият масъалаи муайян намудани нархи иттилооти давлатӣ дар маркази диққат қарор дода мешавад. Олими рус А.В. Манойло дар таҳқиқоти худ иброз медорад, ки: «Дар Канада иттилооти давлатиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: иттилооте, ки барои истифодаи оммаи мардум пешниҳод мегардад (қонунҳо, санадҳои меъёрӣ, қарорҳои ҳукуматӣ, маълумотномаҳои оморӣ ва ғ); иттилооте, ки барои истифодаи доираи маҳдуди одамон омода мегардад (корҳои илмию таҳқиқотӣ, маълумотҳои техникӣ ва ғайраҳо, ки онҳо дар бойгониҳои махсуси иттилоотӣ нигоҳдорӣ мешаванд)» [48, с.254].

Гурӯҳи аввали иттилоот ба таври ройгон дастраси аҳолӣ гардонида мешавад. Аммо барои дастрас намудани гурӯҳи дуюми иттилоот маблағи муайян пардохт намудан лозим аст. Зеро барои омода намудан ва мавриди истифода қарор додани онҳо маблағҳои зиёдтар сарф мегарданд.

Дар Испания бошад, дар самти истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ лоиҳаи Vereda амалӣ карда мешавад. Мувофиқи лоиҳаи мазкур давлат ба шаҳрвандони худ ба воситаи дастгоҳҳои иртиботӣ, ки онҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ насб гардидаанд, хизматрасониҳои иттилоотиро пешкаш менамояд. Дар дастгоҳҳои мазкур хизматрасониҳои соҳаи суғуртаи давлатӣ, хизматрасониҳои молиявӣ, фароғату истироҳат (хариди чиптаҳои театр ва кинотеатр), хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ пешкаш мегарданд.

Дар Сингапур бошад, тоҷирон андозҳои худро ба воситаи маблағҳои электронӣ пардохт менамоянд. Чунин хизматрасонӣ барои беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорон ва таъмин намудани рушди иқтисодии мамлакат роҳандозӣ гардидааст.

Давлатҳои «ҳафтгонаи бузург» дар якҷоягӣ лоиҳаи «Давлати он-лайн»-ро амалӣ намуда истодаанд, ки мақсадҳои асосии лоиҳаи мазкур ба

вуҷуд овардани шароитҳои зерин мебошад: «Ташкили шароити мусоид барои амалӣ намудани хизматрасониҳои анъанавӣ; ба шаҳрвандони мамлакат пешниҳод намудани хизматрасониҳои интерактивӣ; дар дохили дастгоҳи идоракунии давлатӣ ба ҷойи коргузории коғазӣ истифода намудани почтаҳои электронӣ ва ҳуҷҷатҳои электронӣ; ба роҳ мондани чунин хизматрасонӣ дар миёни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон» [81, с.52].

Дар раванди идоракунии давлатӣ сиёсати соҳаи иттилоот ташаккул дода мешавад, ки он одатан дар ду шакл зоҳир мегардад: 1) сиёсати иттилоотии давлат; 2) сиёсати иттилоотонии давлат. Дар мавриди аввал танзими муносибати байни мақомоти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма дар назар дошта мешавад. Дар мавриди дуюм меъёрҳое дар назар дошта мешаванд, ки дар самти истифодаи воситаҳои иттилоотонӣ барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва хоҷагии халқ имконияҳои мусоид фароҳам меоваранд [44, с.117]. Муносибатҳои мутақобилаи давлат бо васоити ахбори омма дар ҳар як давлат масъалаи хеле мураккаб ва ҳамзамон хеле ҳассос мебошад. Аммо чунин навъи муносибат ба воситаи қонунҳои соҳаи васоити ахбори омма ва принсипҳои озодии сухан ва баён ба танзим даровარда мешаванд. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳарду маврид ба мушоҳида мерасанд. Лекин дар мавриди дуюм хеле аҳамиятнок аст ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ низ бо фаъолияти ВАО маҳдуд нагардида, баръакс аз сиёсати пурсамари иттилоотонӣ вобастагии зиёд дорад.

Донишманди рус О.А. Артюхин масъалаҳои рушди иртиботи сиёсӣ ва сиёсати иттилоотии давлатро дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҳқиқ намуда, чанд тамоюлоти муҳимро дар самти баланд бардоштани самаранокии сиёсати иттилоотӣ ба таври зерин пешниҳод менамояд: «Ташаккул додани рақобати солим, муқовимат намудан бо монополизм; таъмини ҳуқуқи шаҳрванд дар самти ба даст овардани

иттилооти расмӣ ва бо мақсади ба шаҳрвандон дастрас гардонидани чунин навъи иттилоот, таъмин намудани рушди техникию технологии системаи иттилоотии мамлакат; ҳифзи арзишҳои ахлоқӣ ва унсурҳои ҷудогонаи фарҳанги миллӣ, муқовимат бо фарҳанги бегона; дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳимояи моликияти зеҳнӣ ва мубориза бар зидди ғайриқонунӣ истифода гардидани ин навъи моликият; таҳкими амнияти иттилоотии мамлакат» [71, с.130].

Таҳлили сиёсати иттилоотонии давлатҳои алоҳида нишон медиҳад, ки он одатан якчанд марҳиларо дар бар мегирад ва якуякбора дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул додани низомҳои иттилоотӣ ва мавриди истифода қарор додани онҳо ғайриимкон аст. Дар марҳилаи аввал истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккули системаи иттилоотию иртиботӣ дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Сипас, соҳаи идоракунии давлатӣ пурра дар заминаи васелаҳои иттилоотию иртиботӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, ба шаҳрвандони мамлакат хизматрасониҳои давлатиро тариқи низомҳои иттилоотӣ пешкаш менамояд. Тадриҷан давлат кӯшиш менамояд, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва хоҷагии халқ василаҳои иттилоотию иртиботӣ истифода гардида, низомҳои иттилоотӣ ташаккул дода шаванд. Тӯл кашидани ташаккули низомҳои иттилоотӣ ва пешбурди сиёсати иттилоотонӣ сабабҳои худро дорад. Пеш аз ҳама, пешбурди чунин сиёсат харҷҳои зиёди давлатиро металабад. Инчунин, соҳаи хизматрасониҳои иттилоотии навтаъсис бояд бо мутахассисони касбӣ таъмин карда шавад, вале дар як муддати кӯтоҳ омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба хеле мушкил мебошад.

Дар ду даҳсолаи охир интернет ба яке аз воситаҳои калидӣ дар соҳаи сиёсӣ табдил ёфтааст. Таҷрибаи интихоботи президентӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна номзадҳо имкониятҳои интернетро истифода мебаранд. Масалан, интихоботи президентии ИМА дар соли 1996 ва интихоботи

Британиё дар соли 1997 намунаҳои барҷастаи истифодаи интернет дар маъракаҳои интихоботӣ мебошанд. Дар ҷараёни ин маъракаҳо номзадҳо ҳазорҳо саҳифаҳои иттилоотиро дар шабака эҷод карданд ва ба интихобкунандагон маълумоти зарурӣ доданд. Таҳлили истифодаи интернет нишон додааст, ки  дар интихоботи соли 1996 зиёда аз 28% шаҳрвандони Америка аз иттилооти дар интернет ҷойдодашуда истифода намудаанд. О.А. Артюхин қайд менамояд, ки: «Айни замон интернет имкон медиҳад, ки шаҳрвандон дар бораи номзадҳо маълумоти муфассал пайдо намоянд (албатта, дар шароити мавҷуд будани чунин иттилоот) ва аз раванди баҳсу мунозира ва масъалагузории онҳо хабардор шаванд, то ки рӯзи овоздиҳӣ номзади арзандаи худро интихоб намоянд» [71, с.128].

Дар таъсиси ҷомеаи иттилоотӣ давлат нақши калидӣ дорад. Ғайр аз он, созмонҳои байналмилалӣ инчунин роҳҳои ҳалли ин мушкилотро меҷӯянд. Созмони рушди иқтисодӣ ва ҳамкорӣ бар ин назар аст, ки барои таъмини рушди устувори ҷомеаи иттилоотӣ бояд ба ду самт диққат дода шавад: баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ бо ерии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; назорати қатъии фазои иттилоотӣ, махсусан дар соҳаи тиҷорати электронӣ.

Созмони мазкур ба давлатҳои алоҳида пешниҳод менамояд, ки барои таъмини рушди минбаъдаи худ ба ташаккулдиҳии иқтисодиёти электронӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Махсусан, дар самти ҳимояи моликияти зеҳнӣ, таъмини амнияти тиҷоратӣ ва савдои электронӣ, ҷамъоварии андозҳо ва кафолати бехатарии иттилоотию технологии шаҳрвандон давлат бояд фаъолияти худро мақсаднок ба роҳ монад. Инчунин, давлат бехатарии истифодабарандагони хизматрасониҳои иттилоотию электрониро  бояд таъмин намояд.

Дар таҳқиқоти як зумра олимон, аз ҷумла дар асарҳои илмии онҳое, ки иттилоотонии ҷомеаро таҳқиқ кардаанд, ба масъалаҳои дар боло номбаргардида диққати бештар додаанд. Дар таҳқиқоти А.Н. Лаврухин

ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди бо он алоқаманд шудани иттилоотонии ҷомеа аз рӯйи се хусусияти умумӣ муайян карда мешавад: «Аввал, дар ин навъи ҷомеа иттилоот ба сифати манбаи иқтисодӣ истифода мегардад. Ташкилот ва ширкатҳои гуногун бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ташаккули иқтидори рақобатпазирии худ ҳаҷми хеле зиёди иттилоотро истифода менамоянд. Дуюм, иттилоот барои аҳолии мамлакат ба маҳсулоти истеъмолӣ табдил меёбад. Сеюм, дар соҳаи иқтисодиёт рушди бомароми бахши иттилоотӣ ба амал меояд, ки дар муқоиса бо бахшҳои дигари ин соҳа бо суръати хеле баланд ташаккул меёбад» [89, с.43]. Бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд гуфт, ки тамоюли рушди ҷомеаи иттилоотӣ хосси кишварҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф мебошад. Ба таври самаранок истифода гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ низ, дар ҷомеаҳои мазкур ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тариқ, масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар раванди идоракунии давлатӣ таҳлил намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

Дар ҷаҳони муосир технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар пешбурди фаъолияти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ нақши муҳим доранд.

Сиёсати иттилоотӣ имкон медиҳад, ки ин технологияҳо истифода шаванд ва барои рушди робитаҳои нави ҷамъиятӣ ва ҳамкории электронӣ замина фароҳам оранд.

Дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин баланд бардоштани фарҳанги иттилоотӣ ва коммуникатсионии ҷомеа аҳамияти бештар пайдо мекунад. Илова бар ин, тайер кардани мутахассисони ин соҳа дар шароити ташаккули системаҳои гуногуни иттилоотӣ, ки соҳаҳои гуногуни ҳаети ҷамъиятиро фаро мегиранд, талаботи замон мегардад.

Давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ нақши муҳим дорад. Дар соҳаи танзими муносибатҳои соҳаи иттилоотӣ ва фазои иттилоотии ҷомеа меъерҳое таҳия карда мешаванд, ки ҳуқуқҳои иттилоотии шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо, ширкатҳо ва мақомоти давлатиро таъмин мекунанд. Аз ҷумла, дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ масъалаи таъмини амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва махсусан нақши аввалиндараҷаи иттилоот дар ҳаёти сиесии кишвар давлатҳоро маҷбур мекунад, ки консепсияи сиесати иттилоотии худро ташаккул диҳанд. Дар ниҳоят, танзими самараноки бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ ва маҳсулот кафолати татбиқи бомуваффақияти сиесати иттилоотии давлат мебошад.

# БОБИ III. ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ДАР МАСИРИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСӢ

## 3.1. Ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: меъёрҳои асосӣ ва татбиқи онҳо

Илм ва техника, инчунин дастовардҳои технологӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва ташаккули системаи иттилоотӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои пешрафта инқилоби воқеӣ ба амал оварданд. Ин технологияҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон васеъ истифода мешаванд ва дар тӯли даҳсолаҳои охир яке аз воситаҳои асосии таъмини пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, техникӣ-технологӣ ва сиесӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ҷаҳони муосир дониш, иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар нақши муҳим доранд. Аз ҷумла, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дорои иқтисоди гузариш, ки шароити рушди иқтисодӣ ҳанӯз номусоид аст, ба рушди технологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овард ва дар муддати кӯтоҳ бо ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуд, ки зарари назарраси иҷтимоию иқтисодӣ расонид, пас аз имзои Созишнома дар бораи истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, дар баробари таъмини сулҳу субот, дар барқарорсозии зарари ҷанги шаҳрвандӣ ва минбаъд беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар нақши муҳим бозид.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду даҳсола пеш фароҳам оварда шуда бошанд ҳам, дар шароити муосир, ки рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба назар мерасад, барои мамлакат ташаккул додани назарияи ҷомеаи иттилоотӣ муҳиммияти

бештар пайдо намудааст. Нақш ва мавқеи мамлакат дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ, иқтидори рақобатпазирии мамлакат, рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа, шахсият, сатҳу сифати зиндагӣ, саноати иттилоотии мамлакат, фарҳанг ва забони давлатӣ, таҳкими ягонагии иттилоотии мамлакат ва дар маҷмӯъ, системаи иттилоотии мамлакат аз мавҷудияти назарияи ҷомеаи иттилоотӣ ва меъёрҳои мушаххаси он вобастагии зиёд доранд.

Дар ҳар мамлакат, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд ҷанбаҳои технологии ҷомеаи иттилоотӣ дар зери таъсири бахши хусусӣ ташаккул ёфта истода бошанд ҳам, ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, фарҳангию иҷтимоии онро низ ба инобат гирифтан хеле муҳим мебошад. Бояд бо ташаббуси давлат барномаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул дода шавад, то ки дар он унсурҳои асосии системаи иттилоотии мамлакат муайян карда шуда, нақш ва мавқеи ниҳодҳои асосии амалишавии барномаи мазкур нишон дода шаванд. Аз ҷумла, вазифаҳо ва мавқеи давлат, тиҷорати хусусӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва одамони оддӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ бояд равшан карда шаванд. Албатта, дар самти иттилоотонии ҷомеа ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар мамлакатамон натиҷаҳои мушаххас ба назар мерасанд, аммо камбудию норасоиҳо низ хеле зиёданд. Маҳз камбудиҳои ҷойдошта имкон намедиҳанд, ки марҳилаҳои навбатии пешрафти ҷамъиятӣ амалӣ карда шаванд. Зеро дар шароити муосир таъмини рушди бомароми соҳаҳои гуногун аз рушди ҷомеаи иттилоотӣ вобаста гардидааст.

Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Дар солҳои аввали истиқлолият дар самти ташаккули системаи иттилоотии мамлакат амалан коре анҷом дода нашуда буд. Зеро ин давра ба солҳои ҷанги шаҳрвандӣ рост меояд. Бояд қайд кард, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон танҳо алоқаи телефонии симдорро ба мерос гирифт. Ин унсури системаи

иттилоотию коммуникатсионии кишвар ба таври кофӣ рушд наефт. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қисми таҷҳизот осеб дидааст. Тадриҷан дар зери таъсири баъзе омилҳои мавҷуда, аз ҷумла дар зери таъсири рушди технологияҳои навин талаботи мардум нисбат ба алоқаи телефонии анъанавӣ камтар гардид. Ҳарчанд дар солҳои минбаъда оператори миллии мамлакат «Тоҷиктелеком» дар самти беҳтар намудани хизматрасониҳои худ корҳои зиёдеро анҷом дода бошад ҳам, айни замон ин навъи алоқаро асосан корхонаҳо ва муассисаҳо истифода менамоянд. Ба ҳар ҳол, «Тоҷиктелеком» барои беҳтар намудани хизматрасониҳои худ ва рушди системаи ин навъи алоқа лоиҳаҳои гуногунро амалӣ намуда истодааст, ки дар оянда дар бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ имкони пайдо намудани мавқеи намоёни онро интизор шудан мумкин аст. Кам гардидани талабот нисбат ба алоқаи телефонии анъанавӣ бо пайдоиши алоқаи мобилӣ низ вобаста мебошад.

Аввалин оператори алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон ширкати «ТоҷикТел» мебошад, ки он соли 1996 дар шаҳри Душанбе фаъолияти худро оғоз менамояд. Дар давоми солҳои 1996-2001 Вазорати алоқаи мамлакат ба «ТоҷикТел» иҷозат медиҳад, ки дар тамоми қаламрави кишвар алоқаи мобилиро паҳн намояд. Чунин иқдом боиси рӯ ба таназзул ниҳодани бозори алоқаи мобилӣ гардида, дар рушди ин соҳа монеаи ҷиддӣ эҷод намуд. Моҳи марти соли 2005 Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатномаи ширкати «ТоҷикТел»-ро бекор менамояд ва тамоми моликияти он ба ширкати «Таком» мегузарад. Соли 1998 ширкати муштараки «Сомонком» ташкил карда мешавад, ки он бори аввал алоқаи мобилии стандарти GSM-ро дар шаҳри Хуҷанд паҳн менамояд. Танҳо баъди солҳои 2001 дар бозори алоқаи мобилии мамлакат дигаргуниҳои сифатӣ ба назар мерасанд. Масалан, октябри соли 2001 бо ташаббуси ширкати MST (Америка) ва Фонди Оғохон оид ба рушди иқтисодӣ ширкати мобилии «Индиго-Тоҷикистон» ташкил карда мешавад. 27

декабри соли 2001 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси ширкати «GSM-и Шимолию Ғарбӣ»-и Россия ва ширкати «Тоҷиктелеком» ширкати муштараки «МЛТ» (Шабакаҳои мобилии Тоҷикистон) таъсис дода мешавад, ки он аз рӯйи стандарти GSM фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Моҳи сентябри соли 2002 ширкати «Бабилон-Мобайл» низ алоқаи мобилиро аз рӯйи стандарти GSM пешниҳод менамояд. Айни замон дар бозори алоқаҳои мобилии мамлакат даҳҳо ширкатҳои мобилӣ фаъолият менамоянд, ки дар байни онҳо ширкати «Бабилон-Мобайл» аз рӯйи муштариёни худ мавқеи намоёнро ишғол намудааст [139].

Аз моҳи декабри соли 2004 инҷониб Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои паҳн намудани алоқаи мобилии насли сеюм (3G) ба як қатор ширкатҳои мобилӣ иҷозатнома медиҳад. Айни замон як қатор ширкатҳои мобилии дар мамлакат фаъолияткунанда, аз ҷумла «Бабилон-Мобайл», «Тиселл», «Мегафон», «Билайн» ва чанде дигар алоқаи мобилии насли сеюм (3G) ва хизматрасонии интернетии стандарти насли чорум (4G)-ро ба муштариёни худ пешниҳод менамоянд [138].

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи иттилоотии мамлакатро телевизионҳои кабелӣ ва маҳворaӣ ташкил медиҳанд. Онҳо дар самти иттилоотикунонии ҷомеа ва саривақт ба аҳолии мамлакат пешниҳод намудани иттилооти зарурӣ нақши муассир доранд. Дар пойтахти мамлакат ва шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю Хуҷанд як қатор ширкатҳо дар рушди телевизионҳои кабелӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд. Махсусан, дар шаҳри Душанбе, қариб дар ҳамаи биноҳои баландошёна ноқилҳои ин навъи телевизион насб карда шудаанд ва ҳар кас мувофиқи шавқу завқи худ метавонад аз онҳо истифода намояд. Албатта, ин хидмат ройгон нест, аммо арзиши он барои аҳолӣ дастрас аст. Масалан, телевизиони кабелӣ зиёда аз 150 шабакаи телевизиониро пахш мекунад, ки аксари онҳо дар шабакаҳои моҳворaӣ пулакӣ мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки бо истифода аз дастгоҳҳои интиқоли моҳворaӣ дастрасӣ ба ҳамаи барномаҳои

пешниҳодкардаи операторони кабелӣ ғайриимкон аст. Мутаассифона, дар деҳоти кишвар то ҳол телевизиони кабелӣ истифода намешавад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксарияти аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ташкили чунин хизматрасониҳо дар соҳаи иттилоотикунонии ҷомеа хеле муҳим ҳисобида мешавад.

Бояд гуфт, ки шабакаи интернет яке аз унсурҳои муҳимтарини системаи иттилоотии дилхоҳ мамлакат ба шумор меравад. Дастраси аҳолии мамлакат гардонидани низомҳои иттилоотӣ маҳз ба воситаи шабакаи интернет имконпазир мегардад. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар самти иттилоотонии ҷомеа шабакаи интернет нақши калидӣ дорад [139].

Дар Тоҷикистон бори аввал истифодаи хизматрасониҳои интернетӣ дар шакли хеле маҳдуд дар соли 1995 имконпазир гардид. Аввалин интернет-провайдер дар мамлакат бо ташаббуси ташкилоти ғайриҳукуматии Central Asian Development Agency (CADA) таъсис дода шуд. Каме дертар Институти «Ҷомеаи кушод» (Фонди Сорос) дар панҷ шаҳри мамлакат аввалин марказҳои интернетии маҳаллиро ба истифода медиҳад. Моҳи декабри соли 1998 оператори телекоммуникатсионии маҳаллӣ - «Телеком Технолоҷи» хизматрасониҳои интернетиро дар шаҳри Душанбе барои доираи васеи истифодабарандагон пешниҳод менамояд. Дар соли 2000 ба бозори хизматрасониҳои интернетӣ ширкатҳои «Интерком» ва «Бабилон-Т» низ ворид мегарданд. Дар соли 2001 ширкати «Тоҷиктелеком», соли 2002 ширкати «Комстел» ва соли 2003 ширкати «Истера» ба бозори хизматрасониҳои интернетиӣ ворид мешаванд. Айни замон дар бозори хизматрасониҳои интернетӣ зиёда аз 12 интернет-провайдерҳои сатҳашон гуногун ба пешниҳоди ин навъи хизматрасонӣ машғуланд.

Таъкид кардан муҳим аст, ки таъмини дастрасӣ ба интернет барои шаҳрвандон ва ташкилотҳо рушди онро кафолат намедиҳад, ҳатто агар

барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ шароит фароҳам оварад. Ин аз он сабаб аст, ки танҳо дастрасӣ кофӣ нест. Корҳои минбаъда барои эҷоди мундариҷаи миллӣ ва афзоиши шумораи сайтҳо ва системаҳои иттилоотӣ бо забони давлатӣ талаб карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки аз соли 2004 инҷониб дар мамлакат сохтани сомонаҳои интернетӣ дар заминаи домени .tj оғоз гардид. Танҳо то соли 2006 шумораи сомонаҳои интернетӣ дар заминаи номҳои миллӣ ба 2000 ҳазор баробар шуд [82]. Дар солҳои охир шумораи вебсайтҳо ба таври назаррас афзоиш ефтааст. Имрӯз дар асоси домени миллӣ зиеда аз 20 ҳазор захираҳои вебсайти давлатӣ ва ғайридавлатӣ амал мекунанд. Ин сайтҳо одатан аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои ҳукуматӣ, шӯъбаҳои онҳо, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ширкатҳо таҳия ва ба кор даровaрда мешаванд. Дар ҳолатҳои нодир, сохторҳои тиҷоратӣ метавонанд ба сохтани чунин сайтҳо ҷалб карда шаванд. Дар сомонаҳои мазкур маълумот дар бораи муассиса, нишонии муассиса, маълумот барои тамос, сохтори муассиса, самтҳои фаъолияти он, дастовардҳои муассиса ва дигар маълумотҳои зарурӣ ҷо дода мешаванд. Мутаассифона, сомонаҳои миллие, ки дар мамлакат сохта мешаванд, дар муқоиса бо сомонаҳои давлатҳои дигар хеле сода ва аз лиҳози дастрасии иттилоот камбудиҳои хеле зиёд доранд. Дар аксар маврид дастрас намудани маълумоти зарурӣ дар онҳо мушкил мебошад. Дар бештаре аз сомонаҳо маълумот дар бораи самтҳои фаъолият ва натиҷаҳои онҳо вуҷуд надорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар корхонае, ки зиёда аз 100 корманди штатӣ дорад, бояд ҳадди ақал як воҳиди кории оператори интернетӣ дошта бошад. Вале айни замон муассисаҳое, ки зиёда аз 400-500 корманд доранд, барои дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани сомонаи худ ҳамагӣ як ё ду коргар доранд. Як қатор муассисаҳо тариқи шартнома сомонаҳои худро месозанду сипас тақдири онро ба яке аз кормандони муассиса, ки мутахассиси ин соҳа нест, ҳавола менамоянд. Албатта, дар

самти сохтани сомонаҳои динамикӣ ё худ дорои таркиби мураккаб дар мамлакат мутахассисони ҳирфаӣ намерасанд.

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки барои рушди контенти миллӣ мусоидат менамояд, ин сохта ба истифода додан ва марҳила ба марҳила таҷдиди назар намудани низомҳои иттилоотӣ мебошад. Барои сохтани чунин низомҳои иттилоотӣ барномасозони касбӣ заруранд, ки ин масъала низ ба яке аз мушкилоти ин соҳа табдил ёфтааст. Дар айни замон дар интернет китобхонаи бузурги электронӣ бо забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Истисно муаллифоне мебошанд, ки китобҳои худро мустақилона дар китобхонаҳои электронии хориҷӣ ҷойгир мекунанд. Дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон тавассути системаҳои иттилоотӣ назорат ва иҷозатномадиҳии фаъолияти корхонаҳо ва муассисаҳо, инчунин идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаети ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад. Аммо дар мамлакати мо бинобар набудани чунин низомҳо дар забони тоҷикӣ кор ва фаъолият дар ҳама сатҳҳо бетағйир боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ташаккули мундариҷаи миллӣ вазифаи аввалиндараҷа дар самти таъмини рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар кишвар мебошад. Дар Хотир доштан муҳим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиеда аз 70% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ ва кор мекунанд. Аксарияти аҳолӣ бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд. Аммо дар интернет маълумот бо забони тоҷикӣ хеле кам аст. Аз ин рӯ, дар ин марҳилаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ таҳияи мундариҷаи миллӣ барои таъмини аҳолӣ бо иттилоот ва дастрасии он муҳим аст. Яъне, дар интернет афзоиши ҳаҷми иттилоот ва иттилоот бо забони давлатӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва сиесати иттилоотӣ бошад.

Дар Тоҷикистон фаъолият дар соҳаи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи онҳо бо санадҳои қонунгузории қабулнамудаи парлумон танзим карда мешавад. Илова бар ин, барои танзими ин соҳа ва истифодаи технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқа", ки 27 декабри соли 1993 қабул шуда буд, ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири назаррас надошт, зеро он танҳо ҷанбаҳои умумии соҳаи алоқаро фаро мегирифт. Соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи телевизион ва радио" қабул шуд, ки то соли 2019 ҳафт маротиба аз нав дида баромада шуд. Ин қонун фаъолияти ташкилоту муассисаҳои телевизион ва радиошунавониро дар қаламрави Тоҷикистон танзим менамояд. Он шароити ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва тартиби таъсиси онҳоро муайян мекунад. Ин ташкилотҳо ва муассисаҳо бояд ба татбиқи озодии сухан, ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани маълумоти пурра, боэътимод ва саривақтӣ, инчунин баррасии равандҳои ҷамъиятӣ мусоидат намоянд. Дар қонун ҳамчун принсипҳои фаъолияти ташкилотҳои телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои зерин муайян карда шудаанд: ростқавлӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани хабарҳо, изҳори озодона, эҳтироми меъёрҳои умумиинсонии ахлоқ ва риояи қатъии ахлоқи касбӣ [6].

6 августи соли 2001 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи информатизатсия" қабул карда шуд. Ин қонун муносибатҳои марбут ба сохтан ва истифодаи системаҳои иттилоотӣ, таҳияи технологияҳои иттилоотӣ ва таҳия, татбиқ ва истифодаи системаҳои автоматикунонидашудаи иттилоотиро танзим мекунад. Ғайр аз он, қонун қоидаҳои ҳифзи манбаъҳои иттилоот, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни раванди иттилоотиро муқаррар мекунад [10].

Моҳи майи соли 2002 як қатор санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шуданд, ки фаъолияти гуногунро дар соҳаи иттилоот танзим мекунанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот" қоидаҳои умумии қабул, истифода, паҳн ва ҳифзи иттилоотро муқаррар менамояд. Он инчунин ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро дар

тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии кишвар тақвият медиҳад. Қонун мақоми иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро муайян мекунад, дастрасӣ ба иттилоот ва ҳифзи онро танзим мекунад. Он инчунин шахсони алоҳида ва ҷомеаро аз паҳн кардани маълумоти бардурӯғ муҳофизат мекунад [10].

10 майи соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқаи барқӣ" қабул карда шуд. Алоқаи барқӣ ҷузъи муҳими системаи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад. Он дар қаламрави Тоҷикистон ҳамчун унсури ҷудонопазири маҷмааи истеҳсолӣ-хоҷагӣ фаъолият мекунад, ки ба қонеъ гардонидани ниёзҳо ва талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маъмурӣ дар хизматрасониҳои алоқа равона шудааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолият дар соҳаи ташкил, амалӣ ва рушди алоқаи барқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Ғайр аз он, қонун ваколатҳои мақомоти давлатӣ, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки дар ин соҳа фаъолият мекунанд е аз хидматҳои алоқаи барқӣ истифода мебаранд, муайян мекунад [7].

Яке аз қонунҳои дигаре, ки барои ба танзим даровардани муносибатҳои иттилоотӣ нигаронида шудааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» мебошад. Ин қонун низ 10 майи соли 2002 қабул гардида буд. Қонуни мазкур асосҳои ба кор бурдани ҳуҷҷатҳои электронӣ, талаботи асосӣ ба ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин ҳуқуқ, вазифаҳо ва масъулияти иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро, ки дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ба амал меоянд, муқаррар менамояд [9].

Як қатор масъалаҳои марбут ба танзими муносибатҳои иттилоотӣ ва фаъолият дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо ёрии санадҳои меъёрие, ки аз ҷониби Президенти мамлакат ба имзо расида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, ҳал карда

мешаванд. Дар байни ин санадҳо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003, таҳти № 1175 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" [3] ҷойгоҳи махсус дорад. Ин ҳуҷҷат ҳадафҳо, вазифаҳо, меъёрҳо ва самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотии кишварро муайян мекунад. Барои татбиқи самараноки Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, таҳти № 290 "Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуд. Ин барнома барои давраи аз соли 2005 то 2010 пешбинӣ шуда буд ва бояд ба рушди минбаъдаи системаи таъмини амнияти иттилоотии кишвар, инчунин татбиқи чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва техникӣ-технологӣ дар ин соҳа дар сатҳи зарурӣ мусоидат мекард. Соли 2011 Ҳукумати Тоҷикистон ба ин барнома тағйиру иловаҳо ворид карда, мӯҳлати татбиқи онро то соли 2015 тамдид намуд [144].

Инчунин 6 июни соли 2005 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қароре қабул кард, ки дар он қоидаҳо ва шартҳои ҳифзи иттилоот дар воситаҳои техникии коркарди маълумот муқаррар карда шуданд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат сертификатсияи воситаҳои техникӣ гузаронида шуд, ки бояд амнияти иттилоотии давлатро таъмин мекарданд [150].

Барои таъмини амнияти иттилоот ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор фармонҳои Президент қабул гардиданд, ки то ба имрӯз нақши муҳим бозиданд. Яке аз чунин фармонҳо санади № 1347 аз 16 сентябри соли 1999 буд, ки онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо кард. Ин фармон меъёрҳои дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳониро муқаррар кард. Дар асоси ин фармон дар сохтори Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази иттилоотию техникӣ таъсис дода шуд. Тавассути ин марказ мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар навбати аввал ба шабакаи интернет дастрасӣ пайдо мекунанд [153]. Дар заминаи назорати истифодаи

интернет қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 таҳти № 389 аҳамияти махсус дорад. Ин ҳуҷҷат дар бораи таъсиси шабакаи иттилоотии ҷумҳуриявӣ ва қоидаҳои дастрасӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ сухан меронад. Тибқи ин қарор, ширкати "Точиктелеком" оператори давлатии интернет мешавад [145]. Илова бар ин, дар доираи қарори мазкур Қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои интернетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешаванд. Ин ҳуҷҷат шартҳои пайвастшавӣ ба интернетро дар қаламрави кишвар муайян мекунад ва тартиби пешниҳоди хидматҳои интернетиро ба мизоҷон муқаррар мекунад [149]. 5 декабри соли 2005 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 532 "Дар бораи дастгирии давлатии рушд, истифода ва ҳифзи манбаъҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуд. Ин қарор ба таъмини рушди захираҳои иттилоотӣ равона шудааст [146].

Дар ибтидои солҳои 2000-ум Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳоеро андешид, ки ба истифодаи забони давлатӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ равона карда шудаанд. Масалан, 2 августи соли 2004 стандарти миллии № 330 тасдиқ карда шуд, ки гузоштани рамзҳои алифбои тоҷикиро ба клавиатураҳои компютерӣ танзим мекунад. Дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, таҳти №188 «Дар бораи тасдиқи барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ бо забони тоҷикӣ» мақсад ва вазифаҳои истифодаи забони тоҷикӣ дар рушди технологияҳои иттилоотӣ муайян карда шуданд [147]. Инчунин дар барнома механизмҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадаф ба таври возеҳ муайян карда шуданд.

Дар самти таъмини рушду инкишоф ва истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» нақши муассир гузоштааст. Стратегияи мазкур бо Фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ноябри соли 2003, №1174 ба имзо расида буд. Дар стратегияи мазкур се ҳадафи афзалиятнок нишон дода шудааст, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст: «Ташаккул додани ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар заминаи истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани рушди фаъолияти соҳаҳои гуногун (маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайраҳо); дар заминаи истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар амал татбиқ намудани Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани самаранокии меҳнат» [1].

Мутобиқи талаботи стратегияи мазкур самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бояд чунин бошанд: «Дар соҳаи истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботии ҷомеа мустаҳкам намудани базаи меъёрию ҳуқуқӣ ва техникӣ; коркард ва мавриди истифода қарор додани барномаҳои ҷадиди иттилоотию технологӣ; рушди системаи иттилоотию коммуникатсионии мамлакат; таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот; ҳимояи моликияти зеҳнӣ; рушди системаи бонкӣ, ба амал баровардани тиҷорати электронӣ. Дар самти коркард ва мавриди истифода қарор додани барномаҳои ҷадиди иттилоотию технологӣ чунин самтҳои фаъолият хеле афзалиятнок ба шумор меравант: рушди ҳукумати электронӣ, илм ва таҳсилоти фосилавӣ, тибби фосилавӣ, ташкил ва рушди марказҳои иттилоотию маркетингӣ ва ғайраҳо» [1].

Барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои стратегияи зикршуда, 3 декабри соли 2004 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи давлатии ҷорӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро барои давраи аз соли 2005 то 2008 тасдиқ намуд. Барнома ба ноил шудан ба вазифаҳои зерин равона карда шудааст: фароҳам

овардани шароит барои баланд бардоштани самаранокии кори мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; рушди иқтисодиети кишвар тавассути паҳн ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар байни аҳолӣ.

Барои дар амал татбиқ намудани ин мақсадҳо ҳалли чунин масъалаҳо ва иҷроиши вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шуда буданд: «Дар таҷрибаи фаъолияти идорӣ ҷорӣ намудани технологияҳои навини иттилоотӣ, ташкили системаи зарурӣ барои амалӣ намудани системаи иттилоотӣ дар мақомоти маркази ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; дар заминаи истифодабарии технологияҳои навини иттилоотию коммуникатсионӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти маркази ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; дар заминаи истифодабарии технологияҳои ҷадиди иттилоотию коммуникатсионӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор; таъмини ҳуқуқии ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ дар самти дастрас намудани иттилоот; ба таври амалӣ истифода намудани забони тоҷикӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» [2].

Дар марҳилаи аввали иҷрои ин барнома (2005-2006) иҷрои як қатор вазифаҳо талаб карда мешуд. Пеш аз ҳама, бояд заминаи қонунгузорӣ таҳқиқ карда шавад. Ин барои муайян кардани мушкилот дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ анҷом дода шуд. Инчунин зарур буд, ки таҷрибаи дигар кишварҳо дар татбиқи чунин барномаҳои давлатӣ омӯхта ва таҳлил карда шавад, то рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар кишвари мо таъмин карда шавад. Илова бар ин, бояд сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар муассисаҳои давлатӣ арзёбӣ кард.

Дар марҳилаи дуюми иҷрои барнома (2007-2008) бояд самтҳои асосӣ амалӣ карда шаванд ва ҳамкории самараноки мақомоти давлатӣ бо

шаҳрвандон ва ташкилотҳо таъмин карда шавад. Барои ин амалҳои зерин ба нақша гирифта шуда буданд: таҳия ва татбиқи системаҳои махсуси иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун; таъсиси системаи ягонаи иттилоотӣ барои ҳукуматҳои марказӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин системаҳои тиҷорати электронӣ ва марказҳои ҷамъиятӣ; пешбурди молҳо, маҳсулот ва хидматҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ;  тайер кардани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ; навсозии системаҳои мавҷудаи иттилоотӣ; ташаккули заминаи ҳуқуқӣ барои танзими истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ; ҳамкории самарабахши байни мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ дар асоси системаи ягонаи иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаети ҷомеа; паҳншавии васеи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси системаи ягонаи иттилоотӣ [2].

Таъкид кардан муҳим аст, ки дар марҳилаҳои аввали рушди ҳар як давлат татбиқи стратегияи муайян ё нақшаи давлатӣ метавонад мушкилоти техникӣ ва кадриро ба вуҷуд орад. Ин барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим аст. Аз ин рӯ, баъзе вазифаҳои дар доираи ин барнома гузошташударо бо сабабҳои гуногун пурра иҷро кардан мумкин нест. Дар робита ба ин, соли 2014 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо тасмим гирифтааст, ки барномаи давлатиро барои солҳои 2014-2017 тасдиқ намояд [135].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ инчунин ба масъалаи рушди ҳукумати электронӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Муҳиммият ва зарурияти рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2012 таъкид гардида буд. Президенти мамлакат иброз намуда буданд, ки: «Истифодаи технологияҳои

иттилоотиву коммуникатсионӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва дар асоси он ташаккули ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳимми замони муосир мебошанд. Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди системаи иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд» [143].

Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қарорҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшуда нишон медиҳад, ки масъалаи рушди ҳукумати электронӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз аз ибтидои солҳои 2000 оғоз гардида буд. Аммо рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ин соҳа дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбии худ қарор доранд. Ҳанӯз ҳам ҳузури иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шабакаи интернет пурра ташаккул наёфтааст. Мувофиқи радабандии шохиси омодагии мамлакатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ (E-Government Readiness Index), ки аз ҷониби СММ тартиб дода мешавад, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 дар миёни 183 мамлакат мақоми 117-умро ишғол менамуд. Аммо соли 2018 аз рӯйи нишондоди шохиси байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақоми 131 қарор гирифт (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шохиси омодагии мамлакатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ (E-Government Readiness Index) [162]**

| Солҳо | 2005 | 2008 | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мақом | 117 | 132 | 122 | 122 | 129 | 139 | 131 |

Мувофиқи нишондодҳои шохиси мазкур ҳузури иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле поён аст. Мақоми аз миёна болоро соҳиб шудан ҳам ба шарофати нишондодҳои

баланди захираҳои инсонӣ ва саъю талоши ҳукумат барои гузариш ба ҳукумати электронӣ мебошад. Бинобар ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои дар радабандии мазкур мақоми хосса пайдо намудан, ба масъалаи ҳузури иттилоотии ҳукумат дар шабакаи интернет таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба ҳукумати электронӣ аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад: 1) дар сатҳи зарурӣ ташаккул додани заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; 2) стандартикунонии гузоштани алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютер; 3) гузариш ба системаи телекоммуникатсионии рақамӣ; 4) дар аксари мақомоти давлатӣ ташкил намудани шабакаи ягонаи маҳаллӣ; 5) имконияти анҷом додани пардохтҳои электронӣ ва интиқоли пулҳои электронӣ дар системаи бонкӣ [82, с.23].

Рушди ҳукумати электронӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ пайвастанро фароҳам меорад. Аммо рушди ҳукумати электронӣ дар мамлакат хеле ба оҳистагӣ сурат мегирад. Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ Ниёзов А.С. ва Шамсов И.С., монеаи асосӣ дар самти амалишавии ҳукумати электронии мамлакат хусусияти меъёрию ташкилӣ дорад. Ба андешаи онҳо: «Ҳанӯз ҳам мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои электронии давлатӣ ташаккул дода нашудаанд. Инчунин, дар сатҳи баланд қарор доштани бюрократияи мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ имкон намедиҳад, ки ҳукумати электронӣ дар мамлакат татбиқ карда шавад. Аммо дар сатҳи зарурӣ ташаккул ёфтани ҳукумати электронӣ имкон медиҳад, ки пеши роҳи бюрократизм ва фасод гирифта шавад» [100, с.80].

Чунин андешаҳо соли 2012 дар Паёми Президенти мамлакат низ садо дода буданд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки: «Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии

табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар Ҳукумати мамлакат ба наздикӣ «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ»-ро қабул намуд. Ин имкон медиҳад, ки номгӯйи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сари вақт ва босифат расонида шуда, зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия тадриҷан аз байн бурда шаванд. Дар баробари ин, муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад» [143].

Воқеан ҳам, 30 декабри соли 2011 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» қабул мегардад. Консепсияи мазкур мақсад ва афзалияти ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароиояндаи дарозмуҳлат, стратегияи амалиётро ҳангоми иҷро кардани дурнамоҳо ва барномаҳо муайян мекунад. Консепсияи мазкур бояд дар се давра амалӣ карда шавад: «Дар давраи аввал (солҳои 2012-2013) - шабакаи ягонаи технологияҳои иттилоотӣ, ки 48 вазорат ва муассисаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид намуда, қисми калидии Ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ба кор андохта мешавад; дар чаҳорчӯбаи шабакаи мазкур феҳристи автоматикунонидашудаи хизматчиёни давлатӣ, ки маркази он дар Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, такмил дода мешавад. Дар давраи дуюм (солҳои 2013-2015) - дар амал татбиқ намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз тариқи қарорҳои технологии байниидоравӣ сурат мегирад. Давраи сеюм (солҳои 2015-2020)-и рушди Ҳукумати электронӣ, автоматикунонии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро ба аҳолӣ ва муассисаҳо, инчунин барои ниёзмандиҳои давлатӣ истифодаи хизматрасониҳои муассисаҳоро дар назар дорад. Ҳамзамон, рушди хизматрасониҳои ҳукумати электронӣ ба мисли сомонаҳои ҳукуматӣ ва

равзанаи тадохули ҳукумати электронӣ (системаи иттилоотӣ, ки барои ҳамроҳшавии системаи иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи амалӣ гардидани хизматҳои электронӣ муайян гардидаанд), дар назар гирифта шудаанд» [5].

Инчунин, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ташаккул додани ҳукумати электронӣ, дар консепсияи мазкур иҷрои вазифаҳои зерин дар назар гирифта шудаанд: «Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва дастрас будани хизматрасониҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд; сода гардонидани қоидаҳо ва кам кардани муҳлатҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин коҳиш додани хароҷоти маъмурӣ, ки бо пешниҳоди ин хизматрасониҳо вобастагӣ доранд; баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба системаи иттилоотӣ ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон; ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз Интернет ва технологияҳои муосири технологӣ» [5].

Бояд тазаккур дод, ки амалӣ гардидани ҳадафҳои мазкур, инчунин рушди системаи иттилоотии мамлакат ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизмати давлатӣ самаранок истифода гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз самаранокии фаъолияти соҳаи маориф вобастагӣ дорад. Зеро саводнокии компютерӣ ва истифода бурда тавонистани василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ, заминаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули системаи иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф ҳанӯз баъди анҷомёбии ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардида буд ва айни замон низ яке аз ҳадафҳои стратегии

ҳукумат ба шумор меравад. Масъалаи мазкур доимо дар маркази диққати Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар давраи баъдиҷангӣ вобаста ба масъалаи системаи иттилоотии соҳаи маориф ҳолатеро мушоҳида намудан мумкин буд, ки дар баъзе мактабҳои миёна шумораи ками компютерҳо ва дар аксари онҳо умуман ягон компютер вуҷуд надошт. Асосан, мактабҳои шаҳрӣ бо компютерҳо таъмин гардонида шуда буданд, аммо дар мактабҳои деҳот умуман вуҷуд надоштанд. Дар солҳои 2000 бо ибтикори Президенти мамлакат ва Ҳукумати кишвар барои тағйир додани ин вазъият чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. 31 декабри соли 2002 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2003-2007 қабул мегардад. Дар солҳои 2004-2005 аллакай ба мактабҳои миёнаи мамлакат зиёда аз 10 ҳазор компютер дода мешавад, ки ин нишондод мувофиқи нақшаи компютеркунонӣ 35%-ро ташкил медод. Аммо, то охири соли 2007 нақшаи барномаи мазкур пурра иҷро намегардад. Бо назардошти чунин вазъият 5 марти соли 2008 Ҳукумати мамлакат Барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагониро боз барои солҳои 2008-2010 такроран қабул менамояд [12].

Бояд иқрор шуд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерҳои фардӣ дар муқоиса бо мактабҳои миёна дар мактабҳои таҳсилоти олии мамлакат хубтару беҳтар амалӣ мегардад. Айни замон дар тамоми мактабҳои олии мамлакат синфхонаҳои зиёди компютерӣ мавҷуд буда, инчунин онҳо ба шабакаи интернет низ пайваст мебошанд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир дар раванди таълим яке аз масъалаҳои муҳимми баланд бардоштани ҳам сатҳу сифати таълим ва ҳам беҳтар намудани саводнокии компютерии мутахассисони оянда ба шумор меравад. Аммо истифодаи

василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва техникаи компютерӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии мамлакат дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дорад. Масалан, дар синфҳои болоии мактабҳои миёна аз фанҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор дарс мегӯянд, ки дар доираи ин фанҳо муҳассилин дар бораи компютерҳои замонавӣ ва асосҳои барномасозӣ маълумоти хеле маҳдуд дастрас менамоянд. Ҳанӯз ҳам усулҳои истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои алоҳида вуҷуд надорад, манбаъҳои электронии таълимӣ, аз қабили китобхонаҳои электронии миллӣ мавҷуд нест ва теъдоди омӯзгорони дорои саводи компютерӣ низ хеле кам мебошад. Ба андешаи коршиносон ва таҳлилгарон: «Қариб 80-90% омӯзгорони мамлакат моҳияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро намедонанд ва онҳоро дар раванди таълим истифода бурда наметавонанд» [82, с.26]. Дар мактабҳои олӣ низ истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Ҳайати профессорону омӯзгороне, ки василаҳои иттилоотию иртиботиро дар раванди таълим истифода бурда наметавонанд, яке аз мушкилиҳои асосии мактабҳои олӣ боқӣ мемонад.

Дар чунин шароит Президенти мамлакат дар суханронии худ рӯзи 30 августи соли 2017 ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи биноои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ чунин иброз намуданд: «Имрӯзҳо вақти он расидааст, ки ба усули анъанавии таҳсили ғоибона хотима бахшида, таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда шавад. Дар шароити имрӯза раванди таълиму тадрисро бе истифодаи васеи воситаҳои техникӣ ва технологияҳои муосир тасаввур кардан ғайриимкон аст» [151]. Дар асоси супориши Сарвари давлат соли таҳсили 2017-2018 тамоми гурӯҳҳои шакли таҳсилашон ғоибона ба таҳсилоти фосилавӣ фаро гирифта шуданд. Албатта, дар ин самт камбудию норасоиҳо хеле зиёд буданд, аммо роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои бартараф намудани онҳо чораҷӯӣ намуда истодаанд.

Ҳамин тариқ, раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

– раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ибтидои солҳои 2000 оғоз мегардад. Солҳои 2000-2010 дар мамлакат вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ ва тақвият бахшидани сиёсати иттилоотонӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул мегарданд;

– дар ин самт фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон аҳамияти зиёд доранд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар мамлакат базаи меъёрию ҳуқуқии ҷомеаи иттилоотӣ хеле хуб ташаккул дода шудааст. Аммо раванди ташаккулёбии системаи иттилоотии мамлакат дар марҳилаҳои аввали рушду инкишоф қарор дорад;

– соли 2020 муҳлати Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон ба охир мерасад ва аз ин хотир ҳангоми қабули консепсияи нави ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ бояд воқеиятҳои нави ҷаҳони муосир, махсусан иқтидори инноватсионии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба инобат гирифта шаванд;

– замоне фаро расидааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи татбиқи лоиҳаҳои ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ, ташкил намудани низомҳои иттилоотии соҳавӣ, китобхонаҳои электронӣ, оморҳои электронӣ, идоракунии электронӣ ва фосилавӣ диққати бештар дода шавад.

## 3.2. Мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир

Дар ҷаҳони муосир рушди ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти ташкилотҳоро бидуни истифодаи компютерҳо ва дигар воситаҳои коммуникатсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Технологияҳои иттилоотӣ ба ташаккули ҷомеаи асри XXI таъсири назаррас мерасонанд. Таъсири онҳо ба тарзи ҳаёти одамон, кор ва таҳсилоти онҳо ва ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ рӯз аз рӯз бештар ба назар мерасад. Дар маҷмуъ, технологияҳои иттилоотӣ барои ҳама одамон имкониятҳои бузург фароҳам меоранд.

Дар ҷаҳони муосир рушду инкишоф ва таҳкими пояҳои бунёдии давлатҳо аз рушди системаҳои иттилоотӣ вобаста аст. Бо технологияи муосир, иттилоот метавонад дар вақти воқеӣ байни корхонаҳо интиқол дода шавад, ки ба шумо имкон медиҳад, ки ба тағирот зуд вокуниш нишон диҳед ва вазифаҳоро берун аз навбат иҷро кунед. Технологияҳои иттилоотӣ инчунин ба истифодаи дурдасти хидматҳои гуногун имкон медиҳанд. Ин барои рушди хидматҳои соҳавӣ дар доираи системаи иттилоотии ташаккулёбанда шароит фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, бо вуҷуди ҳамаи бартариҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ, мушкилот низ ба миён меоянд.

Пайдоиши мушкилот ва хатарҳои нав инчунин ба пешрафти илм, технология ва василаҳои иттилоотӣ вобаста аст. Зеро, ҳар навовариро ҳам ба манфиат ва ҳам ба зарари ҷомеа истифода бурдан мумкин аст. Профессори Донишгоҳи Лиони Фаронса дар ин бора фикру мулоҳизаҳои худро чунин пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ: «Ҳамаи донишҳои инсоният – аз донишҳои илмӣ сар карда то донишҳои таҷрибавӣ, тамоми дастовардҳои техникию технологӣ, тамоми арзишҳои фарҳангӣ, аз ҷумла, адабиёт ва санъат, қонунҳо, урфу одатҳои динӣ ва ғайраҳо метавонанд ҳам ба фоидаи инсоният ва ҳам бар зарари ӯ истифода бурда шаванд. 90% натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, дар кадом шакле ки набошанд, дар соҳаи ҳарбӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, мубориза бар зидди ҳашарот метавонад заминаи пайдоиши ҷангҳои бактериологӣ шавад, воситаҳои мадҳушкунанда метавонанд ба сифати яроқ истифода гарданд, назорати

тағйирёбии иқлим барои ба вуҷуд омадани амалҳои агрессивии баъзе аз давлатҳо шароит фароҳам меоварад» [69, с.216].

Рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ низ, дар аввал бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногун ба роҳ монда шуда буд, вале неруҳои тахрибкор технологияҳои мазкурро барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию иқтисодии худ ба таври васеъ истифода менамоянд. М.М. Клименский қайд намуда буд, ки: «Дар миёни хавфу хатарҳое, ки аз рушди илм вобастаанд, кибертерроризм, ки дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотии замони муосир зоҳир мегардад, хеле хатарнок аст. Бинобар ин, кибертерроризм айни замон ба давлатҳои алоҳида ва умуман ба тартиботи ҷамъиятии ҳар як мамлакат таҳдид менамояд» [84, с.85]. Дар робита ба ин, дар ду даҳсолаи охир, дар заминаи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, олимон ва мутахассисон дар соҳаҳои гуногуни илмӣ ба омӯзиши кибертерроризм таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, онро ҳамчун падидаи манфии замони муосир меҳисобанд.

Дар даврони ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ интернет дар ҷои марказӣ қарор дорад ва тасаввур кардани рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ бе шабакаи глобалии интернет ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, истифодаи интернет, дастраси ҳамагон гардонидани он ва сатҳу сифати он яке аз омилҳои муҳимтарини рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба шумор меравад. Дар раванди истифодабарии шабакаи интернет ҳар як мамлакат ба ду мушкилоти асосӣ рӯ ба рӯ мегардад:

Якум, ташаккулдиҳии контенти миллӣ ва системаи иттилоотии мамлакат (бо забони давлатӣ сохта, ба истифода додани низомҳои иттилоотии соҳавӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ ва ғайраҳо).

Дуюм, ҳифзи иттилоот дар кишвар бояд таъмин карда шавад. Ин дар бар мегирад: таҳкими системаи иттилоотии давлат; баланд бардоштани

сатҳи саводнокии компютерии аҳолӣ; тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ; ҳифзи фазои иттилоотии кишвар аз таҳдидҳои киберӣ ба монанди терроризми киберӣ ва экстремизми киберӣ.

Бояд гуфт, ки: «Тайи ду даҳсолаи охир дар шабакаи интернет шабакаҳои мухталифи иҷтимоие ба вуҷуд омадаанд, ки ҳар яки онҳо хусусиятҳои ба худ хосеро доро мебошанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ агар аз як ҷониб иртиботи одамонро таъмин намоянд, аз ҷониби дигар, сарчашмаи тарғибу ташвиқи андешаҳои ифротӣ ба шумор мераванд. Масалан, айни замон дар шабакаи интернет чунин шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди «В Контакте», «Одноклассники», «Мой мир», «Facebook», «Twitter», «Habrahabr», «BeOn», «MYSPACE», «Мир тесен», «Yandex: Мой круг» ва монанди инҳо мавҷуданд, ки шумораи аъзошудагон дар онҳо садҳо ҳазор ва миллионҳо нафарро ташкил медиҳад. Масалан, агар шабакаи иҷтимоии «Facebook» мамлакати алоҳидае мебуд, он аз рӯйи шумораи аъзоёни худ баъди Чин, Ҳиндустон ва Америка дар олам ҷойи чорумро ишғол менамуд. Зеро танҳо дар 9 моҳи охир дар шабакаи мазкур зиёда аз 100 млн нафар истифодабарандагони нав ба қайд гирифта шудаанд. Шумораи аъзоёни шабакаҳои дигари иҷтимоӣ низ рӯз то рӯз рӯ ба афзоиш аст. Сабаби зиёд шудани аъзоёни онҳо дар он аст, ки фаъолони сиёсӣ ва рӯзноманигорони мустақил дар шабакаҳои мазкур дар бораи воқеа ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсии мамлакати худ маводи таҳлилӣ ҷой медиҳанд, то ки дигаронро низ аз муҳтавои он бархӯрдор намоянд» [94, с.136]. Дар солҳои охир, террористон, тундгароён ва ифротгароён барои паҳн кардани идеологияи худ ва ҷалби ҷонибдорони нав аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолона истифода мебаранд. Онҳо шуури одамонро бо паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва эҷоди тасаввуроти нодуруст дар бораи воқеият идора мекунанд. Бисёр одамоне, ки аъзои созмонҳои экстремистӣ ва

террористӣ мешаванд, маҳз тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ зери таъсири ин гурӯҳҳо қарор мегиранд.

Муҳаққиқи ватанӣ А.Н. Муҳаммад кибертерроризмро амали ҷиноятӣ муаррифӣ намуда, қайд менамояд, ки: «Ташкилотҳои террористӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ аз воситаҳои техникие истифода менамоянд, ки фурӯши озод доранд ва ҳамчун объекти инфраструктураи иттилооти давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо истифода аз ин дастрасӣ ташкилотҳои экстремистию террористӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ ғояҳои ғаразноки хешро паҳн менамоянд. Бештар воситаҳои мазкурро ташкилоти динӣ-экстремистии Ҳизб-ут-Таҳрир ба таври хеле фаъол истифода мебарад. Махсусан ин гуна мавод дар сомонаҳои ғайрирасмии онҳо ба таври ошкор интишор шудаанд. Айни замон на танҳо Ҳизб-ут-Таҳрир, Ҷамоати Ансоруллоҳ ва Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, балки дигар гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ташкилотҳои экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияткунанда воситаҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба таври васеъ истифода мебаранд» [95, с.58].

Давлатҳое, ки марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва рушдро аз сар гузаронидаанд ва ба сатҳи муайяни рушд расидаанд, махсусан дар муқобили таҳдидҳои киберӣ осебпазиранд. Ин барои он аст, ки барои таъмини пешрафт дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт бояд системаи мураккаб ва мукаммали иттилоотӣ таъсис дода шавад. Аммо, ин система, ки кафолати пешрафт ва рушд ҳисобида мешавад, инчунин ҳангоми рушди василаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ба муҳофизати бештар ниёз дорад. Бо рушди системаи иттилоотӣ вобастагии давлат аз кори бефосилаи василаҳои иттилоотӣ меафзояд. Зеро маҳз дар асоси технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва иртиботӣ рушди иқтисодии кишвар таъмин карда мешавад, компютеркунонии соҳаҳои гуногуни саноат ба амал меояд. Муҳаққиқи рус В.А. Мазуров иброз медорад, ки: «Соҳаҳои алоқа, энергетика, нақлиёт, низомҳои молиявию бонкдорӣ, соҳаи мудофиа ва

амнияти миллӣ, фаъолияти муназзами мақомоти давлатӣ аз технологияҳои пешрафтаи замони муосир ба таври васеъ истифода менамоянд, ки дар оянда низ чунин тамоюлот суръати тоза пайдо менамояд. Аз ин рӯ, кибертерроризм аз ҳама бештар ба он мамлакатҳое таҳдид менамояд, ки онҳо низомҳои бонкӣ, энергетикӣ ва нақлиётӣ доранд ва махсусан давлатҳое, ки барои рушди соҳаҳои мазкур аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода менамоянд» [91, с.43]. Дар чунин ҳолат, давлатҳо бояд чораҳоеро таҳия кунанд, ки ба ин сохторҳо имкон медиҳанд, ки бемалол кор кунанд ва роҳу воситаҳои муассирро барои ҳифзи онҳо пайдо кунанд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан барои ташаккулёбии он хеле зарур арзёбӣ мегардад. Зеро ин талаботи давру замон мебошад. Ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мегардад, рушди соҳаҳои гуногуни мамлакатро таъмин намуда, самаранокии идоракунии давлатию ҷамъиятиро бояд таъмин созад.

Бояд гуфт, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон як қатор монеаҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Пеш аз ҳама, масъалаи омода намудани мутахассисони соҳаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро рушди системаи иттилоотии мамлакат, сохтани сомонаҳои миллӣ ва умуман дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ аз мутахассисони ин соҳа вобаста мебошад. Бояд гуфт, ки баъди қабул гардидани Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ноябри соли 2003 тасдиқ шудааст, аллакай 21 сол сипарӣ гардид, аммо масъалаи омода кардани мутахассисони соҳаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва таъмин намудани соҳаҳои дигар бо мутахассисони варзидаи технологияҳои иттилоотӣ

(масалан, барномасозон, мутахассисони омодасози зеҳни сунъӣ, технологияҳои ҷадид ва ғайраҳо) то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст [52, с.118]. Ин аст, ки дар мамлакат раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ бо суръати хеле паст ба амал меояд. Чунин ҳолатро аз нишондодҳои созмонҳои байналмилалӣ, ки ҳамасола оид ба рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ рейтинги давлатҳои оламро тартиб медиҳанд, мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҳар сол созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ва муассисаҳои илмӣ таҳлили маълумоти омориро барои арзёбии сатҳи рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар кишварҳои гуногун ва рейтинги давлатҳо аз рӯйи дараҷаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ анҷом медиҳанд. Созмонҳои мазкур ба самтҳои истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои рушди тиҷорати электронӣ ва ҳукумати электронӣ диққати бештар медиҳанд. Айни замон панҷ шохиси муайянкунандаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ маълуму машҳуранд. **Якум,** шохиси омодагии шабакавӣ (Network Readiness Index – NRI), ки он ҳамасола аз ҷониби Ҳамоиши умумиҷаҳонии иқтисодӣ, Бонки умумиҷаҳонӣ ва Мактаби байналмилалии тиҷорат пешниҳод мегардад. **Дуюм,** шохиси имконниятҳои рақамӣ (Digital opportunity index, DOI) аз ҷониби Иттифоқи байналмилалии телекоммуникатсия муайян карда мешавад. **Сеюм,** шохиси омодагии электронӣ (e-readiness), ки аз ҷониби Шуъбаи истихбороти иқтисодӣ (Economist Intelligence Unit) ва Донишкадаи арзишҳои корӣ (Institute for Business Value) тартиб дода мешавад. **Чорум,** шохиси рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва инфрасохтори иттилоотии ҷомеа аз ҷониби Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ тартиб дода мешавад. **Панҷум,** шохиси омодагии мамлакатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ (E-Government Readiness Index), ки аз ҷониби СММ тартиб дода мешавад.

**1. Шохиси омодагии шабакавӣ (Network Readiness Index – NRI)** маҷмӯи нишондодҳое мебошад, ки барои муайян намудани рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии мамлакатҳои ҷаҳон истифода бурда мешавад. Шохиси мазкур соли 2001 таъсис дода шуда, аз соли 2002 ҳамасола оид ба рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотии ҷомеа дар давлатҳои ҷаҳон гузориши муфассалеро зери унвони «Гузориши ҷаҳонӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ» пешниҳод менамояд. Айни замон шохиси мазкур яке аз нишондодҳои расмие мебошад, ки барои муайян намудани иқтидори василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва имкониятҳои рушди онҳо таҳия мегардад. Шохиси омодагии шабакавӣ дараҷаи рушди василаҳои иттилоотию иртиботиро аз рӯйи 67 нишондод муайян менамояд. Нишондодҳои мазкурро одатан ба се гурӯҳи калон ҷудо мекунанд:

1) Шароит барои рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ - ин ҳолати муҳити корӣ ва заминаи меъерию ҳуқуқӣ, сатҳи рақобат, иқтидори инноватсионии давлат, системаи иттилоотӣ, имконияти сармоягузорӣ ба лоиҳаҳо ва дигар ҷанбаҳо мебошад.

2) То кадом андоза омода будани шаҳрвандон, ширкатҳои гуногуни мамлакат ва мақомоти давлатӣ барои истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ – мавқеи давлат дар муносибат бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, харҷҳои давлатӣ барои рушди ин соҳа, дастрасии технологияҳои иттилоотӣ барои тиҷорат, дастрасӣ ба шабакаи интернет, суръати интернет, дастрасӣ ба алоқаи мобилӣ, арзиши интернет, арзиши алоқаи мобилӣ ва ғайраҳо.

3) Истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаҳои гуногун: дар бахшҳои хусусӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ. Аз ҷумла, ин ба шумораи компютерҳои шахсӣ, корбарони интернет, муштариёни операторҳои мобилӣ, инчунин мавҷудияти захираҳои электронӣ ва интернетии

ташкилотҳои давлатӣ дахл дорад. Илова бар ин, истеҳсол ва истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар кишвар баррасӣ карда мешавад.

Барои муайян намудани нишондодҳои шохиси мазкур маълумотҳои омории як қатор созмонҳои байналмилалӣ истифода бурда мешаванд. Аз ҷумла, оморҳои солонаи СММ, Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ, Бонки умумиҷаҳонӣ, инчунин натиҷаи назарсанҷии ташаббускорони Ҳамоиши иқтисодии умумиҷаҳонӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Дар асоси омори умумии бадастомада мақоми давлатҳои гуногун дар рейтинги ҷаҳонӣ муайян карда мешавад.

Дар ҷадвали 2 номи давлатҳое, ки соли 2015 дар Шохиси омодагии шабакавӣ мақомҳои аввалро ишғол намудаанд, нишон дода шудааст. Инчунин, мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҷадвали мазкур мувофиқи рейтинги соли 2015 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Рейтинги давлатҳои ҷаҳон аз рӯйи Шохиси омодагии шабакавӣ [133] дар соли 2015**

| Мақоми давлат дар рейтинг | Мамлакат | Нишондоди умумӣ |
|---|---|---|
| 1 | Сингапур | 6.0 |
| 2 | Финляндия | 6.0 |
| 3 | Шветсия | 5.8 |
| 4 | Нидерландия | 5.8 |
| 5 | Норвегия | 5.8 |
| 6 | Швейтсария | 5.7 |
| 7 | Америка | 5.6 |
| 8 | Британияи Кабир | 5.6 |
| 9 | Люксембург | 5.6 |
| 10 | Япония | 5.6 |
| … | … | … |
| 117 | Тоҷикистон | 3.2 |
| … | … | … |
| 143 | Чад | 2.4 |

Аз ҷадвали мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 дар миёни 143 давлати дунё аз рӯйи рейтинги Шохиси омодагии шабакавӣ мақоми 117-умро ишғол намудааст. Солҳои 2011-2012 бошад, дар рейтинги мазкур Тоҷикистон дар миёни 142 давлат мақоми 114-умро ишғол намудааст (ниг. ба ҷадвали 3). Аз нишондодҳои ҷадвали 3 маълум мегардад, ки Тоҷикистон дар самти рушди василаҳои иттилоотию иртиботии мамлакат дар мақоми хеле паст қарор дорад.

**Ҷадвали 3.**

**Мақоми Тоҷикистон дар рейтинги Шохиси омодагии шабакавӣ (солҳои 2011-2015)**

| Солҳо | Мақоми ишғолнамуда | Шумораи давлатҳо дар рейтинг |
|---|---|---|
| 2015 | 117 | 143 |
| 2014 | - | 148 |
| 2013 | 112 | 144 |
| 2012 | 114 | 142 |
| 2011 | 114 | 142 |

**2. Шохиси имкониятҳои рақамӣ (Digital opportunity index, DOI)** маҷмӯи нишондодҳое мебошад, ки барои муайян намудани рушди василаҳои иттилоотию иртиботии мамлакатҳои алоҳида истифода бурда мешавад. Асосан дар шохиси мазкур зиёда аз 11 нишондод истифода мегарданд, ки онҳоро ба се гурӯҳи калон ҷудо намудаанд:

1) Имкониятҳо барои истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ:

– фоизи аҳолие, ки ба алоқаи мобилӣ дастрасӣ доранд;

– то кадом андоза дастраси аҳолӣ будани арзиши алоқаи мобилӣ (аз рӯйи нишондоди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолӣ);

– то кадом андоза дастраси аҳолӣ будани арзиши шабакаи интернет (аз рӯйи нишондоди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолӣ).

2) Низоми василаҳои иттилоотию иртиботӣ:

– шумораи оилаҳое, ки телефони ноқилӣ доранд (дар миёни 100 оила);

– шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ (дар миёни 100 нафар аҳолӣ);

– шумораи оилаҳое, ки ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд (дар миёни 100 оила);

– шумораи муштариёне, ки аз интернети мобилӣ истифода мебаранд (дар миёни 100 нафар аҳолӣ);

– шумораи оилаҳое, ки компютери фардӣ доранд (дар миёни 100 оила).

3) Истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ:

– шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет (дар миёни 100 нафар аҳолӣ);

– шумораи истифодабарандагоне, ки ба интернети баландсуръат дастрасӣ доранд (дар миёни 100 нафар аҳолӣ);

– шумораи истифодабарандагоне, ки ба интернети баландсуръати мобилӣ дастрасӣ доранд (дар миёни 100 нафар аҳолӣ).

Иттифоқи байналмилалии телекоммуникатсия (ITU), ки дар назди СММ таъсис дода шудааст, ҳамасола дар асоси нишондодҳои рушди василаҳои иттилоотию иртиботии мамлакатҳои алоҳида шохиси имкониятҳои рақамиро пешниҳод менамояд. Ҳамасола зиёда аз 180 давлати дунё бо нишондодҳои гуногун дар рейтинги шохиси мазкур ҷойгир карда мешаванд. Дар ҷадвали 4 номи давлатҳое, ки солҳои 2005-2006 дар шохиси имкониятҳои рақамӣ мақомҳои аввалро ишғол намудаанд, нишон дода шудааст. Инчунин, мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҷадвали мазкур мувофиқи рейтинги солҳои 2005-2006 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4.**

**Рейтинги давлатҳои ҷаҳон аз рӯйи Шохиси имкониятҳои рақамӣ [155] (солҳои 2005-2006)**

| Мақоми давлат дар рейтинг | Мамлакат | Нишондоди умумӣ |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Кореяи Ҷанубӣ | 0.80 |
| 2 | Япония | 0.77 |
| 3 | Дания | 0.76 |
| 4 | Исландия | 0.74 |
| 5 | Сингапур | 0.72 |
| 6 | Нидерландия | 0.71 |
| 7 | Тайван (Чин) | 0.71 |
| 8 | Гонконг (Чин) | 0.70 |
| 9 | Шветсия | 0.70 |
| 10 | Британияи Кабир | 0.69 |
| … | … | … |
| 143 | Тоҷикистон | 0.21 |
| … | … | … |
| 181 | Нигер | 0.03 |

Аз ҷадвали мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2005-2006 дар миёни 181 давлати дунё аз рӯйи рейтинги Шохиси имкониятҳои рақамӣ мақоми 143-юмро ишғол намудааст, ки ин нишондод хеле паст мебошад. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки дар мамлакати мо имкониятҳо барои истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ, системаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудаанд.

**3.Шохиси омодагии электронӣ (e-readiness)** дар асоси шаш нишондод тартиб дода мешавад. Нишондодҳои мазкур иборатанд аз: дастрасӣ ба иттилоот ва сатҳу сифати системаи иттилоотии мамлакат; вазъияти муҳити тиҷорати электронӣ; дараҷаи саводнокии компютерии аҳолӣ; муҳити ҳуқуқии мамлакат; сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ; истифодаи имкониятҳои интернетӣ дар бозори мамлакат. Бояд гуфт, ки ҳангоми тартиб додани шохиси мазкур ва муайян намудани рейтинги давлатҳои ҷаҳон оид ба рушди фазои электронии мамлакат зиёда аз 100

нишондодҳои сифатию миқдорӣ истифода бурда мешаванд, ки ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ ба шаш нишондоди дар боло номбаршуда шомил мегарданд.

Шумораи давлатҳое, ки ба шохиси мазкур ворид карда шудаанд, нисбат ба шохисҳои дигар камтар мебошанд. Масалан, соли 2006 ҳамагӣ 68 давлат, соли 2007 69 давлат, солҳои 2008-2009 ҳамагӣ 70 давлат ба шохиси мазкур ворид гардидаанд. Айни замон низ шумораи давлатҳои шохиси мазкур аз 80 зиёд нест. Вобаста ба шумораи маҳдуди давлатҳои шохиси омодагии электронӣ ҳаминро бояд ёдовар шавем, ки ба рейтинги мазкур асосан давлатҳои дорои тиҷорати рушдёфта ворид карда мешаванд. Он давлатҳое, ки ба талаботҳои минималии ин шохис ҷавобгӯ нестанд, аз рейтинг берун мемонанд. Ба шохиси мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ворид нашудааст. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ба талаботи минималии ин шохис ҷавобгӯ нест. Яъне, муҳити тиҷорати электронӣ дар мамлакат ва системаи он ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ нестанд. Чунин ҳолат минбаъд ҳам дар сиёсати иқтисодии мамлакат ва ҳам дар сиёсати иттилоотонии мамлакат бояд дар мадди аввал гузошта шавад.

**4. Шохиси рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ** дар асоси 11 нишондод тартиб дода мешавад. Ба воситаи шохиси мазкур таҳлили муқоисавии рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ анҷом дода мешавад. Ҳангоми баҳогузорӣ намудани пешрафти технологии давлатҳои алоҳида чунин масъалаҳо, ба монанди дастрасии аҳолӣ ба василаҳои иттилоотию иртиботӣ, сатҳу сифати истифодабарии онҳо, малакаҳои одамон дар соҳаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ ба инобат гирифта мешаванд. Махсусан, истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ, истифодаи компютер ва шабакаҳои иттилоотию компютерӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, шумораи муштариёне, ки ба интернети

баландсуръат дастрасӣ доранд ва дараҷаи саводнокии компютерии аҳолӣ дар маркази диққат қарор дода мешаванд.

Мувофиқи нишондодҳои шохиси мазкур, васоити алоқаи мобилӣ заминаи асосии рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба шумор меравад. Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ дар гузориши солонаи худ қайд менамояд, ки дар соли 2017 дар маҷмӯъ 60% аҳолии ҷаҳон аз алоқаи мобилӣ истифода менамоянд. Айни замон зиёда аз 70% давлатҳои олам пурра аҳолии худро бо алоқаи мобилӣ таъмин намудаанд. Дар давлатҳои тараққикарда бошад, ин нишондод ба 115% баробар гардидааст [141].

Дар гузориши мазкур қайд мегардад, ки ҳарчанд дастрасии аҳолии мамлакатҳои ҷаҳон ба шабакаи интернет мавҷуд бошад ҳам, мутаассифона, интернети баландсуръат дар ҳама ҷо дастрас нест. Тибқи омори пешниҳоднамуда дар давлатҳои мутараққӣ 23% аҳолӣ ва дар давлатҳои рӯ ба инкишоф ҳамагӣ 4% аҳолӣ ба интернети баландсуръат дастрасӣ доранд. Сол то сол арзиши интернет поён меравад, вале ба ин тамоюлот нигоҳ накарда, дастрасии одамон ба интернети баландсуръат ҳамоно дар сатҳи паст қарор дорад. Тамоюлоти мазкур бо даромади аҳолӣ ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат асоснок карда мешавад. Масалан, тибқи нишондодҳои Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ, солҳои 2009-2010 дар давлатҳои тараққикарда 1,5% ва дар давлатҳои рӯ ба инкишоф 17% ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ барои пардохти хизматрасониҳои интернетӣ ва алоқаи мобилӣ сарф гардидааст [76, с.23]. Албатта, барои давлатҳои рӯ ба инкишоф ин нишондод хеле баланд мебошад. Яъне, бо чунин арзиши баланд дастраси ҳамагон гардонидани шабакаи интернет ғайриимкон аст. Ба ибораи дигар, аҳолии давлатҳое, ки даромадашон зиёд аст, барои хизматрасониҳои соҳаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ нисбатан камтар маблағ сарф менамоянд ва баръакс, аҳолии давлатҳое, ки даромадашон камтар аст, барои хизматрасониҳои василаҳои иттилоотию иртиботӣ маҷбуранд, ки маблағи зиёд сарф намоянд.

**Ҷадвали 5.**

**Таносуби арзиши хизматрасониҳои василаҳои иттилоотию иртиботӣ бо ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ (соли 2010) [142]**

| Мақоми давлат дар рейтинг | Мамлакат | Арзиши хизматрасониҳои василаҳои иттилоотию иртиботӣ аз ҳисоби ҳиссаи ММД | Арзиши алоқаи мобилӣ аз ҳисоби ҳиссаи ММД | Арзиши интернети баландсуръат аз ҳисоби ҳиссаи ММД | Ҳиссаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ (бо дол. Америка) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Монако | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 203 900 |
| 2 | Макао (Чин) | 0,3 | 0,2 | 0,3 | 35 360 |
| 3 | Лихтенштейн | 0,4 | 0,2 | 0,5 | 113 210 |
| 4 | Гонконг (Чин) | 0,4 | 0,1 | 0,7 | 31 400 |
| 5 | Аморати Муттаҳидаи Араб | 0,4 | 0,2 | 0,8 | 57 340 |
| 6 | Сингапур | 0,5 | 0,3 | 0,9 | 37 220 |
| 7 | Люксенбург | 0,5 | 0,4 | 0,6 | 76 710 |
| 8 | Норвегия | 0,5 | 0,3 | 0,7 | 84 640 |
| 9 | Исландия | 0,5 | 0,5 | 0,7 | 43 430 |
| 10 | Дания | 0,6 | 0,2 | 0,9 | 59 060 |
| … | … | … | … | … | … |
| 140 | Тоҷикистон | 34,9 | 3,2 | 621,4 | 700 |
| … | … | … | … | … | … |
| 165 | Нигер | 71,6 | 73,4 | 210,5 | 340 |

Аз ҷадвали 5 мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ чӣ гуна таъсиргузорӣ менамояд. Мувофиқи нишондодҳои соли 2010 Тоҷикистон дар рейтинги Шохиси рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар миёни 165 давлат мақоми 140-умро ишғол намудааст, ки чунин нишондод хеле паст мебошад. Дар маҷмӯъ, аз рӯйи омори пешниҳодшуда барои оне, ки аҳолии мамлакат ба алоқаи мобилӣ ва

интернети баландсуръат дастрасӣ пайдо намоянд, онҳоро зарур аст, ки қариб 35% даромади худро барои пардохти ин навъи хизматрасониҳо сарф намоянд. Бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон арзиши алоқаи мобилӣ барои аҳолӣ дастрас мебошад. Зеро тибқи омори пешниҳодшуда ҳамагӣ 3,2% даромади аҳолӣ барои пардохти ин навъи хизматрасонӣ масраф мешавад. Аммо арзиши интернети баландсуръат хеле боло мебошад ва аз ин сабаб на ҳамаи одамон имкони дастрасӣ ба онро доранд. Маҳз чунин вазъият Тоҷикистонро дар рейтинги мазкур дар мақоми хеле поён қарор додааст.

Аз рӯйи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июни соли 2012 дар мамлакате, ки 8 млн аҳолӣ дорад, зиёда аз 7,4 млн муштарии ширкатҳои мобилӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 4,6 млн муштариёни фаъол ба ҳисоб меравандд. Аз рӯйи ин нишондод дар миёни 100 нафар аҳолӣ 61 нафарашон истифодабарандагони фаъоли алоқаи мобилӣ ба шумор мераванд. Дар соли 2012 истифодабарандагони шабакаи интернет 2,2 млн нафар нишон дода шудааст. Аксарияти истифодабарандагони интернет муштариёни ширкатҳои мобилӣ мебошанд, ки тариқи телефонҳои мобилӣ ба интернет пайвастаанд. Дар маҷмӯъ, соли 2012 дар миёни 100 нафар аҳолӣ 29 нафар муштариёни ширкатҳои мобилӣ аз шабакаи интернет истифода намудаанд [132].

**5.Шохиси омодагии мамлакатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ (E-Government Readiness Index)** аз ҷониби Департаменти рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид ҳамасола тартиб дода мешавад. Шохиси мазкур асосан барои муайян намудани рушди василаҳои иттилоотию иртиботии 191 давлати ҷаҳон ва мусоидат намудан ба рушди ҳукумати электронӣ пешбинӣ гардидааст. Дар шохиси мазкур тамоми нишондодҳо аз рӯйи омодагии давлатҳо барои рушди ҳукумати электронӣ ва иштироки электронии онҳо тартиб дода мешавад. Омилҳое,

ки дар раванди рушди ҳукумати электронӣ таъсиргузор мебошанд, ба таври зерин муайян карда шудаанд:

– иқтидори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои таъмин намудани рушди системаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва истифодабарии василаҳои мазкур барои беҳтару хубтар намудани хизматрасониҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва умуман омодагии давлат барои ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ;

– омодагии ҳукумат барои таъмин намудани аҳолӣ бо иттилоот ва донишҳои зарурӣ.

Дар раванди тартиб додани шохиси мазкур ба масъалаи дастрасии одамон ба ҳукумати электронӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Бинобар ин, рушди системаи технологии мамлакат, сатҳу сифати саводнокии компютерии қишрҳои гуногуни ҷомеа ва истифодаи имконияти василаҳои иттилоотию иртиботӣ барои таъмини рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат ҳамчун нишондодҳои асосӣ дониста мешаванд. Бояд гуфт, ки нишондодҳои шохиси мазкур барои роҳбарони ҳукуматҳо, сиёсатмадорон, коршиносон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ аҳамияти зиёд касб намудаанд. Зеро барои муайян намудани вазъият ва мавқеи давлат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин ояндабинӣ намудани рушди минбаъдаи мамлакат нишондодҳои мазкур хеле муҳим арзёбӣ мегарданд.

Шохиси омодагии кишварҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ аз рӯйи шумораи зиёди нишондодҳои сифатӣ тартиб дода мешавад. Аммо ҳамаи онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудаанд ва дар рейтинги шохиси мазкур низ аз рӯйи ин се нишондод баҳогузорӣ сурат мегирад:

1. Рушди сомонаҳои интернетӣ ва низомҳои иттилоотии ҳукуматӣ (Online Service Component).
2. Рушди системаи телекоммуникатсионӣ ва инфрасохтори иттилоотии ҷомеа (Telecommunication Infrustructure Component).

3. Рушди сармояи инсонӣ (Human Capital Component).

Таҳлили нишондодҳои шохиси мазкур нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо бо назардошти рушди сомонаҳои расмӣ ва низомҳои иттилоотии ҳукуматӣ амалӣ карда мешаванд. Бинобар сабабе, ки баҳогузорӣ намудани сомонаҳои расмии ҳамаи сохторҳои давлатӣ кори хеле мушкил аст, аз ин рӯ, таҳлили шаш манбаи иттилоотиро дар мадди аввал гузоштаанд. Пеш аз ҳама, сомонаи расмии ҳукумат ва сомонаҳои панҷ вазорат – вазоратҳои тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, молия мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода мешаванд. Бояд гуфт, ки сомонаҳои расмии ҳукуматӣ бояд манбаи муҳимми иттилоотӣ ва дорои системаи иттилоотӣ бошанд, то ки шаҳрвандони мамлакат бо истифода аз онҳо рушди соҳаро мушоҳида намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба саволҳои худ посухи дуруст ва аниқу дақиқ пайдо намоянд. Рушди системаи телекоммуникатсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ бошанд, дар асоси оморҳои соҳаи телекоммуникатсия таҳия мегарданд.

**Ҷадвали 6**

**Рейтинги омодагии давлатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ дар соли 2018 [163]**

| Мақоми давлат дар рейтинг | Мамлакат | Нишондоди умумӣ | Рушди сомонаҳои интернетӣ ва низомҳои иттилоотии | Рушди системаи телекомму-никатсионӣ | Рушди сармояи инсонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дания | 0.9 | 1.0 | 0.7 | 0.9 |
| 2 | Австралия | 0.9 | 0.9 | 0.7 | 1.0 |
| 3 | Кореяи Ҷанубӣ | 0.9 | 0.9 | 0.8 | 0.8 |
| 4 | Британияи Кабир | 0.8 | 0.9 | 0.8 | 0.9 |
| 5 | Шветсия | 0.8 | 0.9 | 0.7 | 0.9 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| …. | … | … | … | … | … |
| 131 | Тоҷикистон | 0.4 | 0.3 | 0.2 | 0.7 |
| … | … | … | … | … | … |
| 191 | Судон | 0.1 | 0.1 | 0.02 | 0.2 |

Аз ҷадвали 6 мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар соли 2018 Тоҷикистон дар байни 191 давлати ҷаҳон дар рейтинги рушди ҳукумати электронӣ мақоми 131-умро ишғол намудааст, ки ин нишондод нисбатан паст мебошад. Мушкилии асосӣ дар сатҳи паст қарор доштани сомонаҳои расмии давлатӣ ва рушди нокифояи системаи телекоммуникатсионии мамлакат мебошад. Ҳарчанд Тоҷикистон аз соли 2010 барои ташаккул додани ҳукумати электронӣ икдоми ҷиддӣ пеш гирифта бошад ҳам, ҳанӯз ҳам аз рӯйи нишондодҳои шохиси омодагии давлатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ дар мавқеи поён қарор дорад (ниг. ба ҷадвали 7). Сабабҳои чунин тамоюлот бо мавҷудияти як қатор масъалаҳо ва мушкилиҳои дохилии мамлакат асоснок карда мешаванд. Аз ҷумла, даромади пасти аҳолӣ, дар сатҳи паст қарор доштани ташаббусҳои эҷодӣ дар соҳаи телекоммуникатсия, дар сатҳи паст қарор доштани истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ, нарасидани мутахассисони касбии соҳаи телекоммуникатсия ва ғайраҳо.

**Ҷадвали 7**

**Рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Мақоми давлат дар рейтинг | Нишондоди умумӣ | Рушди сомонаҳои интернетӣ ва низомҳои иттилоотӣ | Рушди системаи телекомму-никатсионӣ | Рушди сармояи инсонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2018 | 131 | 0.42 | 0.34 | 0.22 | 0.70 |
| 2016 | 139 | 0.33 | 0.12 | 0.18 | 0.70 |
| 2014 | 129 | 0.33 | 0.06 | 0.23 | 0.72 |
| 2012 | 122 | 0.40 | 0.24 | 0.14 | 0.83 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 122 | 0.34 | 0.03 | 0.02 | 0.29 |

Ҳамин тариқ, мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, мо ба чунин натиҷаҳо расидем:

– раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои аввали рушди худ қарор дорад. Ҳарчанд дар мамлакат заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар сатҳи зарурӣ қарор дошта бошад ҳам, бинобар сабаби дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор дода нашудани василаҳои иттилоотию иртиботӣ системаи иттилоотии мамлакат дар ҳоли ташаккулёбист. Пеш аз ҳама, нарасидани мутахассисони соҳаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ дар амал татбиқ намудани барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои давлатиро ғайриимкон мегардонад. Инчунин, дар сатҳи паст қарор доштани саводнокии компютерии шаҳрвандони мамлакат имкон намедиҳад, ки истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Гузашта аз ин, дар мамлакат шумораи ками одамон ба интернети баландсуръат дастрасӣ доранд. Гарон будани арзиши интернет барои аҳолии мамлакат истифодаи хизматрасониҳои электрониро маҳдуд мегардонад;

– дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди сохтани сомонаҳои расмии ҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ тайи солҳои охир фаъол гардид, аммо онҳо ҳанӯз ҳам талаботи ҷомеаро қонеъ сохта наметавонанд. Зеро дар аксар маврид аз сомонаҳои мазкур иттилооти зарурӣ ба даст овардан ғайриимкон аст. Сохта ба истифода додани низомҳои иттилоотии соҳавӣ ва ташкил намудани низомҳои иттилоотӣ марҳилаи навбатии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Мутаассифона, ин раванд дар кишварамон ҳанӯз оғоз нагардидааст. Ба истисноi соҳаи иқтисодиёт, ки дар он интиқоли пул, пардохтҳо ва супоридани андоз ба низомҳои иттилоотии электронӣ гузаронида шудаанд, дар соҳаҳои дигар, аз қабили соҳаҳои сиёсат,

иҷтимоиёт, фарҳанг, санъат, фароғат ва ғайраҳо, ҳанӯз ҳам низомҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои электронӣ ба назар намерасанд;

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дарояндаи наздик мушкилиҳои мавҷудаеро, ки дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ монеа мешаванд, бартараф намояд. Зеро мушкилиҳои номбаргардида дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ба таври ҷиддӣ халал расонида, гузариш ба марҳилаи навбатии рушди онро ғайриимкон мегардонанд.

# ХУЛОСА

Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро дар шароити муосир (дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳқиқ намуда, мо ба хулосаҳои зерин расидем:

– инқилобҳои иттилоотӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таъсири амиқ расонида, муносибатҳои ҷамъиятиро ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ намуда истодаанд. Дар чунин шароит омӯзиши масъалаҳои ҷудогонаи ҳаёти сиёсии ҷомеа бо дарназардошти инқилобҳои иттилоотию коммуникатсионӣ хеле муҳим ба шумор мераванд. Зеро технологияҳои иттилоотии замони муосир, пеш аз ҳама, ба муносибатҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ таъсири амиқ расонида, шаклҳои зоҳиршавии равандҳои сиёсиро дигаргун намуда истодаанд. Дар чунин шароит роҳу усулҳои таъсиррасонии сиёсӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва умуман тарзи ташкили системаи идоракунии давлатӣ мазмуну мундариҷаи худро тағйир дода истодаанд. Раванди чунин дигаргуниҳо дар аксар маврид раванди ҷаҳонишавӣ муаррифӣ гардад ҳам, онро раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ номидан мумкин аст. Зеро пайдоиш ва ташаккулёбии ҳам ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳам ҷаҳонишавӣ маҳз бо пайдоиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир алоқамандии зич доранд. Аммо бояд дар назар дошт, ки ҷомеаи иттилоотӣ барои ҷаҳонишавӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Иттилоот манбаи асосии ҷомеаи иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ омили муҳимми пешрафти иқтисодӣ ба шумор рафта, вобаста ба сатҳу сифати онҳо давлатҳо дар муносибат бо якдигар дар рақобати шадид қарор мегиранд;

– дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногун ба амал меояд. Дар чунин шароит истифодаи технологияҳои мазкур дар соҳаи сиёсат низ ногузир мегардад. Аз ин рӯ, давлатҳои алоҳида дар зери

таъсири равандҳои сиёсии оштинопазир маҷбур мегарданд, ки муносибати худро бо ҷомеа тағйир диҳанд. Дар ин раванд бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташаккулёбии ҳукумати электронӣ оғоз мегардад, ки моҳияти онро истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар системаи идоракунии давлатӣ ташкил медиҳад. Технологияҳои ҳушманд ба ҳукуматҳо имкон медиҳанд, ки аз болои ҷомеа назоратро хубтару беҳтар намоянд, аммо аз ҷониби дигар, назорати ҷамъиятӣ ба сатҳу сифати нав мегузарад;

– дар ҳар як мамлакат дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва махсусан дар зери таъсири рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин раванд новобаста аз майлу хоҳиши давлат ба амал меояд ва дар шароити беэътиноӣ зоҳир намудан ба равандҳои мазкур таъсири онҳо ба рафтори одамон, шуури ҷамъиятӣ ва умуман барои ҷомеа оқибатҳои нохуби сиёсӣ меоваранд;

– дар шароити муосир бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири сиёсати «неруи маҳин», ғасби иттилоотӣ, паҳн гардидани иттилооти экстремистию ифротӣ ва таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ, махсусан таъсири кибертерроризм ва киберэкстремизм дар ҷомеа ба мушоҳида мерасанд. Бинобар ин, ҳар як мамлакатро зарур аст, ки бо назардошти хусусиятҳои фарҳангию иҷтимоии ҷомеа назарияи рушди ҷомеаи иттилоотии худро қабул намояд ва дар доираи он барномаҳои гуногуни давлатию ҳукуматӣ қабул намуда, сиёсати иттилоотонии худро ба самти муайян ва дар сатҳи зарурӣ ба амал барорад;

– он давлатҳое, ки ҳадафмандона ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардидаанд, на танҳо ба пешрафти илмию технологӣ ва техникию ҷамъиятӣ ноил шудаанд, балки симои фарҳангии кишвари худ ва арзишҳои миллии худро то дараҷаи зарурӣ ҳифз намудаанд. Аз ин рӯ, дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ ва дар заминаи онҳо ташаккул додани системаи иттилоотии ватанӣ барои ҳар як мамлакат зарурати давру замон ба шумор меравад. Гузашта аз ин, таъмини пешрафти иқтисодӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат бе истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир ғайриимкон мебошад;

– бо дарназардошти зарурат ва муҳиммияти рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар раванди таҳқиқот заминаҳои рушди ин навъи ҷомеа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ба омилҳои сиёсии он таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст. Дар заминаи ин гуна омӯзиш ва махсусан дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи олам маълум гардид, ки давлат дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ нақши калидӣ дорад. Зеро кишварҳои пешрафтаи олам маҳз бо ташаббуси барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ тавонистаанд марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеаи иттилоотиро паси сар намоянд;

– Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар самти ташаккулёбии давлати миллӣ ва ҷомеаи мутамаддин қадамҳои устувор гузошта истодааст. Инчунин, рушди ҷомеаи иттилоотӣ низ дар мамлакатамон дар ибтидои солҳои 2000 оғоз гардида буд. Ҳарчанд дар ин самт муваффақиятҳо ба назар расанд ҳам, ҳанӯз ҳам мушкилиҳо хеле зиёданд ва маҳз мушкилиҳои мазкур имкон намедиҳанд, ки рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат дар сатҳи зарурӣ таъмин гардад. Дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала вобаста ба ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта хулосаҳои илман асоснокшуда ва пешниҳодҳои амалӣ коркард шудаанд;

